**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ**
**НОСИРИ ХУСРАВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 371+373+(575.3)**
**ТКБ: 74. 200.+ 74. 2 (2 Тоҷик)**
**А-85**

**АСОМИДДИНЗОДА ҲУСЕЙН МУҲИДИН**

# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИ РАВИЯВИИ МУАСИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

**(дар мисоли фанни биологияи соҳаи биология-география)**

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Холназаров Санг - доктори илмҳои педагогӣ, профессор**

**БОХТАР - 2025**

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **Ихтисораҳо**................................................................ | 3 |
| **Муқаддима**................................................................. | 4 |
| **Тавсифи умумии таҳқиқот**.................................................... | 7 |
| **Боби 1. Асосҳои назариявии рушди фаъолияти маърифатӣ хонандагон дар зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ** | |
| 1.1. Вазъи масъалаи рушди фаъолияти маърифатии хонандагон дар назария ва амалияи илми педагогика............................................... | 16 |
| 1.2. Рушди фаъолияти маърифатӣ хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявии муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умуммӣ | 42 |
| 1.3. Шароити ҳатмии педагогии татбиқи амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ........................................................................ | 67 |
| Хулосаи боби якум........................................................................ | 86 |
| **Боби 2. Омоиши педагогии доир ба рушди фоъолияти маърифатии синфҳои болоӣ** | |
| 2.1. Ҳадаф, вазифаҳо ва методҳои ташкили кори таҷрибавию озмоишӣ........................................................................... | 91 |
| 2.2. Технологияи рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ......................... | 102 |
| 2.3. Таҳлили натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ...................... | 144 |
| Хулосаи боби дуюм...................................................................... | 154 |
| Хулосаҳо | |
| 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия........................................ | 157 |
| 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо............................. | 158 |
| **Номгӯи адабиёт** | |
| 1. Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия................................. | 161 |
| 2. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарѐфти дараҷаи илмӣ | 179 |
| Замимаҳо.......................................................................... | 188 |

## Ихтисораҳо

**З** – занона.
**М** – мардона.
**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**ТИ** – технологияи иттилоотӣ.
**ГО** – гурӯҳҳои озмоишӣ.
**ГМ** – гурӯҳҳои муқарарӣ.
**ҲТ** – ҳаҷми таваҷҷуҳ.
**ТТ** – тақсимоти таваҷҷуҳ.
**УТ** – устувории таваҷҷуҳ.
**СН** – сатҳи нокифоя.
**СБ** – сатҳи буҳронӣ.
**СК** – сатҳи кифоя.
**КИ** – модалият – кинестетик.
**АУ** – аудиал.
**ВИ** – визуал.
**КМД** – кори мустақилонаи донишҷӯѐн.
**КМХ** – кори мустақилонаи хонандагон.
**ВАО** – васитаи ахбори омма.
**ДММ** – дониш, маҳорат ва малака.
**СММ** – созмони милали мутаҳҳид.
**НПТ** – нақшаи появии таълим
**САН** – мизоҷ – сангвиник.
**ХОЛ** – холерик.
**ФЛЕ** – флегматик.
**МЕЛ** – меланхолик.
**ИНТ** – хосиятҳои мизоҷ – интроверт.
**ЭКС** – экстраверт.
**ННЧ** – нафари дорои нимкураи чап.
**ННР** – нафари дорои нимкураи рост.
**ТИИ** – технологияҳои иттилоотию иртиботӣ.
**МАМН** – маърифати асосноккунии мисоли натиҷа.
**МТМУ** – муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ.
**МТОК** – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.
**АФНМС** – ассиметрияи функсионалии нимкураҳои майнаи сар.

# МУҚАДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Имрӯз таҳсилоти муосир дар марҳилаи таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад. Аз ин ру, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ва омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои басо пурмасъулият гузошта мешавад. Бояд дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар хонандагон ҳиссиёти қавӣ ба таҳсилот ва аз худ намудани асосҳои донишҳои илмӣ  бедор карда шавад. Ҳамзамон, дар марҳилаи ислоҳоти соҳаи маориф аз кормандони масъули соҳаи маориф ва омӯзгорон босалоҳиятнокӣ ва дорои тафаккури эҷодиро талаб мекунад. Ҳамзамон, барои шаҳрвандони ҷомеаи муосир, шахсони дорои маънавияти баланд ва фаъоле заруранд, ки қобил бошанд амалҳои созандаро дар шароити гуногун роҳандозӣ намуда, маҳорати  ҳамкорӣ, фаъолиятнокӣ ва созандагиро намоиш дода тавонанд. Маълум аст, ки ноил гардидан ба ин ҳадаф бе баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таҳсилӣ ва муносибати мусбат ба таълим амали мушкил аст.

Имрӯз метавон гуфт, ки маърифатнокии хонандагон афзоиш ёфта, нерӯи зеҳнии хонандагон барои азхудкунии асосҳои донишҳои замонавӣ тақвият ёфта истодааст ва хонандагон метавонанд овони таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ин ё он равияи таълимро интихоб намоянд. Таълими равиявӣ бошад, воситаи фардисозӣ ва фарқгузории раванди таълимӣ буда, имкон медиҳад, то ки мазмун, сохтор ва ташкили раванди таълим тағйир дода шуда, майлу рағбат, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ба назар гирифта шуда, пешзаминаҳо барои таълими хонандагони синфҳои болоӣ мутобиқан бо мақсадҳои онҳо ва майлу рағбатҳои касбӣ ташаккул дода шаванд.

Дар соҳаи таҳсилоти муосир таълими равиявӣ ба азхудкунии амиқи донишҳо мусоидат намуда, ҳамзамон ба омодасозии хонандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар қадар рағбати хонандагон дар муасссисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо интихоби касб муайян шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти бештар вуҷуд дорад, ки ҷомеа дар оянда мутахассиси эҷодкор ва соҳибкасби хубро ба даст орад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба масъалаи таълими равиявӣ олимони ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд намудаанд. Масъалаи мазкурро олимони рус М.В. Антропов («Дар гимназия таълими дифференсиалии индувидуалӣ») (1996), Г.В. Бородкин («Ҷанбаҳои тиббию физиологии таълими инфиродии дифференсионии хонандагони синфҳои болоӣ») (1997), Л.М. Кузнетсов («Баҳодиҳии физиологӣ ва гигиении таълими инкишоф дар синфҳои ибтидоӣ») (1999), Г.Г. Манке («Баҳодиҳии физиологӣ ва гигиении таълими инкишоф дар синфҳои ибтидоӣ») (1999), Т.М. Параничев («Ҷанбаҳои тиббию физиологии таълими инфиродии дифференсионии хонандагони синфҳои болоӣ») (1997) аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудаанд. Ҳамзамон, ба масъалаҳои беҳтарсозии мазмуни таҳсилот дар пояи некбинӣ, зеҳният ва ташаккули фаъолияти фикрии хонандагон, азхудкунии саводнокӣ аз ҷониби онҳо таҳқиқотҳои А.Н. Ростовтсев («Қабрҳои фаромушнашаванда» (1999), А.К. Маркова «Ташаккули ҳавасмандии омӯзгор») (1990) ва дигарон бахшида шудаанд.

Таҳқиқоти рушди фаъолнокии маърифатӣ дар самтҳои мухталиф: эҷоди фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ аз ҷониби П.И. Пидкасистий («Санъати таълим») (1998), А.Е. Рисенкова («Шакли коллективонаи ташкили кори таълиму тарбия ҳамчун воситаи фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии хонандагони мактабҳои шабона») (1999), Е.В. Коротаева («Технологияҳои таълимӣ дар фаъолияти маърифатии мактаббачагон») (2003), Н.С. Костин («Ташаккули манфиатҳои маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ») (1971), В.В. Краевский («Таҳқиқоти илмӣ дар педагогикаи муосир») (2005), Г.И. Хозяинов («Маҳорати педагогии муаллим») (1988), В.А. Беликов («Асосҳои дидактикии таҳкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатии мактаббачагон») (1994), Б.П. Беспалко («Унсурҳои технологияи педагогӣ») (1989), Л.В. Василева («Корҳои амалӣ аз химияи ғайриорганикӣ») (1978), Е.Н. Кабанова-Меллер («Масъалаҳои психологии шахсият ва фаъолияти донишҷӯён») таҳқиқ карда шудаст.

Солҳои охир таълими равиявӣ таваҷҷуҳи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба худ ҷалб намудааст Аз ҷумла, ба масъалаи мазкур таҳқиқотҳои олимон  У. Зубайдов «Химия» (2007), Қ.Б. Қодиров Корҳои лабораторӣ аз химияи органикӣ» (2019), М. Лутфуллозода «Дидактика» (2000), Ф. Шарифзода «Омӯзши ҳамгироӣ асоси рушд ва таълим» (1995), С. Холназаров «Методикаи таълими химия» (2015), Қ.С. Абдураҳимов «Тавсияҳои методӣ оид ба гузарондани таҷрибаҳои химиявӣ» (2009), Ғ.М. Бобизода «Озмоишҳои мустақилона аз химияи органикӣ» (2016),  Ҳ. Маҷидов «Методикаи фанҳои табиатшиносӣ» (2015) ва дигарон бахшида шудаанд.

Масълаҳои марбут ба таълими равиявӣ аз фаннҳои табиатшиносӣ аз ҷониби олимони тоҷик: Ҳ. Маҷидов «Методикаи фанҳои табиатшиносӣ» (2015), , Т. Бобоев «Истифодаи тестҳо дар таълими химия» (2011), М. Саъдуллоева «Фаъолияти антиоксидантии пептидҳое, ки аз сафедаҳои орди пахта ба даст меоянд» (2021), Ҳ.Ш. Туйчиев «Масъалаҳои экологӣ» (2007), М. Шерматов «Табдилдиҳандаҳои фотоэлектрикӣ» (2019), Б.А. Қодиров «Ҷанбаҳои дидактикии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими донишгоҳ» (2006), А.Г. Мирзомамадов «Омӯзиши коэффисенти адсорбсияи катализаторҳои кобалт дар шароити дарёи Кушониён дар муҳити электролит» (2019) ва дигарон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Асосҳои консептуалии таълими равиявӣ аз фанни биология, физикаи тиббӣ, омодасозии омӯзгорони биология дар корҳои муҳаққиқони тоҷик: Э.С. Шерматов «Табдилдиҳандаҳои фотоэлектрикӣ» (2019), С.П. Расулов «Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2019), А.А. Туйчиев «Масъалаҳои экологӣ» (2007), Х.Б. Алимова «Барномаҳои таълимии химия» (2010) ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди дар самти таълими равиявӣ як қатор таҳқиқотҳо анҷом дода шуда бошанд ҳам вале ҳанӯз паҳлуҳои алоҳидаи ин масъала ба пуррагӣ таҳқиқ нашудаанд.

Ҳамин тавр, бо назардошти камтаҳқиқ будани таълими равиявӣ, махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзӯи **«Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ)»**-ро интихоб намудем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Хулосабарориҳо аз таҳқиқоти мазкур дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонанд. Мавзуи таҳқиқотии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ таҳқиқотии методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» буда муаллиф дар ин муддат 10 мақола таҳия ва ба табъ расонидааст, ки онҳо мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳия ва далелнок сохтани амсилаи фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми равиявӣ ва шароитҳои умумии педагогии ҳалли он.

***Вазифаҳои таҳқиқот:***

1. Омӯзиши адабиёти психологӣ ва педагогӣ доир ба масъалаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ.

2. Тарҳрезии амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ.

3. Нишон додан, аз ҷиҳати назариявӣ далелнок сохтан ва таҳқиқу озмоишӣ маҷмуи шароити педагогӣ барои фаъолияти натиҷаноки амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ.

4. Таҳия ва далелнок сохтани технологияҳо доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ.

**Объекти таҳқиқот** Омӯзиши таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи таҳқиқот** Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ

**Фарзияи таҳқиқот** Дар хонандагони синфҳои болои такмил додани босалоҳиятноки таълими маърифатӣ дар ҳолате нисбат муътадил амалӣ карда мешавад, агар:

1. Дар системаи таълимӣ равиявии синфҳои болоӣ амсилаи рушди фаъолиятӣ маърифатӣ дар асоси муносибати системавии фаъолияти босалоҳият кор карда шуда, амалӣ карда шавад;

2. Дар рафти озмоиши педагогии таҳқиқот мазмун шароитҳои педагогӣ муаян ва санҷида мешаванд, ки чунин нуқтаҳоро дар бар гирифт.

а) Фаъолияти эҷодӣ, татбиқи зеҳнӣ, таълимӣ субективии хонандагонро мазмуни маводи ташаккул медиҳад.

б) Таълими ба шахсият нигаронидашуда давра ба давра амалӣ карда шуда давраҳои ташхисии таълимӣ- маърифатӣ бесалоҳияти хонандагон ҳавасмандкунӣ мақсаднокӣ ташкили фаъолияти таълими равиявиро дар бар мегирад.

в) Муносибати субъективӣ маводӣ ба бартарии шакл дода шавад,ки мувафақиятнокии азхудкуни дониш таъмин менамояд ва инчунин дорои супоришҳои мураккабии гуногун буда ба рушди фаъолияти хонандагони синфҳои боло нигаронида шудааст.

г) Ба омӯзгор лозим аст, ки ҳангоми ташкили таълим шакли демократии назорати раванди таълимро интихоб намояд .

***Марҳала, макон ва давраҳои таҳқиқот:***

*марҳилаи аввал (солҳои 2013-2014*) – ҷустуҷӯию назариявӣ-таҳқиқи назариявӣ ва амалии вазъи масъала доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ гузаронида шуда, манбаъҳо ва адабиёти (корҳои диссертатсионӣ, мақолаҳои илмӣ ва ғ.) доир ба кори диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд;

ихтилофот муайян карда шуда, дастгоҳи мафҳумӣ тарҳрезӣ шуда, озмоиши собиткунанда гузаронида шуд, ки дараҷаи воқеии рушдёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатиро дар хонандагони синфҳои болоӣ муайян сохт. Дар низоми таълими равиявӣ амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ таҳия карда шуд. Дар марҳилаи аввал шаклҳои зерини таҳқиқот ба кор бурда шуданд: омӯзиши ҳуҷҷатҳои дастурамалию методӣ ва меъёрӣ доир ба масъалаи мазкур; мушоҳидаҳои педагогӣ; тарзҳои амсиласозӣ; ҷамъбаст ва таҳлили назариявии адабиёти психологӣ фалсафӣ ва педагогӣ ки ба масъалаи таҳқиқот бахшида шудаанд.

*марҳилаи дуюми озмоишӣ (солҳои 2015-2017)* ташкили гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ, гузаронидани озмоиши рушдиҳандаро дар бар гирифт. Дар низоми таълими равиявӣ амсилаи таҳияшудаи педагогӣ доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ мавриди санҷиш қарор гирифт. Инчунин дар низоми таълими равиявӣ эҷоди маҷмуи шароити педагогӣ барои татбиқи амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ амалӣ карда шуд. Технология доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ таҳия карда шуда, мавриди корбаст қарор гирифт. Дар марҳилаи мазкур шаклҳои зерин ба кор бурда шуданд: амсиласозӣ; озмоиши педагогӣ; тестгузаронӣ, пурсиш, омӯзиши маҳсулоти фаъолияти таҳсилии хонандагон, назорати педагогӣ.

*марҳилаи сеюм таҳлилӣ (солҳои 2018-2021)* ҷамъбасти маводи таҳқиқот, таҳлил ва низомбандӣ, коркарди оморӣ ва шарҳу тавзеҳи маълумоти бадастомадаро фаро мегирад, ки натиҷанокии ҷорикунии амсилаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоиро дар низоми муоширати равиявӣ дар амалияи муассиссаҳои таҳсилоти миёна тасдиқ менамоянд. Доир ба масъалаҳои таҳқиқот таҳияи тавсияҳои методӣ гузаронида шуда, хулосагириҳо анҷом ёфта, ороиши кори диссертатсионӣ амалӣ карда шуд. Дар марҳилаи мазкур ба коркарди маълумоти озмоишӣ усулҳои оморӣ, низомбандӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ба кор бурда шуданд.

***Асосҳои назариявии таҳқиқотро*** дар низоми таълими равиявӣ асосноккунии маҳсулнокии ҳаллу фасли масъала доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз мавқеи муносибатҳои низомию фаъолиятӣ, шахсиятӣ ва босалоҳиятнокӣ гузаронид шуд, ки имкониятҳоро дар ташаккули минбаъдаи назария доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ фароҳам месозад; мафҳуми «босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ» мушаххассозӣ гардид, мо дараҷаи рушдёбандагии таҷрибаи корбуди самараноки маҳорату малакаҳои умумитаълимиро дар раванди фаъолияти таълими мустақилона гузоштану ҳалли масъалаҳоро мавриди таҳлил қарор додем.

***Сарчашмаи маълумот*** таҳлили адабиёти психологию педагогӣ, фалсафӣ-методологӣ оид ба масъалаи рушди фаъолияти маърифатии хонандагон, омӯзиши коргузории мактабӣ, мушоҳида, пур кардани пурсишнома, пурсиши омӯзгорон ва хонандагон.

***Заминаҳои эмпирикӣ:***

– методҳои таҳлили сифатӣ ва миқдории озмоиши педагогӣ,

– коркарди оморӣ.

– методҳои назариявӣ;

– методҳои эмпирикӣ;

***Пойгоҳи таҳқиқот*** литсейи №1 ноҳияи Хуросон ва литсейи №1 ш. Бохтари вилояти Хатлон. Таҳқиқоти иловагӣ дар пояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 5,6 ва 9 ш. Бохтар гузаронида шуд.

***Навгонии илмии таҳқиқот:***

1. Технология доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти марҳилавӣ будани амалисозии амсилаи таҳияшуда ва шароити фаолият ва ташаккули натиҷаноки онро таъмин менамояд.

2. Амсилаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои

болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти хоси он консепсияи корбасти ҳадди аксари имкониятҳои таълими равиявӣ барои ноилшавӣ ба марҳилаи эҷодию таҳаввулдиҳандаи босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ аз ҷониби хонандагон мебошад.

3. Маҷмӯи шароити педагогии фаъолият ва ташаккули босифат дар низоми таълими равиявии амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷиҳати назариявӣ далелнок карда шуда, аз ҷиҳати озмоишӣ мавриди санҷиш қарор гирифт.

***Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Маҷмӯи шароити педагогӣ, ки сифатнокии фаъолият ва ташаккули амсиларо таъмин менамоянд. Шарти аввал маҷмӯи маводи таълимиеро, ки барои хонандагон эҷоди хати сайри таҳсилотии субъективиро таъмин менамоянд. Шарти дуюми нақш ва ҷойгоҳи муносибати инфиродиро барои балоиҳагирии кори таълимию-тарбиявии ханадагонро, ки дар синфҳои болоӣ мехонанд, муқарар намудем, барои як давра кори таълимию-тарбиявии онҳо усулҳои мушаххасро интихоб кардем. Шарти сеюми педагогӣ дар низоми таълими равиявӣ имкониятҳои ҳамкории субеъектҳоеро, ки ба раванди таҳсилот шомил карда шудаанд, муқаррар месозад.

2. Дар низоми таълими равиявӣ амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ, ки дар асоси муносибати инафиродӣ тарҳрезӣ шудааст, ба муайянсозии ҳадафҳои таълим; методҳо, усулҳо ва шаклҳои таълиме нигаронида шудааст, ки хусусиятҳои инфиродии таълимгирандгон ва тағйироти суратгирандаро дар фаъолияти фаъоли маърифатии ҳар як таълимгиранда, барои тасдиқ ѐ ислоҳсозии муҳити рушдѐбанда ба назар мегиранд.

3. Дар низоми таълими равиявӣ технологияи таҳияшуда доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ қобил аст татбиқи амсилаи таҳияшударо ба таври марҳилавӣ таъмин намояд. Ба таркиби технология пойгоҳ доир ба лоиҳакашии раванди педагогии низоми таълими

равиявӣ шомил карда шудааст, ки ба рушди босалоҳиятнокӣ дар фаъолияти таҳсилию маърифатӣ нигаронида шудааст.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот*** натиҷаҳои дар ҷараѐни гузаронидани таҳқиқот бадастомада барои истифода дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миѐна, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии касбии педагогӣ, тавсия дода мешавад:

- маводи дидактикие таҳия шуданд, ки сатҳҳои гуногуни супориш, сарбориҳои ба воя тақсимшудаи таълимӣ, усулҳо ва шаклҳои инфиродии таълимиро, ки ба инкишоф дар низоми таълими равиявӣ ва муътадил будани машғулиятҳои таълимӣ мутамарказ гардидаанд, дар бар мегиранд;

- тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миѐна доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагон таҳия шуданд;

- меъѐрҳои арзѐбие, ки имкон медиҳанд сифатнокии рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ маълум карда шавад, муқарар карда шуданд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** тавассути услуби муносибати системавӣ ва дигар услубҳои барои давраҳои таҳқиқотӣ мувофиқ , ташхиси педагогии илман асоснокшуда бо такя ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ, натиҷагирӣ аз фаъолияти таҷрибави-озмоиши, тасдиқи мафҳумҳое, ки дар фарзия баѐн гардидаанд таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати омӯзгор, таъмин карда мешавад.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ кори*** диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд:

- *банди 3.2* Аппарати консептуалии педагогика, омӯзиши асосҳои методологии таълим ва тарбияи шахс;

- *банди 3.3.* Мавқеъ ва нақши педагогика дар ҳаѐти маънавии ҷомеа, инсон ва донишҳои илмӣ;

- *банди 3.5.* Пешгӯии педагогӣ (тадқиқоти методология ва усулҳои пешгуии тараққиѐти педагогика ва маориф, муайян кардани перспективаҳои тараққиѐти онҳо дар мамлакати мо ва берун аз он);

- *банди 4.1.* Асоснок кардан ва татбиқ намудани консепсияҳо, системаҳои педагогӣ, тадқиқоти равишҳои ташкил ва такмили раванди интегралии педагогӣ;

- *банди 4.1.1.* Муайян намудани шароити оптималии ташаккули шахсият дар раванди таълим;

- *банди 4.1.2.* Муайян ва таҳияи роҳҳои муттаҳидсозии мактаб, оила ва ҷомеа дар татбиқи тарбияи мақсадноки шахсият;

- *банди 5.1.* Таҳлили рушди таърихии амалияи институтсионалӣ ва ғайриинститутсионии маориф, сиѐсати давлат дар соҳаи маориф ва танзими ҳуқуқии он;

- *банди 5.1.1.* Омӯзиши ташаккул ва инкишофи афкори педагогӣ, консепсияҳо, назарияҳо, мероси педагогии омӯзгорони барҷастаи замони гузашта;

- *банди 7.1.* Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навигариҳои педагогӣ;

- *банди 7.1.1.* Тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбӣ ва педагогии омӯзгор;

- *банди 7.1.5.* Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, ҳамкории сотсиалии муассисаҳои таълимӣ.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқотро*** давраи тӯлонии таҳқиқот, ки дар шароитҳои мушоҳида, назорат, низоми методологӣ, муносибати фардӣ-эҷодӣ, татбиқи технологияи комплексии таҳқиқот, муқоисаи маълумоти дар синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ бадастомада, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати роҳбари гурӯҳи омӯзгорон ва иштироки бевоситаи ӯ дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ менамояд.

***Тасвиб ва амалисозии натичаҳои диссертатсия.***Самаранокии диссертатсияро натиҷаҳои таҳқиқот, тамоюл ба корҳои назариявӣ дар таълими равиявӣ, усулҳое, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, натиҷаҳои озмоишӣ педагогӣ, ҳузури  шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия нишон дода шудаанд исбот намуда, дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амалӣ, эмперикӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ ифода ѐфтааст.

Дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Мушкилоти экологӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ» (Данғара, 2014), «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба А.Рӯдакӣ дар тарбияи кадрҳо (бахшида ба 70-солагии)», (Кӯлоб, 2017) ба нашр расонида шудааст.

***Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.*** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 10 интишороти муаллиф инъикос ѐфтаанд, ки аз онҳо 8-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи  Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 2-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиѐт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарѐфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 207  саҳифаи матни компютерии бо ѐрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 20 расму диаграмма ва 25 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиѐт фарогири 174 номгӯй мебошад.

# Боби I.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ ХОНАНДАГОН ДАР ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 1.1. Вазъи масъалаи рушди фаъолияти маърифатии хонандагон дар назария ва амалияи илми педагогика

Ба сифати масъалаи муҳим, ки рушди шахсиятро муайян месозад, нақши фаъолиятро ба ташаккули насли нав ҳамчун фаъолияти ҷамъиятӣ ҳисобидан мумкин аст. Масъалаи фаъолият – ин омӯзиши илмҳои гуногун дар бораи ҷомеаи инсонӣ буда, асоси муҳимми ташаккули инсон ҳамчун шахсият мебошад.

Имкониятҳои равопазири фаъолият барои ташаккули инсон ба таври ғайриоддӣ азиманд. Онҳо хеле васеъ ва бисѐрҷанба мебошанд. Тавонгарии фаъолият, тавре философҳо изҳори назар мекунанд, беохир аст. Онро бо ягон хел барнома, ягон хел тарҳрезии махсус арзѐбӣ кардан ғайриимкон аст.

Ҳангоми омӯзиши нақши фаъолият дар ташаккули хонанда равшан кардан зарур аст, ки дар кадом фаъолият ташаккули босуръати ӯ ҳамчун шахсият сурат мегирад.

Таҳқиқотҳои илмӣ раванди ҳамкории инсон ва олами атрофро муайян месозанд. Моҳияти фаъолияти инсонӣ аз таҳаввули воқеият иборат буда, инсон қодир аст ба олами объективии атроф фаъолона таъсир расонад. Дар фаъолият инсон олами объективиро дарк карда, диалектикаи ташаккули онро азхуд менамоянд, малакаҳои пешина, дастовардҳои ҳаѐти ҷамъиятиро ба мерос гирифта, ба таври мутавозӣ инсон ҳаѐти ҷамъиятиро ғанӣ мегардонад ва табиатро дигаргун сохта, дар айни замон олами воқеии объективиро *«такмил»* месозад.

Инсон дар фаъолияти мазкури ташаккулдиҳандаи бисѐрзина худашро касб карда, ҳамчун эҷодкор, офаранда ва субъект баромад мекунад.

Инсон, табиатро тағйир дода, табиати шахсии худро дар ҳудуди соҳибкорие, ки онро ба фаъолият саҳмгузорӣ мекунад, дигаргун сохта, онро

бо шуур, ҳаяҷон, илҳом, ваҷҳҳои ботинӣ ғанӣ мегардонад. Дигаргуншавӣ, ислоҳот, рушди инсон берун аз фаъолнокии он бенатиҷа анҷом меёбанд.

Аз нуқтаи назари философӣ фаъолият аз методи муносибати ба таври хос инсонӣ ба олам иборат аст, ки дар ин раванд инсон созандагӣ карда табиатро дигаргун месозад, дар ин ҷо субъекти фаъол мебошад ва падидаҳои аз ҷониби ӯ омӯхташаванда мавзӯи фаъолияти он мебошанд. Дар кори И.С. Якиманская [170, с. 176] хусусиятҳои гуногуни фаъолияте, ки ба навъи муайяни он хосанд, ишора шудаанд:

- фаъолият нишонаи хоси муносибати инсонӣ ба олам ҳисобида мешавад;
- фаъолият низомро дар кулл ҳамчун муносибатҳои субъект→субъектӣ ва объект→субъектӣ тавсиф медиҳад;
- фаъолият доимо предмет ва объект ҳисоб меёбад
- фаъолият системаи универсалӣ буда, шахсиятро ташаккул дода метавонад;
- ҷараёни ғайритабииест, ки ба шохаҳои сертарафи ҷараёнхои табиӣ ва илмию табиӣ дохил мешаванд;
- аз сохтори ҳалқавӣ (занҷири сарбаста) иборат аст;
- эҳтимолияти ҳадафмандии озод;
- на бо вазифаҳои биологӣ, балки бо барномаҳои ташаккулёфтаи иҷтимоию фарҳангӣ муаян мешавад.

Ба назарияи умумии фаъолият такя намуда, мо ба он ҳуқуқ дорем чунин шуморем, ки фаъолият ядрои раванди таълим аз он ҷумла биология мебошад. Инсоният бе фаъолияти таҳсилӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад, бидуни он интиқоли малакаҳо аз насл ба насл ба амал меояд.

Раванди таълим зарурати чунин методҳои фаъолиятеро тақозо менамояд, ки дар онҳо як қисм таълимдиҳанда барои интиқоли таҷриба масъул буда, қисми дигар – таълимгиранда, дар ноилшавӣ ба таҷрибаи ҷамъиятӣ, дигаргунсозии он ба дастоварди инфиродии масъул мебошад. Ҳарду ҷузъи кор дар ҷараёни таълим мавҷуданд ва зарурияти онҳо дар он аст, ки моҳияти ҷараёни таълимро ташкил медиҳад.

Фаъолнокии маърифатӣ чун махсусияти шахсияти дар кори мустақилонаи тадқиқотии субъекҳои таълим зоҳир мегардад.

Чунончи фаъолият нишон медиҳад, ки фаъолияти назариявии фикрӣ ва амалӣ дар ягонагӣ ҷараён мегирад. Фаъолияти маърифатӣ дар давраҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти одамон, дар робитаи мутақобилаи ҷамъиятии таълимгирандагон, дар дилхоҳ намуди кор ба воситаи фаъолияти ба воситаи фаъолияти гуногуни инкомпазиршаванда замни таълими фанҳо, хусусан биология,ки ҳаллу фасли масали таҳқиқот, балоиҳагирӣ ва ҳ.ғ.-ро дар бар мегирад, татбиқ меёбад. Инсон узви ҷомеа ва табиат ҳисоб ва фаъолияти маърифатӣ- таълимӣ, ки фаъолияти худи инсон мебошад, дар ҷараёни омӯзиш амалӣ мегардад.

Технологияҳои инноватсионие, ки аз тарафи омӯзгорон корбурдашуда ба субъектҳои педагогӣ имконияти ҳастиро ба вуҷуд меоранд. Таълимгирандагон дар касбинтихобкунӣ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд, бинобар ин дар мундариҷа ва таркиботи кори таълимӣ гузуштан аз тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифати ҷараён мегирад. Моҳияти ва махсусияти масоили таълимӣ аввалин нишондиҳандаи самаранок ширкат варзидани хонандагон дар ба нақшашагирии вазъияти проблемавӣ мебошад. Барои таълимгирандагон масъалае, ки сабабгори пайдошавии саволҳо намегардад, диқатҷалбкунанда намебошад.

Аз ин рӯ омӯзгорон дар дарсҳои таълимии хеш ягон хел ваъияти таълимии проблемавиро бо маҳорати калон эҷод кунанд.

Омӯзгор уҳдадор аст, ки фаъолияти фикрию нутқии таълимгирандагон, сермаҳсул ва натиҷанок гардониданидани ин фаъолиятро ташшаккул диҳанд раванди, таълиму тарбияро арзишнок намояд. Аммо сестемаи ғайрифаъоли ҳоло мавҷудаи таълим фаъолияти маърифатии таълимгирандагонро рушд намедиҳад, чунки гӯѐ фаъолияти маърифатӣ дар хонандагоне, ки дар синфҳои болои таҳсил мекунанд, рушд ѐфтааст дар сатҳи баланд қарор гирифтааст. Вале дар синф шогирдон, шахсони доройӣ маҳоратҳо принсипҳо ва назарҳои гуногун қарор гирифта, барои ҳар як шахсияти алоҳида сифатҳи

психологӣ ва маънавии худ, шавқу ҳавасҳои худ, биниши воқеияти худ хос мебошанд.

Ҳангоми дида баромадани мафҳуми *«фаъолият»* дар асоси ҷанбаи назариявии он равоншиносон фаъолияти маърифатиро аз фаъолияти таълимӣ фарқ гузотаанд.

Назар ба *«фаъолияти маърифатӣ»* доираи истифодаи *«фаъолияти таълимӣ»* васеътар аст , зеро фаъолияти таълимӣ аз нуқтаи назараи фаъолияти таълимгиранда ва фаъолияти таълимдиҳанда баррасӣ мешавад.

Фаъолияти таълимгиранда то дараҷаи зиёд бо мафҳуми *«фаъолияти таълимӣ»* тавсиф меёбад. Маҳз маърифати олам дар натиҷаи ҳар гуна фаъолияти инсон сурат мегирад. Ба сифати фаъолияти маърифатӣ фаъолиятеро меноманд, ки ба азхудкунии донишҳо, методҳо ва қобилиятҳои нав нигаронида шудааст.

Фаъолияти маърифатӣ дар тақвият додани дарку андарёфти воеқияти атроф, дар аз нав ба вуҷуд овардани сифати ашёҳои нав ба воситаи системаи хоссае, ки аз тарафи таълимгирандагон эҷод мегардад инъикос меёбад. Фаъолияти маърифатӣ як қисми ҷараёни таълим буда, ҳамкориҳои системаноку мақсадноки субъекҳои таълимро дар назар дорад. Тавассути ин намуди фаъолият таълимгирандагон донишу усулҳои нави фаъолиятро азхуд мекунанд.

Фаъолияти маърифати тибқи хулосаҳои фавқулзикр, фаъолияти барои ҷомеа аҳамиятнок мебошад. Инчунин он фаъолияти дастаҷамъона, методи ҳамкории хонанда ва омӯзгор буда, аз равандҳои маърифатӣ ва иҷтимоишавии насли наврас иборат мебошад.

Мо бо таърифи Е.В. Коротаева дар хусуси он, ки фаъолияти маърифати ҷараёни дутарафа, робитаҳои дутарафа мебошад, ҳамфикрем. Аз як тараф омӯзгор худро ташаккул медиҳад ва татбиқ месозад аз тарафи дигар бо ин роҳ фаъолияти маърифатии таълимгирандагонро ташкил мекунад. Саъю кӯшишҳои омӯзгор ба он мерасонад, ки фаъолнокии таълимгиранда, ки

хоссагиҳои ходро дораду аз тарафи омӯзгор ташкил карда мешавад, ба фаъолнокии шахсии ӯ табдил меёбад. [78, с. 146].

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки фаъолноки ва фаъолноксозиро, ки гуногунмаъниянд аз мадди назари худ дур накунем.

***Ташаббускорӣ*** – ҳолатест, ки ин на танҳо кордонии шахсият, балки аз вижагиҳои кори ӯ вобастаги дорад ва дар он хоссагиҳо мундариҷаи кор ва ақидаи худи таълимгиранда, инчунин хоҳиши равонасозии саъю талошҳои иродавӣ ва маънавии худ ба ноилшавӣ ба ҳадафҳои раванди таълимию маърифатӣ ошкор мешаванд [78].

Фаъолнокшавӣ таъсири беруна ба объект мебошад, ки рушдёбии ғайратмандии онро таъмин менамояд [78].

Дар раванди фаъолияти маърифатӣ ба баланд гардидани дараҷаи фаъолнокии шахсият, рушди фаъолнокии маърифати, ки аз берун ба шахсият таъсир мерасонад, мусоидат менамояд.

Олимони сершуморе ҷанбаҳои гуногуни рушди фаъолнокии маърифатиро таҳқиқ кардаанд. П.И. Пидкасистий [109, с. 184], Ҷ. Шарифзода [161, с. 176] ва дигарон масъалаҳои ташкилии фаъолияти маърифатии мустақилонаро мавриди омӯзиш қарор додаанд; аз ҷониби онҳо ва дигарон рушд ва ташкили фаъолияти маърифатии самти эҷодию ҷустуҷӯӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст; К. Абдураҳимзода [1, с. 70] У. Зубайдов [52, с. 125] С. Холназаров [155, с. 222] дар ҷараёни таҳқиқоти хеш исбот кардаанд, ки барои болоравии сатҳи донишу маҳорат ва малакаҳои таълимгирандагон инкишофёбии хонандагон дар ҷараёни таълим зарур аст; Ҷ. Шарифзода [161], Г.И. Шукина [166, с. 160] ва дигарон ташаккули майлу рағбатҳои маърифатии хонандагонро дар ҷанбаи умумии дидактикӣ баррасӣ кардаанд Қ.Б. Қодиров [69, с. 134] ва Е.В. Коротяева [79, с. 156-159] усул ва методҳои оқилонаи фаъолияти маърифатии хонандагонро таҳия намуда, онҳоро дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намуданд.

Дидактҳо қайд мекунанд, ки рушди фаъолияти маърифатӣ аз хонандагон дараҷаи зарурии фаъолнокӣ риоя кардани шароити муайяншуда, ки аз

педагогҳо такмили усули таълимро талаб дорад [79]. Барои рушди фаъолноки хонандагон шаклҳои мақсадноки фаъолияти маърифатӣ, ҳамбастагии методҳои умумӣ ва инфиродии кор, рушди ваҷҳҳои ботинӣ ба таълим зарур аст.

Ба ақидаи Е.В. Коротаева вобаста аз дараҷаи сифатҳои психологию педагогии хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дараҷаҳои зерини фаъолияти маърифатӣ ҳузур дошта метавонанд:

а) муносибати фаъол ба фаъолияти маърифатӣ (дарки бошууронаи мавод, иҷрои кор бо майли том, тамоил ба кори мустақилона);

б) сатҳи фаъолнокии иҷроишӣ (вақте ки зарурати омӯхтани мавод ба вуҷуд меояд, хонандагон онро тавассути чунин методҳо ва дар он ҳаҷме меомӯзанд, ки чӣ қадар омӯзгор интизор аст);

в) сатҳи сифрӣ (хонандагон аз фаъолияти таҳсилӣ рӯй мегардонанд; онҳо бефаъолиятанд, барои онҳо фишор аз ҷониби омӯзгор зарур аст);

г) сатҳи нисбатан баланд (майлу рағбат танҳо дар вазъиятҳои мушаххасе пайдо мешавад, ки бо мазмуни ҷолиби маводи таълимӣ ё шаклҳои хоси мавод алоқаманданд);

д) сатҳи эҷодӣ (ин метод муносибати хос, ғайристандартии худро ба мавод зоҳир мекунад).

Ташаббускории хонанда дар тамоми раванди ташаккули шахсият шакл гирифта, онро ҳамроҳӣ мекунад. Тағйироти назаррас дар фаъолияти хонандагон низ инъикос меёбанд.

Замони ҳозира рушди фаъолнокӣ, эҷодкори, ташабускори, мутақилиятнокиро дар кори таълимӣ талаб мекунад ба муқарарсозии консепсияи такмилдиҳии чораёни таълими тамоми фанҳо аз ҷумла фанни биология мусоидат менамоянд.

Фаъолияти рушдёбандаи таҳсилию маърифатӣ ба афзоиши натиҷанокии раванди таҳсилотӣ мусоидат намуда, ташаббусҳои эҷодиро дар фаъолияти таълими маърифатӣ ташаккул дода, хастагии педагогҳо ва хонандагонро коҳиш медиҳад.

Эҷодкорӣ бо фаъолнокӣ робитаи мутақобила дорад – вақте ки инсон созандакорӣ мекунад, он гоҳ натиҷаҳои беҳтарини меҳнат ба вуҷуд омада, ҳолати физиологӣ ва психикии он такмил меёбад.

Дар ин ҷо гузаронидани таҳлили таҳаввули масъаларо доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагон зарур мешуморем. Дар аксари ҳолатҳо он аз мавқеи фаъолияти одии маърифатӣ ва фаъолнокии маърифатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Се категорияи асосиро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар асоси онҳо мутафакирони машҳури соҳаи педагогика дар тули таърихи инсоният фаъолияти маърифатиро омӯхтаанд.

Арасту, Архити Тарентӣ, Афлотун ва Суқрот, ки мутафакирони бузурги Юнони Қадим буданд, чуқуру пурра аз худ кардани донишҳоро нишон доданд ва онҳо ба консепсияи якум асос гузоштаанд. Дар асоси донишҳои замонҳои хеш онҳо ба хулосае омаданд, ки барои инкишофдиҳии шахсият фаъолияти маърифатиро бояд рушду малакаҳои шахсиятро ташаккул дод.

Ақидаи мутафакирони Юнони Қадимро Томас Мор, Томазо Кампанелла, Фарансуа Рабле идома дода, дар марҳалаи қориазёдкунӣ, қолабӣ ва схоластика ба рушди ҳаматарафаи шахсияти фаъолнок, тафаккури интиқодидошта даъват мекарданд. Барои рушд додани сифатҳои мазкур ба худи онҳо пешниҳод карда мешуд, ки роҳи худро интихоб кунанд, мустақилона донишҳои навро касб намоянд.

Нуқтаи назари мазкурро К.Д. Ушинский, Г.С. Сковорода, Жан Жак Руссо, Ян Амос Коменский, А. Дистервег ва дигарон ҷониборӣ карда, дар муҳокимаҳои педагогии онҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Конспесияҳо ва таълимоти аз ҷониби ин олимон дар бораи таълим ва тарбия таҳияшуда принсипи мустақилият ва рушди фаъолнокии таълимгирандаро ба яке аз принсипҳои муҳимми дидактика мубаддал гардонидаанд.

Асосогузори консепсияи дуюмӣ, ки онро консепсияи дидактикию методологӣ низ номидан мумкин аст, Ян Амос Коменский мебошад. Моҳияти консепсияи мазкур аз таҳияи методҳои амалию ташкилӣ доир ба ҷалби таълимгирандагон ба рушди фаъолияти фаъоли маърифатӣ иборат

мебошад. Ӯ таҳлили назариявии тадрис – фаъолияти омӯзгорро пешниҳод кард, ки ба ҷалби таълимгиандагон ба раванди маърифатӣ нигаронида шудааст. Ин консепсия дар давоми якчанд садсолаҳо ташаккул ѐфта, натиҷаҳои мусбати амалӣ медиҳад.

Консепсияи дидактикию методологӣ фаъолона дар замони муосир низ рушд ѐфта истодааст. Ба ҷонибҳои заифи консепсияи мазкур таҳлили ба таври нокифоя амиқи фаъолияти таълимгирандаро нисбат додан мумкин аст.

Моҳияти консепсияи сеюм аз он иборат аст, ки фанни таҳқиқот худи фаъолияти эҷодии хонандагон, хусусиятҳои фаъоли онҳо мебошад. Саволе ба миѐн меояд – раванди маърифатӣ чӣ тавр сурат мегирад? Ба саволи мазкур ҳадафи асосии консепсияи дактикию психологӣ ҷавоб медиҳад, яъне: фаъолияти таълимгирандагонро фаъолнок кардан зарур аст. Маорифпарвар ва педагоги бузург Константин Дмитриевич Ушинский аввалин шуда дар масъалаи мазкур ба таҳияи консепсияи мазкур иқдом кард.

***Дидактика*** – ин намуди хоси фаъолияте мебошад, ки ба сифати ҷузъи асосии он К.Д. Ушинский мавҷуд будани *«фаъолияти озодро»* дар таълимгирандагон меҳисобид. Чӣ тавр раванди маърифатиро бояд фаъолнок кард, чӣ тавр омӯзишро озод кард К.Д. Ушинский ин масъалаҳоро ҳаллу фасл намуда, лаҳзаҳои психологӣ ва объективии мантиқии маърифатро мавриди таҳлил қарор медиҳад [210, с. 527-530].

Дар корҳои илмии педагогҳо ва психологҳои намоѐн М. Лутфулозода [96, с. 147], Б.Т. Лихач [92, с. 10-19], Т.С. Назарова [104, с. 23-25], Ф. Шафирзода [162, с. 115], ва дигарон ишора карда мешавад, ки дар марҳилаи муосири рушди афкори педагогӣ таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар таълимгирандагон зоҳир карда шавад.

Нақши мастаҳакамкунандаи илм дар эҷодиѐт ва истеҳсолот омили муҳими фаъолияти маърифатии таълимгирандагон ҳисоб меѐбад. Миқдори кормандоне, ки дар фаъолияти хеш аз илм истифода мебаранду корҳои озмоиши ва таҳқиқотро мегузаронанд. Донишҳои амиқ, мавҷудияти

донишҳои васеъ, маҳорату малакаҳои тафаккури интиқодӣ, мустақилона эҷодкунӣ барои толибилмон лозиманд.

Омилҳои дигар низ (иҷтимои маънавӣ истеҳсолӣ) худро ошкор намуда, ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣҳо таъсири худро мерасонанд. Омилҳои маскур дар афзоиш талаботи барномаи таълими ва нақшаҳои таълимии соҳаи маорифӣ ҷумҳури ифода ёфт. Ҳоло барои пурзурсозии сифати таълим методҳое корбурд мегарданд, ки қаблан дар илм мавриди истифода қарор дошт.

Аз ин лиҳоз, омӯзгорон ба таълими проблемавӣ гузаштанд; ба усули таҳаввулоти дар МТМУ, ки аз онҳо ба солҳои 20-уми асри ХХ дар МТМУ-ҳо хеле васеъ корбурд мукарданд, диққати калон медиҳад.

Дар таҳқиқоти дидактикӣ, ки солҳои 60-уми қарни гузашта гузаронида шудаанд, норасоиҳои зиёде аён гардидаанд ва онҳо ба таҷрибаи ташаккул додани фаъолияти ақлонӣ ва фаъолнокии маърифатии хонандагон таъсири номатлуб мерасонанд. Дар миқдори зиёди номукаммалиҳои анъанавӣ ошкор карда шуда ба амалия таъсири ғайримусбат расонида, ба ҳалли масъалаҳо доир ба ташаккули фаъолияти фикрӣ ва фаъолнокии маърифатии хонандагон таъсири манфӣ мерасониданд. Дар раванди таълимӣ амалан фарқгузории синну солӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифт ва бе татбиқи пайдарпайи он барканорсозии *«бефарзандӣ»* дар педагогика баргузор намегардид. Дар дидактика мақоми пешбарро зеҳнии финалӣ дошт (дар раванди таълим нақши ҳиссиёт, эҳсосот, тахайюлот ночиз буд) кори тимсоли ақлонӣ табдилгардонии донишҳо ба ақидаи шахсӣ ва ғайра аён карда мешуд.

Тавре баъзе педагогҳо ақида доранд, камбудии асосии раванди таълиме, ки рушди фаъолнокии таълимгирандагон ва майлу рағбатҳои маърифатии онҳоро зимни азхудкунии донишҳо халалдор месозад, арзёбии нокифояи омили эҳсосотӣ мебошад.

Дар сохтори истифодаи омили эҳсосотии хонандагон ба таълим таҷрибаи омӯзгор В.Ф. Шаталов мавриди таваҷҷуҳи муайян мебошад. Ӯ ба эҳсосот ва ваҷҳҳо дар раванди таълим таваҷҷуҳи калон зоҳир мекард. Низоми

принсипҳои дидактикие, ки дар оғози солҳои 80-уми садсолаи гузашта пешниҳод ва далелнок карда шуд, принсипи муҳити мусбати эҳсосотии таълимро дар бар мегирад.

Таваҷҷуҳи амиқ ба хонанда, ба шахсияти ташаккулёбандаи ӯ бо зарурати тақвияти робитаи таълим бо ҳаёт, бо малакаҳои меҳнатӣ, шахсии таълимгирандагон ба миён омадааст. Ин инчунин боиси зарур будани дарку андарёфти муносибати фарқгузоранда ба таълим ва принсипи фардисозии хонандагон шуд. Аз солҳои 70-уми асри XX шурӯъ карда, тафриқагузорӣ ва инфиродисозӣ барои дар таълимгирандагон рушд додани эҷодкорӣ ва фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дар ҷараёни таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла биология омухта шудаанд.

Фарқгузорӣ ва фардисозии раванди таълим дар ҷараёни омӯзиши биология (барномасозии мошинӣ ва ғайримошинӣ, корбурди масъалаҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ аз ҷонибби таълимгирандагон ба воситаи фаъолияте, ки вижагиҳои кори маърифатнокӣ ва сатҳи донишу малакаҳо тестиронӣ ва ғайраҳоро ба назар мегиранд) татбиқ гардида, маънои назаррасро низ дар ҳалли чунин масъалаи мубрам ҳамчун коҳиш додани ба соли дигар мондан ва қафомонии хонандагон доро буд.

Дар раванди педагогӣ сохтори фаъолияти хонандагон бо барномаҳои таълимӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар баробари ин, муҳим он низ аст, ки чӣ тавр хонандагон сохтори мазкурро азхуд карда, донишҳо ва маҳоратҳои худро васеъ мекунанд.

Бо мақсади афзудани фаъолнокии маърифатии таълимгирандагон ба сохтори он таъғироту иловаҳо ворид мегардад ва асоси онро ҳакориҳои таълимгирандагон зимни азхудкунии маводи таълимӣ ташкил медиҳанд. Ба ин сохтори таълими инноватсионии аз ҷониби М.И. Лукянова [5, с. 26-32] таҳияшуда ҳамроҳ мешавад, ки дар вазъи фаъолияти муштараки пурмаҳсули омӯзгор бо хонанда асос ёфтааст. Ба андешаи аксари омӯзгони навовар барои баланд бардоштани сифати таълим истифодаи методу усулҳои интерактивӣ зарур аст.

Тибқи маълумоти мавҷуда, дар педагогика инкишофи фаъолияти маърифатии таълимгирандагон масъалаи хеле муҳим ҳисоб меравад.

Таҳти рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ мо таъсироти мақсадноки берунаро ба хонандагон дар раванди таълими равиявӣ мефаҳмем, ки ба такмили огоҳмандии таълимию маърифатӣ нигаронида шудааст.

Дар адабиёти фалсафӣ ва психологию педагогӣ маҷмӯи муқарраршуда ва возеҳи меъёрҳое, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро тавсиф медиҳанд, вуҷуд надорад. Ба масъалаи муайянсозии нишондиҳандаҳои возеҳи миқдорие, ки фаъолияти маърифатии таълимгирандагонро тавсиф медиҳанд, дар таҳқиқоти педагогҳо ва манбаъҳои адабиётӣ таваҷҷуҳи нокифоя зоҳир карда шудааст.

Мусаллам аст, ки дар пояи нерӯҳо, маҳоратҳо равандҳои зеҳнӣ гузошта шудаанд, ки таҳқиқи онҳо салоҳияти психология, ва на дидактика, мебошад. Дар натиҷаи ин, аз нуқтаи назари мо, меъёри натиҷаноктар маҳсули салоҳияти таълимию маърифатӣ, яъне фаъолияти таълимӣ мебошад.

Мафҳумҳои *«салоҳиянокӣ»* ва *«салоҳият»*-ро дида мебароем. Дар амалия ва назарияи педагогӣ муносибатҳои гуногун ба кушода додани моҳияти истилоҳоти *«салоҳиянокӣ»* ва *«салоҳият»* таҳия шудаанд. Ин истилоҳот шарҳи гуногун доранд. Фарҳанги вожаҳои хориҷӣ калимаи *«Салоҳият»*-ро чун ваколати ягон нафар ё масъалае, ки ягон созмону муассиса ва ғайра ҳаллу фасл менамояд, тафсир мекунад.




**Расми 1. – Амсилаи таҳқиқотҳои педагогӣ**

*Competence* (англ.) – қобилият (салоҳият); *competere* – коромад, мутобиқат кардан, competent (франс.) – ваколатдор, босалоҳият; competent (лот.) – қобил, мувофиқ мебошад [71].

С.Е. Шишов дар кори худ [164, с. 30-34] таърифи салоҳиятро ҳамчун қобилияти умумие шарҳ медиҳад, ки дар малакаҳо, донишҳо, арзишҳо, саъю талошҳо, ки ба туфайли таълим касб шудаанд, асос ѐфтаанд.

Маҳорату малакаи якҷоя ҳал кардани ин ѐ он масъаларо, ки дар ҳаѐт ба вуҷуд меояд босалоҳиятнокӣ меноманд. [71].

Дар хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ маҳорату малакаҳои эҷодкории шахси, бояд ба вуҷуд ояд ва он босалоҳиятнокии асосӣ ном дорад.

Босалоҳиятнокии таҳсилотӣ маҳорати малакаи таълимгирандагон барои амалигардонии фаъолияти маърифати ҳисоб меѐбад. [71].

Босалоҳиятнокӣ – ин маҳорату малакаи якҷояи таълимгирандагон дар ҳаллу фасли масоили ғайрианъанавӣ, ки дар машғулиятҳои таълими ҳосил мешаванд.

Ба андешаи педагоги варзидаи точик М. Лутфуллозода дар кори худ [97, с. 258] *«босалоҳиянокӣ»* ва *«босалоҳият»*, аз тарафи педагогҳои тоҷик ба

сифати муродиф истифода мешаванд, бояд фарқгузорӣ карда шаванд. М. Лутфуллоев чунин ақида дорад, ки салоҳият – ин маҷмӯи сифатҳои бо ҳамдигар алоқаманди инсон (усули фаъолият, донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳо) мебошанд, ки ба равандҳо ва мавзӯъҳои муайян дода шуда, заруранд, то ки шахсият тавонад нисбати онҳо пурмаҳсул ва босифат амал кунад. Ӯ инчунин маънои салоҳиятнокиро муайян сохта, чунин мешуморад, ки ин аз ҷониби шахсият азхуд кардани салоҳияти дахлдоре мебошад, ки муносибати шахсиятиро ба мавзӯи фаъолият дар бар мегирад [2-М].

Ба мафҳуми босалоҳиятнокии таълимию маърифатӣ маҷмӯи салоҳиятҳои хонанда ҳангоми иҷрои фаъолияти маърифатӣ ва мустақилона шомил аст, ки ҷузъҳои фаъолияти мантиқӣ, умумитаҳсилро, ки бо объектҳои воқеии маърифатӣ муқоиса карда шудааст, дар бар мегирад. Чунин сифатҳо, амсилаи банақшагирӣ, рефлексия, хударзѐбӣ, таҳлил ва ғайраҳо дар фаъолияти маърифатӣ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои гуногуни таълимӣ дар ҷараѐни фаъолияти маърифатӣ маҳорати касби эҷодкоронаи донишҳоро ѐд мегиранд. Ҳаллу фасли масъалаҳо тавасути усули эвристикӣ дар вазъияти проблемавӣ ҷараѐн мегирад.

Инкишофи маҳорату малакаи корбурди самараноки истеъдоди умумитаълимӣ босалоҳиятнокии таълимӣ-маърифатии таълимгирандагон мебошад. Ин Босалоҳиятнокӣ ҳангоми ҳалли мустақилонаи маъалаҳои гуногун дар фаъолияти таълимӣ зарурият пайдо мекунад.

Барои хонандагон зарур аст вазифа на танҳо доир ба омӯзиши асосҳои химия, баиология, физика, равона гардид, балки ба сайқал додани азхудкунии фанни таълимӣ мусоидат намояд. Чунки танҳо донистан самаранок нест, балки такмили миханизми азхудкунӣ, эҷодкорӣ корбурди донишҳо муҳим аст.

Қаблан таъкид гардид, ки барои рушди фаъолияти маърифатӣ баҳисобгирии вижагиҳои инфиродии таълимгирандагон қобилияту истеъдоди ӯ ҳатмист ва ин муносибати инфиродиро нисбати таълимгиранда талаб мекунад.

Муҳақиқони муосири рус низ бо рушди фаъолияти маърифатӣ ва муносибати субъективӣ ба он машғуланд. Аз ҷумла, корҳои Н.О. Викулова [24, с. 42], Е.С. Дубинчук [45, с. 104], Е.В. Киселева [65, с. 19], В.В. Коробкова [77, с. 25], О.В. Лукяшко [95, с. 24], А.А. Малахов [100, с. 19] дар бораи он гувоҳӣ медиҳанд, ки вазифаи мазкур дар айни замон низ мубрам мебошад.

О.В. Лукяшко рушди фаъолияти маърифатиро бо истифодаи қарорҳои инноватсионӣ дар таълим баррасӣ мекунад [1-М]. Муаллиф масъалаи мазкурро зимни таълими илмҳои инсоншиносӣ ба хонандагон матраҳ мекунад. Ӯ чунин мешуморад, ки инноватсияҳои таълимӣ, муносибати шахсият – меҳвар ва ҳамкориҳои педагогӣ шароити педагогие мебошанд, ки барои рушди фаъолияти маърифатӣ заруранд. О.В. Лукяшко рушди мустақилиятро ба сифати шакли олии раванди таълим баррасӣ мекунад, ки зимни он хонандагон дар азхудкунии малакаҳо, кобилиятҳо, касби донишҳо – ҳамчун натиҷаи асосии таълими шахсият – меҳвар фаъолнокиро зоҳир мекунанд [95].

Дар таҳқиқоти Н.Л. Древнитская барои фардисозии таълим дар синфҳои равиявӣ шароити зерини педагогӣ пешниҳод гардидаанд. Ин ҳолатҳои босуботе мебошанд, ки хусусият ва раванди иҷрошавии раванди мазкурро муайян карда, дар касби натиҷаҳои ба ҳадди аксар баланди фардисозии таълим, ки дар талаботи муҳити таҳсилотӣ ифода ѐфтаанд, бодиққат гардидаанд [44, с. 21].

Н.С. Костин дар кори худ таърифи майлу рағбати маърифатиро ба тариқи зайл додааст [80, с. 29]. Ӯ чунин ақида дорад, ки майлу рағбати маърифатӣ муносибати мусбат, эҳсосотию ҷустуҷӯии хонандагон ба ашѐ ва падидаҳои воқеияти атроф буда, ба маърифати онҳо мусоидат намуда, дар фаъолияти маърифатӣ зоҳир шуда, ваҷҳҳои он мебошад.

А.А. Дикая чунин мешуморад, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ фаъолнок сохтан зарур аст [39, с. 179].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти педагогӣ нишон дода шудааст, ки масъалаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагон дар сохтори таълими равиявӣ ба таври кифоя мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Пеш аз он, ки бевосита масъалаи дар назди худ гузошташударо мавриди таҳқиқ қарор диҳем, зарур аст, ки таҳлили муфассали низоми таълими равиявӣ гузаронида шавад.

Пештар қайд шуда буд, ки рушди фаъолияти маърифатиро бояд бо назардошти қобилиятҳои инфиродӣ ва сифатҳои шахсии хонанда гузаронидан зарур аст, яъне барои ҳар як хонанда муносибати фардӣ зарур аст.

Тарҳрезии барномаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақшаҳои таълимӣ барои хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи равияҳо мутобиқи саъю талош ва майлу рағбатҳои хонандагон, бо назардошти сифатҳи фардии онҳо иҷро карда мешавад. Хонандагон таҳсилоти миёнаи умумуиро мутобиқи нақшаҳои маъмулии таълимӣ доир ба ҳамаи фанҳо касб намуда, инчунин метавонанд донишҳои амикро доир ба асосҳои илм дар соҳаи ихтисоси интихобшуда азхуд кунанд. Таваҷҷуҳи калон дар тадриси фанҳои равиявӣ бодиққат карда мешавад. Гузариш ба таълими равиявӣ маҳз дар синфҳои болоӣ амалӣ карда мешавад [6-М; 2-М].

Таълими равиявӣ ба интихоби касби хонандгон мусоидат намуда, ба хонандагон барои бомуваффақият азхуд кардани донишҳо кумак карда, ба фаъолияти маърифатӣ, инчунин омодасозии хонандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар қадар хонандагон дар муасссисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо интихоби касб муайян шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти бештар вуҷуд дорад, ки ҷомеа дар оянда мутхассиси эҷодкор ва соҳибкасби хубро ба даст меорад.

Ҳамаи ин имкон медиҳад натиҷагирӣ кард, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир бояд саъй кунад, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошад. Таҳсилоти самарабахш олоти маърифат ва ислоҳоти воқеият

буда, омодасозии хонандагонеро имкон медиҳад, ки метавонанд самтнокии асосӣ ва дурнамоҳои тағйири хусусияти ҳаёти шахсиро ба назар гиранд.

Ҷоиз аст, ки таърифи мафҳумҳои «таълими равиявӣ» ва *«муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ»* дода шавад.

Таълими равиявӣ воситаи фардисозӣ ва фарқгузории раванди таълимӣ буда, имкон медиҳад, то ки мазмун, сохтор ва ташкили раванди таълим тағйир дода шуда, майлу рағбатҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои хонандагон ба назар гирифта шуда, пешзаминаҳо барои таълими хонандагони синфҳои болоӣ мутобиқан бо мақсадҳои онҳо нисбати идомаи таҳсилот ва майлу рағбатҳои касбӣ ташаккул дода шаванд. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ объекти амалисозии ҳадафи мазкур мебошад.

Дар ин робита, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи нақшаи нави таълимӣ барои гузариш ба таълими равияӣ ҳадафҳои зерин ба қайд гирифта шудаанд:

- тамин кардани алоқаи дутарафа байни МТМУ ва МТОК, яъне босифат тайёр кардани хатмкунандагони МТМУ барои дохил шудан ба МТОК;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои чуқуртар омӯхтани фанҳои таълимӣ аз рӯи равиявӣ;
- ба вуҷуд овардани имкониятҳо барои тафриқагузории ҷараёни таълимӣ хатмкунандагон, барои барномаҳои эҳтимолии инфиродии таълимӣ;
- мусоидатнамоӣ ва дасстрасӣ ба таълими арзишнок бо такя ба хусусиятҳои инфиродӣ-психологии таълимгирандагон.

Дар консепсияи таълими равиявӣ марҳилаҳои асосии таълим муайян карда шудаанд:

***Марҳилаи 1*** – пропедевтикӣ – дар давоми ин марҳила ба омӯзгор зарур аст, ки дархостҳои таҳсилотии хонандагонро ошкор кунад (нисбати хонандагони синфҳои $8^{-а}$ ба кор бурда мешавад).

***Марҳилаи 2*** – асосӣ – дар марҳилаи мазкур амсиласозии намудҳои фаъолияти таҳсилотӣ сурат мегирад, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи

умумии равиявӣ талаб карда мешаванд, инчунин қарорҳо дар вазъиятҳои гуногуни таҳсилотӣ (нисбати хонандагони синфҳои 9) қабул карда мешаванд.

***Марҳилаи 3*** – хотимавӣ – дар он омодагии хонандагон барои бошуурона қабул кардани қарори таҳсил аз рӯйи равия арзёбӣ карда мешавад (дар охири синфи 9).

Барои истифодаи амалии таълими равиявӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ воситаи асосӣ нақшаи появии таълим (НПТ) мебошад, ки бо қарори коллегияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.08.2015, №191 тасдиқ шудааст. НПТ ба эҷоди таркибҳои курсҳои гуногуни таълимӣ, низоми имконпазир ва фарқгузории барномаҳои таълим мусоидат менамояд. Низоми таҳияшуда аз навъҳои зерини курсҳо: таҳсилоти миёнаи умумии ҳатми, таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ ва интихобӣ иборат мебошад.

Курсҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳатми дар ҳамаи равияҳои таълим ҳатмӣ буда, рушди умумифарҳангӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии хонандагонро таъмин менамоянд.

Курсҳои таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ курсҳои сатҳи пешрафтатар, баландтар буда, дар ҳар як равияи мушаххаси таълим ихтисос, самтнокии таълимро муайян месозанд.

Курсҳои интихобӣ курсҳои ҳатмӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ буда, хонандагон метавонанд худашон онҳоро интихоб намоянд.

Қисми вариативии НПТ дар асоси муносибатҳои нав ба ташкил ва тарҳрезии курсҳои интихобӣ, равиявӣ ва появӣ ташаккул ёфта, он вазифаи муҳимми таълим мебошад. Тағйироти суратгиранда дар ташкил ва сохтори таълими муассисаи таҳсилоти миёнаи асосӣ барои хонандагони синфҳои 9: суръатбахшии кори психологию педагогӣ, гароишӣ, иттилоотӣ ва касб-меҳвар бо хонандагони синфҳои хатмкунанда барои мусоидат намудан ба хонандагон барои муайянсозии онҳо дар бобати ихтисос дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ омӯзогоронро ба таҳияи гузаронидани курсҳои интихобии пеш аз равиявӣ ҳадафманд месозанд.

Амалияи бисёрсола ба таври кифоя нишон дод, ки аз синни 15-солагӣ (синну соли наврасии ниҳоӣ) шурӯъ карда дар низоми таълим зарур аст, ки шароит барои амалисозии майлу рағбатҳо, маҳоратҳо ва нақшаҳои оянда (баъди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ) барои ҳаёт муҳайё карда шаванд. Таҳқиқоти ҷомеашиносӣ собит месозанд, ки шумораи калони хонандагони синфҳои болоӣ (қариб 80%) бо мақсади омӯхтани фанҳои таълимӣ танҳо ба асосҳои онҳо майл мекунанд ва фанҳоеро мавриди омӯзиши чуқур қарор медиҳанд, ки онҳоро чун ихтисоси оянда медонанд. Ба таври дигар, ин равиясозии таълим дар синфҳои болоӣ ба низоми дастурҳои ҳаётии шумораи калони хонандагони синфҳои болоӣ ҷавоб мегӯяд. То синну соли 15-16-солагӣ дар аксари хонандагон самтнокӣ ба омӯзиши фанҳое сайқал меёбад, ки ба онҳо дар кориояндаи касбӣ заруранд. Дар ин зимн қариб 70-80%-и хонандагон дар охири синфи 9 барномаи қобилиятии фаъолияти касбии худро интихоб кардаанд.

Ҳоло дар МТОК-ҳо бо хатмкунандагонит МТМУ-ҳо кор мебаранд: онҳоро барои дохилшавӣ ба МТОК махсус тайёр карда мекунанд. Дар МТМУ-ҳо хатмкунандагонро ба тариқи равиявӣ омода намесозанд ва ин алоқаи зичи МТОК ва МТМУ-ро канда, курсҳои иловагии шартномавӣ ва репетиториро ба вуҷуд меорад.

Ба андешаи хатмкунандагони МТМУ, таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда барои бомувафақият дохил шудан ба МТОК- ҳо ва барои азхудкунии касби оянда кафолат намедиҳад. Танҳо камтар аз 14%-и посухдиҳандагони синфҳои болоӣ сатҳи муосири касби донишҳо ва хусусиятҳои таҳсилоти миёнаи умумии пурраро раво медонанд.

Ислоҳоти маориф, ки дар солҳои 1915-1916 гузаронида шуда буд, такони навро ба назарияи таълими равиявӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дод. Тибқи низоми пешниҳодшуда, синфҳои 4-7 гимназия ба се ҷараён: воқеӣ, нави инсоншиносӣ ва инсоншиносии классикӣ тақсим мешуданд.

Дар соли 1918 Анҷумани I умумироссиягии кормандони соҳаи маориф гузаронида шуд, ки дар он Низомнома дар бораи муассисаи таҳсилоти

миёнаи меҳнатии ягона пешниҳод гардид, ки дар он барои хонандагони синфҳои болои равиясозии мазмуни таълимро пешбинӣ мекард. Барои синфҳои болоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ се самти таълим-инсоншиносӣ, техникӣ ва табиатшиносию математикӣ ишора шуда буданд.

Дар соли 1934 Шӯрои Комиссарҳои халқии ИҶШС дар якҷоягӣ бо КМ ҲУК(б) *«Дар бораи сохтори муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна дар ИҶШС»* қарор қабул кард ва он барномаю нақшаҳои умумитаълимиро дар бар гирифт. Бо вуҷуди ин, баъди ҷорикунии муассисаи таҳсилоти миёнаи умуии ягона дар тамоми ҳудуди Иттифоқи Советӣ бо мурури замон далели ҷиддӣ: мавҷуд набудани ягонагӣ байни барномаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии махсусгардонидашуда ошкор гардид, ки дар натиҷаи он олимон-педагогҳо маҷбур буданд, ки ба таври доимӣ ба масъалаҳои фарқгузории равиявӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муроҷиат намоянд.

Дар соли 1957 аз ҷониби Академияи илмҳои педагогӣ иқдом дар бораи гузаронидани озмоиш қабул шуд, ки гузаронидани фарқгузориро аз рӯйи панҷ самт: инсоншиносӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, физикию математикӣ ва биологию агрономӣ пешбинӣ мекард. Барои такмили фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳавасмандии хонандагон ва фарқгузории мазмуни таҳсилот дар соли 1966 ду низом ҷорӣ карда шуданд: таҳсилоти синфҳои 8-10 дар машғулиятҳои факултативӣ ва синфҳо (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) бо тадриси амиқ кардашудаи фанҳои алоҳидаи таълимӣ, ки то айни замон бо баъзе тағйирот боқӣ мондаанд.

Дар ИҶШС дар соҳои 80-90-уми асри XX амсилаҳои нави муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пайдо мешаванд – ин гимназияҳо ва литсейҳо буданд, ки дар онҳо барои хонандагон омӯзиши амиқи фанҳое гузаронида мешавад, ки баро дохилшавӣ ва таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии интихобшуда заруранд. Инчунин дар давоми солҳои зиёд муассисаҳои таҳсилоти махсусгардонидашудаи (равиявии) бадеӣ, варзишӣ, мусиқӣ ва дигар вуҷуд дошта, ташаккул ёфтанд. Ба ин раванди мазкур Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи маориф»* мусоидат намуд, ки вариативнокӣ ва намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилот ва барномаҳои таҳсилотро мустаҳкам намуд.

Бинобар ин, самтгирии ташаккули таълими равиявӣ дар муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумии тоҷик асосан ба стандартҳои ҷаҳонии ташаккули таҳсилот ҷавоб мегӯяд. Ислоҳоти маориф, ки ба таҳқиқи масъалаи фарқгузории равиявии таълим дахл мекунанд, дар айни замон дар аксари кишварҳои мутараққии ҷаҳон сурат мегиранд.

Дар кишварҳои Аврупо (Финляндия, Шветсия, Франсия, Норвегия, Дания, Британияи Кабир ва ғ.) хонандагон то синфи шашуми муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ асосан омодагии барвақтиро касб мекунанд. Дар соли ҳафтуми хониш хонанда уҳдадор аст, ки интихоби худро дар роҳи минбаъда муайян кунад. Ба ҳамаи иштирокчиѐн дар муассисаи таҳсилоти миѐнаи асосӣ ду имконияти идома додани таҳсил: академикӣ, ки минбаъд барои дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ ва *«касбӣ»*, ки дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба фанҳои равиявӣ ва амалӣ зоҳир карда шуда,умумӣ хонанадгон аз рӯйи нақшаҳои содакардашудаи таълимӣ машғул мешаванд, пешниҳод карда мешавад. Аксари олимон-педагогҳо дар кишварҳои аврупоӣ гузаронидани равиясозии пешакиро дар муассисаи таҳсилоти миѐнаи асосӣ ғайримақсаднок мешуморанд.

Дар дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ИМА таълими равиявӣ танҳо дар давоми 2-3 соли охири таълим ҷорӣ карда мешавад. Ба хонандагон имконияти интихоби се варианти таълими равиявӣ: умумӣ, академикӣ ва касбӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар он омодасозӣ аз рӯйи касби оянда пешниҳод карда мешавад. Гуногуни фанҳои таҳсилотии таълимӣ дар онҳо дар асоси интихоби курсҳои гуногуни таълимӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, ба ҷониби хоҳишот ва дархостҳои падару модар, ки барои фарзандони худ таҳсилоти минбаъдаи равиявиро интихоб мекунанд, самтгирӣ мекунанд.

Таҳлили таҷрибаи хориҷиён нишон медиҳад, ки барои хатмкунандагони МТМУ-ҳо қонуниятҳои фалқулзикро амали гардонидан мумкин аст:

1. Дар ҳамаи кишварҳои мутараққӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсилоти умумӣ равиявӣ мебошад.

2. Таълими равиявӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар давоми ду-се соли таълим ташкил карда мешавад.

3. Теъдоди хатмкунандагони МТМУ, ки таълимро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи равия афзалият медоданд, доимо рушд ёфта истодаанд.

4. Шумораи самтгириҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ дар кишварҳои гуногун ночиз аст. Масалан, дар Британияи Кабир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ду намуди гароиши касбӣ – академикӣ ва ғайриакадемикӣ, дар Франсия се намуд – гароиши касбии иҷтимоию иқтисодӣ, филологӣ ва табиатшиносӣ, пешниҳод гардида, дар Олмон се намуди гароиши касбӣ – математика – илмҳои дақиқ – технология; забон – адабиёт – санъат ва илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавҷуданд.

5. Эҷоди омодасозии равиявӣ аз рӯйи методи рушди нақшаи инфиродии таълимии таълимгиранда шинохта мешавад: аз феҳристи ба таври кифоя мустаҳкам собитшудаи курсҳои таълимӣ, ки ба барномаи ҳатмӣ дохиланд (Олмон, Франсия), то интихоби мустақилона аз маҷмӯи гуногуни курсҳое, ки дар тамоми вақти таълим (Англия, Шотландия, ИМА ва ғ.) пешниҳод мешаванд. Одатан, хонандгон бояд аз 15 то 25 курсҳои таълимиеро интихоб намоянд, ки онҳоро дар давоми як ё якчанд нимсолаҳо меомӯзанд.

6. Шумораи фанҳои (курсҳои) ҳатмии таълимӣ дар зинаи болоӣ дар муқоиса бо фанҳои (курсҳои) асосӣ ба таври назаррас кам аст. Ба ҷумлаи онҳо математика, забонҳои хориҷӣ, нутқи модарӣ, илмҳои табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ дохил карда шудаанд.

7. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ намудҳои мустақилонаи муассисаҳои таҳсилот: муассисаи таҳсилоти *«олӣ»* дар ИМА, гимназия дар Олмон ва Франсия литсей мебошанд.

8. Шаҳодатномаҳо ва дипломҳо дар бораи хатмкунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ, чун қоида, имконияти сабттшавии бевоситаро ба муассисаҳои таҳсилоти олии равиявӣ фароҳам месозад, истисно, масалан, Франсия мебошад, ки дар он диплом ё шаҳодатнома нокифоя буда, хатмкунандагон бояд имтиҳоноти дохилшавиро ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ё тиббӣ супоранд.

9. Дар хориҷа шумораи курсҳои таълимӣ ва равиявӣ дар сатҳҳои болоии муасиссаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳама вақт ихтисор ёфта, дар айни замон миқдори фанҳо ва курсҳои ҳатмӣ афзоиш меёфт. Дар ин зимн ҳокимияти марказӣ масъулиятро барои эҷод ва натиҷаҳои таҳсилот ба уҳда доранд. Ин дар ҳамаи марҳилаҳои гузаронидани имтиҳонот, дар таҳияи стандартҳои миллии таҳсилотӣ, коҳиш додани гуногунии китобҳои дарсӣ ва ғайра инъикос меёбад.

Бинобар ин. таълими равиявӣ ба амалисозии технологияи ба шахсият нигаронида шудааст. Ҳамзамон, қувваҳои эҷодкунии инфиродӣ дар таълим рушд мекунанд.

Назарияи таълимӣ равиявӣ мақсалди худро дорад, ки тибқи он таълим бояд хусусиятҳои инфиродӣ, функсионалӣ ва ба шахсият нигаронидашударо бояд доро бошад.

Ҳангоми гузариши хонандагон ба синфи 10 дар татбиқи фаъолияти таълимию маърифатӣ мураккабиҳо тақвият меёбанд, ки аз гузариш ба сатҳи нави таълим ва мураккабии миқдор ва мазмуни фанҳои таълимӣ вобаста мебошад. Маҳз дар ҳамин вақт ба таври назаррас пешрафт аз рӯйи баъзе фанҳо дар хонандагони то ин вақт бомуваффақияттар коҳиш меёбад. Аз рӯйи фанҳои алоҳидаи таълимӣ дар хонандагон пастравии фаъолнокии маърифатӣ ба қайд гирифта мешавад.

Фардисозиро дар таълим дар асоси ҷалб ба муҳокимаи раванди таълим, мазмуни таҳсилот, тарҳрезии низоми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳлил қарор додан мумкин аст. *Якум* ба интихоби шаклҳо, усул ва воситаҳои таълим, *дуюм* – ба нақшаҳо, барномаҳои таълимӣ, адабиёти таълимӣ ва тартибдиҳии супоришҳое, ки ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд ва *сеюм* – ба рушди намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва синфҳо дахл доранд. Коркарди нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, консепсияҳои гуногун дар таълим хусусияти инфиродиро ба назар мегирад. Вале бештар хусусияти инфиродӣ  дорад, яъне он гурӯҳҳоро аз рӯйи ягон хел аломатҳо сабт месозад, яъне фарқгузорӣ зоҳир мешавад.

Муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи фанҳои равиявӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқи омодасозии таълим ба майлу рағбатҳо ва маҳоратҳои хонандагон иҷро мешавад. Хонандагон аз рӯйи ҳамаи фанҳо мутобиқи нақшаҳои заминавии таълимӣ таҳсилоти миёна, инчунин донишҳои васеъро дар соҳаи асосҳои илмҳое ба даст меоранд, ки барои ихтисоси афзалиятдошта дорои аҳамияти назариявӣ мебошанд. Таваҷҷуҳи калон дар гузориши тадриси фанҳои равиявӣ бодиққат мешавад. Дар шарҳи мазкур фарқгузорӣ ҳамчун воситаи фардисозии таълим баромад мекунад.

Гузариш ба таълими равиявӣ маҳз дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ мешавад.. Равияҳои таълим интихоби касбии хонандагони синфҳои болоиро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо ба таври пурра ҳам фаъолияти маърифатии хонандагон, ҳам омодасозии онҳо ба фаъолияти ояндаи касбӣ вобаста мебошанд, ки дар муваффақиятнокии азхудкунии донишҳои фарқгузошта асос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, ҳар қадар  интихоби касби ба хонандагон бо интихоби касб дақиқтар муайян шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти бештари он вуҷуд дорад, ки ҷомеа дар оянда мутахассиси эҷодкор, соҳибихтисосро ба даст меорад. Дар айни ҳол, масъалаи интихоби равияи таълим бо тариқи мувофиқ ҳаллу фасл намешавад. Хонандагон аксар

вақт онро бо тасаввурот ва ҳиссиѐти норавшан, таҳти таъсироти омилҳои тасодуфӣ тақ.лид месозанд, дар натиҷаи ин на ҳамеша фардисозиро ба сифати равиясозӣ баррасӣ кардан мумкин аст.

Масалан, ба андешаи А.Г. Гостев МТМУ- ҳо аз ҷумла гимназия-литсейҳо дар ибтидои таҳсилот таълими равиявиро ҷори месозанд, аммо таълимгирандагон маҳорату малакаҳои инфиродии хешро муайян карда наметавонанд, мативатсияи маърифати ба касб нигаронидашуда ҳодо рушд наѐфтааст [167, с. 98]. Мо ба ин гуфтаҳо пурра розием,чунки таҳқиқотҳо охирин дурустии ин фикрро тасдиқ менамоянд.




**Расми 2. – Амсилаи ақидаҳои педагогҳо ва психологҳо**

Сарбориҳои вазнин, ки бо таълими равиявӣ боис шудаанд, инчунин фишори доимии падару модарон ва омӯзгорон пешрафтро коҳиш дода, аксари хонандагон ғоиб буданро дар дарсҳо роҳ дода, кӯшиш мекунанд аз масъулият канорагирӣ кунанд, номувофиқатии психологӣ байни омӯзгорони фанҳои муайян ва хонандагон, инчунин байни хонандагон ва падару модарони онҳо ба вуҷуд меояд. Хулласи калом, дар кӯдакон майлу рағбат вуҷуд надорад. Хонандагон бо иттилоот сарбор шудаанд.

Оѐ ин мушкилоти муосир мебошад? Чунин бармеояд, ки не.

Дар замони худ муаррихи Юнони Қадим Плутарх дар бораи он ҳарф мезад, ки вақте кӯдакон бо кори зеҳнӣ сарбор мешаванд, онҳо аз рӯйи маҷбурӣ, бар зидди иродаи худ таҳсил мекунанд, дар онҳо хоҳиши таҳсил

кардан гум мешавад. Дар бораи сарбории аз меъёр зиёд дар осори худ Монтен, Руссо навишта буданд. Дар ибтидои асри XX гигиенисти маъруф Теодор Бенда дар китоби *«Беҳдоштии асабӣ ва мактаб»*, ки дар соли 1903 дар Россия ба нашр расида буд, навишта буд, ки таҳоҷуми ҳадди саршорӣ бо донишҳо имконпазир буда, минбаъд фоҷеа имконпазир аст [8-М].

Алоқаи зич байни асарҳои муҳаққиқони гузашта ва имруза дида мешава, чунки дар онҳо ҳамон як ваҷҳ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Дар айни замон – асри технологияҳо – ба хонандагон масъулияти калон барои иттилооте, ки аз манбаъҳои гуногуни ворид мешаванд, гузошта шудааст. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз чунин манбаъҳо мебошад. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ бо иттилоотӣ иловагӣ ва афзоиши суръати таълимӣ тафовут дорад. Дар ин робита ихтилоф ба вуҷуд меояд, аз як тараф – равиясозиро низои психологӣ, сарбории аз меъёр зиёд ҳисобидан мумкин аст, аз ҷониб дигар, – равиясозӣ яке аз усули муносибати инфиродӣ мебошад.

Дар нигариши мазкур мо чунин мепиндорем, ки ягон хел муносибати инфиродӣ вуҷуд надорад. Омӯзгорон чунин далелҳоро пешниҳод мекунанд, ки кӯдакони ба равия қобилиятдошта ғайриназорат, ё ин ки, баръакс, нерӯманд мешаванд.

Гуфтаҳои боло ба он ишора мекунанд, ки дар хонандагони синфҳо болоӣ душвориҳо дар ҷараёни таълим пайдо шуда, майлу рағбат ба таҳсил коҳиҳ меёбад, хотира кам, таваҷҷуҳ заиф мешавад (тавре ки худи хонандгон мешуморанд), яъне дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ дар синфҳои болоӣ нигарише ташаккул меёбад, ки дар он ҳадафҳо ва талаботи таълим на ҳамеша бо имкониятҳои аслӣ мувофиқат мекунанд. Таваҷҷуҳ ба таҳсил маҳз дар сатҳи баланди таълим гум мешавад. Ҳавасмандӣ, яъне тамоил ба таҳсил, ба азхудкунӣ дар ҷараёни таълими ба салоҳияти таҳсилию маърифатӣ вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ, масоили дар зербоби якуми диссертатсия гузошташуда аз ҷаҳати назариявӣ ва амалӣ таҳлил карда шудаанд,; он мафҳумҳое, ки дар кор

истифода гардидаанд, инчунин аз нуқтаи назари олимони муосир доир ба масъалаи мавриди баррасӣ, босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар низоми таълими равиявӣ аз назар гузаронида шуданд.

## 1.2. Рушди фаъолияти маърифатӣ хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуммӣ

Олимон педагоггҳо, психологҳо,омӯзгорон доимо дар ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои рушди фаъолияти маърифатии хонандагон буданд ва мемонанд.

Дар солҳои охир методҳои гуногун оиди беҳтар намудани фаъолияти маърифатии хонандагон дар зинаҳои гуногуни таълим пешниҳод карда мешаванд. Яке аз онҳо истифодаи амсили дар заминаи муносибатҳои инфиродӣ, низомию фаъолиятӣ ва Босалоҳиятнокӣ дар сохтори таълими равиявӣ мебошад, ки мо таҳқиқоти худ истифода нумудем.

Ба сифати амсила дар педагогика образи шартӣ ё зеҳнӣ, амсоли ҷараён, объект ва ғайра, ки вижагиҳои маъруфашон ба навъи стандартӣ мебошад, ба тариқи рамз сохти ҷараёнҳои иҷтимоӣ, ҳамкориҳои байниҳамдигариро тасвир менамояд; стандартҳои муайянкунандаи тафовути ҷараёнҳои ба нақша гирифташуда мавриди истифода қарор медиҳад.[9-М].

У. Зубайдов чунин ақида дорад, ки амсила ин намунаи ба таври сунъӣ сохташуда дар шакли тарҳҳо, формулаҳо ё конструксияҳои физикӣ мебошад, ки шабеҳи падида ё объект буда, қобил аст дар шакли сода ё мухтасар хусусиятҳо, сохтор ва муносибатҳои мутақобиларо байни қисмҳои алоҳидаи объекти мавриди омӯзиш бозтавлид ё инъикос намояд [51, с. 110; 4-М].

Байни навъҳои ишорашуда тақсимоти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Амсилаҳое, ки барои илмҳои педагогӣ эҷод шудаанд, асосан, гурӯҳҳои дуюм ва сеюмро ташкил медиҳанд. Дар педагогика инчунин амсилаҳои таҳсилотӣ ва таълимиро истифода мебаранд:

– **амсилаҳои таҳсилӣ** – сохтори мантиқан пайдарпайи унсурҳо ҳатми буда, дар таркибашон мақсадҳо,мундариҷаи таълим, байниҳамдигарии

нақшаю барномаҳои таълим, технологияе, ки чараёни таҳсилотро идора мекунанд, ҷой дорад.

– **амсилаҳои таълимдиҳанда** аз лоиҳаи нигаришҳои муайяншуда барои хонандагони алоҳида ё гурӯҳи хонандагон иборатанд [5-М].




**Расми 3. – Амсилаи пешниҳоди шаклҳо**

Дар кори мазкур аз ҷониби мо лоиҳаи амсилаи педагогӣ эҷод карда шуд.

***Амсиласозӣ*** – чун усули таълимӣ объектҳо ба воситаи азнавтакроркунии вижагигиҳои ин объектҳо дар амсилаҳо арзиёбӣ мегардад ва аз монандии аслии амсилаҳо (ақлӣ ё беруна) иборат мебошад. [7-М].

Дар таҳқиқоти педагогӣ амсиласозӣ аз имконияти амиқтар фаҳмидани падидаҳои гуногун дар маҷмӯъ дар марҳилаҳои гунонун; нишон додани робитаҳои мутақобилаи нишондодҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ; эҷоди механаизми беҳтарини амалисозии вазифаҳои таъйиншуда; пешбинӣ кардани сабабҳо ва эътимоднокии бавуҷудоии масъалаҳо ва мураккабиҳо, баррасии воситаҳои эҳтимолӣ иборат аст, то ки аз онҳо канорагирӣ гирифта шавад ё онҳо рафъ карда шаванд; аз ҷиҳати назариявӣ натиҷаҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ баррасӣ шаванд ва ғайра иборат мебошад.

Рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз раванди ҳадафманд ва ягона ташаккул меёбад, ки аз ҷониби мо ба сифати низом баррасӣ мешавад. Аз ҷониби мо амсилаи дахлдори педагогӣ таҳия гардид, ки механизми рушди фаъолияти маърифатиро дар хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ инъикос менамояд. Барои асосноккунии методологӣ зимни лоиҳасозии амсилаи мазкур аз ҷониби мо

муносибатҳои инфиродӣ, Босалоҳиятнокӣ ва низомию фаъолиятӣ интихоб шуданд.

Ин мусибатҳо дар педагогика дар педагогика дар бароҳмонии кори таълиму тарбия поя ҳисоб мешаванд ва дар асоси онҳо таҳқиқоти гуногун роҳандози мегардад. Аз ин рӯ, муносибатҳои фавқулзикр чун пояҳои амсилаҳо арзиёбӣ карда мешавад.

Муносибатҳои мазкур чун системаи ягона тамоми объектҳоро таҳлил мекунанд; ҷараёнҳои системаи мазкур шаклҳои гуногуни фаъолиятро доимо тағйир медиҳанд. [1-М].

Муносибати низомӣ ва методологияи он дар корҳои А.Н. Дахин [33, с. 21-23], А.А. Дикия [39, с. 94], М.И. Солодкова [140, с. 10], С. Холназаров [154, с. 153], ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Шарҳи тафсири низомӣ дар корҳои В.В. Сериков [133, с. 11], В.А. Сластенин [137, с. 173], Н.В. Кузмина [82, с. 74] ва дигарон кушода дода шудааст.

Амалисозии муносибати низомӣ бо мафҳуми заминавӣ – мафҳуми *«низом»* алоқаи зич дорад. Низом маҷмӯи яклухти унсурҳоест, ки ба меъёрҳои дар поён овардашуда ҷавоб дода метавонад:

- сарҳади байни унсурҳои яклухт ва муҳити гирду атроф муайян карда шудааст;
- робитаи дутарафаи унсурҳои яклухт муқарар аст;
- усурҳои яклухт дар алоҳидагӣ низ пурра мебошанд, вижагиҳои онҳо дар умум гуногунанд;
- вижагиҳои умумии онҳо дар умум аз сифатҳои ҷузъии онҳо иборат буда наметовонанд;
- фаъолияти умуми онҳо танҳо аз фаъолияти ҷуъи онҳо иборати аст;
- ҳастии омилҳое, ки низомро ташаккул медиҳанд сифатҳои онҳоро таъмин менамоянд.

Муносибат фаъолиятӣ ба се намуд тақсим мешавад:

1. Педагогӣ, ба омӯзиши он таҳқиқоти чунин олимон, ба мисли С.Л. Сластенин [137, с. 15], Р.И. Подласий [114, с. 100], Н.В. Кузмина [83, с. 9], Ф. Шарифзода [162 , с. 110] ва дигарон бахшида шудаанд;

2. Методологӣ, аз ҷониби А.Н. Дахин [33, с. 24], Д.Ж. Джариф [34, с. 133], С.Л. Кузмина [83], Г.И. Саранцев [119, с. 15], ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

3. Психологӣ. Дар корҳои С.Л. Рубинштейн [122, с. 240], А.Н. Леонтев [90, с. 231] ва дигарон мавриди омӯзиш ҷарор гирифтааст.

Муносибатҳои фаъолият дар илмҳои педагоги:

– аз нуқтаи назарияи методологӣ аносири фаъолияти омӯзгору таълимгирандаро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва ба ошкорсозии робитаи дутарафаи байни онҳо мусоидат мунамоянд;

– дар фаъолияти субъектҳои ҷараѐни педагоги бо банақшагирии вазъияти консептуалӣ дар назарияи соҳаи педагоги омӯхтани сифату аломатҳои махсус;

– эътирофи махсуси интихобкунии фаъолият чун рушддиҳандаи сифату хоссагиҳои инфиродии таълимгирандагон;

– ҷараѐни таълимро чун тағйирѐбии мунтазами навъҳои таълим муқарар менамояд;

– ҷараѐни педагогӣ дар мувофиқат бо аносири кору фаъолияти шахсият ба нақша гирифта мешавад.

Моддикунонии муносибати низомию фаъолиятӣ дар амсилаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар низоми таълими равиявӣ инъикос ѐфтааст. Мафҳумҳое, ки амсиларо ташаккул медиҳанд, аз фаъолияти омӯзгор, таълимгиранда, мақсаду фаъолиятҳои таълимӣ иборат буда, аз методҳо, усулҳо маводҳои таълимӣ вобастагии калон доранд. Раванди дидактикӣ мазмун ва воситаҳои таълим, шаклҳои ташкилии таълимӣ ва методҳои амалии таълимро дар бар мегирад.

Дар амсиласозии раванди таълимӣ мо инчунин муносибати инфиродиро истифода бурдем. Аз ин рӯ зарур мешуморем, ки асосҳои муносибати

инфиродиро маълум сохта, маъноҳои истилоҳҳои *«фардият», «фардикунонӣ»* ва *«муносибати инфиродӣ»*-ро тавзеҳ диҳем.

***«Фардият»*** – хусусиятҳои худвожаи хонандаи алоҳида, ҷамъи сифатҳои ба ӯ хос мебошад. Дар психология масъалаи фардият дар иртибот бо хусусияти шахси алоҳида дар гуногунии хоҳишот, зеҳн, тамоюлот, қобилиятҳо, ҳиссиѐт ва сифатҳои дигари ӯ ишора карда мешавад. Дар омезиши мушаххаси онҳо сохтори ягонаи нодири эҳсосот ва шахсияти амалкунандаи алоҳида рушд меѐбад [2-М].

Муродифи истилоҳи *«фардият»* истилоҳи *«фард»* мебошад, ки зимни муайянсозии ҷамъи такрорнашавандаи хосиятҳои ба шахсияти алоҳида хос ва фарқгузорандаи шахсияти алоҳида аз ҳамаи дигарон истифода мешавад.

Мафҳуми *«фардикунонӣ»* дар педагогика ҳамчун бақайдгирии сифатҳои инфиродии хонандагон дар раванди таълимӣ, дар ҳамаи усул ва шаклҳои он, новобаста аз он, ки ба кадом андоза ва кадом сифатҳо ба назар гирифта мешаванд, фаҳмида мешавад [3-М].

Мафҳуми *«муносибати инфиродӣ»* аз назари В.В. Михайлова принсипи таълим, фардикунонӣ ва татбиқи принсипи мазкури таълимро дар бар мегирад. [102, с. 21].

Инчунин мафҳуми *«муносибати инфирдӣ»*-ро ҳамчун баҳисобгирии қобилиятҳои мушаххаси шахсият, ки модарзод мебошанд, тавсиф додан мумкин аст. [102, с. 13].

Муносибати инфироди чун амалигардонии ҷараѐни педагогии таълим бо баҳисобгирии сифату хусусиятҳои шахсият мавриди таҳлил қарор дошта метавонад. Меҳвари ин муносибатро истифодаи эҳтимолии навъҳо ва усулҳои татбиқи раванди педагогӣ бо назардошти сифатҳои инфиродии нигаришҳои ҳаѐтӣ таҳлил кардан мумкин аст. Моҳияти муносибати инфиродӣ аз корбурди инконпазири намудҳо ва методҳои имконпазири таъсири тарбиявӣ ба ҳар як хонанда бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои ҳадди аксари шахсият ѐ сифатҳои рафтори хонандагони мушаххас иборат мебошад; муносибати инфриодиро барои фишоровари ѐ ҳавасмандсозии ягон

хосиятҳои алоҳидаи шахсият ѐ сифатҳои рафтори хонандагони мушаххас ба кор бурдан мумкин аст.

Т.Г. Калугина дар кори худ [58, с. 133] намудҳои зерин муносибати инфиродиро фарқ мегузорад:

– гузаронидани суҳбати омӯзгор бо хонанда;

– бастани шартнома бо калонсолон ва ҳамсинфон дар бораи усули муайяни таъсири онҳо ба рафтори хонанда, барои рушди сифатҳои мушаххаси инфиродӣ;

– ба хонандагон додани супоришҳое, ки ба маҳоратҳо ва имкониятҳои онҳо мувофиқат мекунанд;

– ташаккул додани фаҳмишҳои педагогии хос, ки вижагиҳои фардии таълимгирандагонро муайян месозанд;

Муносибати инфиродиро роҳи зарури натиҷагирӣ аз ҷараѐни таълим меҳисобанд, чунки таъсиррасониба инкишофи хислатҳои ҳар як таълимгиранда нигаронида шудааст.

Корбасти муносибати ифиродӣ барои ҳар як хонандаи ҳам *«бомуваффақият»*, ҳам барои *«душвор»* зарур аст, зеро он имкон медиҳад, ки фардияти онҳо дарку андарѐфт шавад, назорати эҳсосоти худ, рафтори худ ѐд гирифта шавад, ҷанбаҳои заифро ислоҳ карда, ҷанбаҳои қавии шахсияти омӯзгор арзѐбӣ карда шаванд.

Муносибати инфиродӣ дар низомҳои тарбиявии самтнокии гуманистӣ (омӯзгорон ҳуқуқи ҳар як хонандаро дар тафовут доштан аз хонандагони дигар раво медонанд), инчунин дар низомҳои намуди анъанавӣ ба кор бурда мешавад.

Аввалин шуда муносибати инфиродиро дар амалия олимон-педагогҳо Б. Эльконин [168, с. 141], А.Г. Ковалев [68, с. 89], А.А. Люблинская [98, с. 88], А.Н. Леонтев [90, с. 251] ва дигарон ба кор бурдаанд.

Муносибати инфиродӣ дар амсила дар асоси хусусиятҳои инфиродии психологию педагогии хонандагон (ба ин ҷо миҷоз, модалият, хосиятҳои

миҷоз), ки онҳоро дар низоми таълими равиявӣ ба назар гирифтан зарур аст, татбиқ меёбад.

Ҷузъи натиҷаноки амсила рушд додани босалоҳиятнокии таҳсилӣ ва маърифатӣ дар низоми таълими равиявӣ мебошад. Дар ин асос, ҷоиз аст, ки муносибати салоҳиятнокиро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Мо инкор мафҳуми *«салоҳиятноки»* ва *«босалоҳият»*-ро ҳаммаъно меҳисобем.

Омӯзиши муносибати салоҳиятнок аз нуқтаи назари педагогика, амалисозии он дар ҷараёни таълими ҳар гуна фан аз он ҷумла биология дар айни замон таваҷҷуҳи калони олимон-педагогҳоро дар Тоҷикистон ҷалб намудааст. Миқдори зиёди таҳқиқот доир ба таҳияи тартиботи арзёбии таҳсилоти касбӣ ва умумӣ, стандартҳо, барномаҳои таҳсилотӣ, стандартҳо дар асоси муносибати салоҳиятнок аз ҷониби олимон-педагогҳо: В.Ф. Боголюбов [19, с. 87], В.А. Болотов [111, с. 253], Е.Н. Бондаревская [21, с. 33], А.Н. Дахин [33, с. 23], Э.Д. Днепров [42, с. 133], И.А. Зимняя [49, с. 209], У. Зубайдов [53, с. 63], В.В. Краевский [81, с. 7], П.А. Лебедев [88, с. 333], М. Лутфуллоев [97, с. 185], С. Холназаров [155, с. 165], И.М. Осмоловская [105, с. 107], А.А. Пинский [111, с. 155], Г.К. Селевко [132, с. 195], В.В. Сериков [134, с. 17], А.П. Тряпитсина [147, с. 255], С.Е. Шишов [92, с. 31], А.В. Хуторский [158, с. 61], Л.О. Филатова [151, с. 101], И.Д. Фрумин [91, с. 18], Б.Д. Элконин [169, с. 219] ва дигарон ба анҷом расидаанд.

Ба рушди салоҳиятҳои хонандагон, ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии онҳо корҳои С. Холназаров [156, с. 88], А.И. Савенков [128, с. 337], И.А. Зимняя [49, с. 243] ва дигарон бахшида шудаанд. То дараҷае методологияи масъалаи мазкур аз ҷониби В.А. Стародубтсев [144, с. 13], Г.В. Пичугина [113, с. 188], А.Г. Каспржак [61, с. 117] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муносибати салоҳиятнок дар корҳои аксари олимон ҳамчун ҷузъи низоми таҳсилотие мавриди таҳлил қарор мегирад, ки ба бартараф кардани камбудиҳои муносибати *«донишӣ»* ба ташкили раванди таълим нигаронида шудааст.

И.А. Зимняя чунин ақида дорад, ки муносибати салоҳиятнок самтнокии таҳсилот ба рушди хонандагон, чунин қобилиятҳои шахсиятӣ, ба мисли Босалоҳиятнокӣ, қобилияти ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ва касбӣ дар раванди таълим мебошад [49, с. 247].

Амсилаи аз ҷониби мо доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ таҳияшударо дар низоми таълими равиявӣ бо назардошти муносибати инфиродӣ дида мебароем расми 4.

Таҳлили амсилаи пешниҳодшударо бо истифодаи сатҳҳои умумии методологии Э.Г. Юдин [9, с. 157] ва И.В. Блауберг [9, с. 179] гузаронидан мумкин аст, ки чор сатҳҳои зеринро дар тарҳи таҳлили методологӣ фарқ мегузоранд:

**Сатҳи 1,** олӣ – методологияи фалсафӣ-мавқеи ақидавӣ, ки тасвири олам, пайдоиш ва инкишофи он, таърифи муҳимми маърифат ва тафсирро муаррифӣ мекунад.

**Сатҳи 2,** методологӣ – сатҳи меъёрҳо ва принсипҳои умумиилмии таҳқиқот. Он дар маҷммуъ дар тамоми фанҳое аён мегардад, ки алоқаи дутарафа, ахборот сифату меқдорро мавриди истифода қарор медиҳанд .

**Сатҳи 3,** барасии методология-методикаи илмӣ, ки як қатор усулҳо тартибот ва принсипҳои таҳқиқотеро дар бар мегирад, ки дар фанҳои махсуси илмӣ корбаст мешаванд.

**Сатҳи 4,** таҳлили методология – методикию тартиботӣ, ки методика ва техникаи таҳқиқот, коркарди техногияҳои ҷараёнҳои гуногуннамуд дар назар дошта мешавад [6-М].



**Расми 4. – Амсилаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар низоми таълими равиявӣ**

Дар амсилаи аз ҷониби мо пешниҳодшуда **сатҳи 1** (олӣ, фалсафӣ) ҳамгироии усулҳо, қонуни гузариш аз кулл ба ҷузъ, алоқаи дутарафаи гузариши тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатиро дар ба мегирад.

**Сатҳи 2** (умумиилмӣ) муносибати системамавиро дар назар дорад.

**Сатҳи 3** (мушаххасу илмӣ) муносибатҳои инфиродӣ ва муносибати босалоҳиятнокро муаррифӣ менамояд.

**Сатҳи 4** (шахсӣ - тартиботӣ) методҳои усулҳо, шаклҳои махсуси таълимро барасӣ менамояд.

Мафҳумҳое, ки низомро ташаккул медиҳанд, омӯзгору таълимгирандагон, мақсаду натиҷаҳои таълимро инъикос менамоянд ва аз мундариҷаи маводҳои таълими вобастагӣ доранд..

Раванди дидактикӣ бо шомили ҷузъҳои таркибии динамикӣ аз воситаҳо, шаклҳои ташкилӣ, мазмун ва методҳои амалии таълим иборат мебошад.

Амсилаи аз ҷониби мо таҳияшуда ҷузъҳои ҳадафманд, мазмунию тартиботӣ ва натиҷавиро дар бар мегирад.

Ҳадафи таҳқиқоти мо ҷузъи ҳадафманд мебошад. Ҷузъи мазмунию проссесуалӣ (мурофиявӣ), ки ҷузъҳои таркибии динамикии раванди дидактикиро дар бар гирифт, дар боло баррасӣ гардидааст.

Ҷузъи натиҷавӣ нишондиҳандаҳо ва меъѐри рушдѐфтагии босалоҳиятнокии таҳҳсилию маърифатиро дар бар мегирад.

Кушиш ба харҷ медиҳем, ки то як андоза ҳар як ҷузъро дар алоҳидагӣ дида баромада шавад.

Ҷузъи ҳадафманд ҳадафи таҳқиқоти мо мебошад: ба он омӯзиши ташаккули босалоҳиятнокии таҳсилӣ ва маърифатӣ дохил аст.

Босалоҳиятнокии таҳсилӣ ва маърифатӣ аз маҷмӯи салоҳиятҳои хонандагон иборат аст, ки ба ташаккули мустақилияти маърифатии мустақилона нигаронида шуда, ҷузъҳои фаъолияти умумитаҳсилии мантиқиеро дар бар мегирад ва ба маърифати объектҳо нигаронида шудааст. Дар донишҳои таҳлилкунӣ,балоиҳагирӣ, худбаҳодиҳии кори таълимутарбия ҷой доранд. Таълимгирандагон эҷодкории самаранокро дар фаъолмаҳсулнокии донишҳоро ба таври воқеи азхуд мукунанд, маҳорату малакаҳо, методҳои гуногунро ҳосименамоянд.

Барои таълимгирандагон на танҳо азхудкунии маводҳои илмӣ биология химия, физика, балки баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии худ зумни омӯзиши ин фанҳо муҳим аст. Чунки самаранок шахсест, ки на танҳо бо донишҳо ва корбурди онҳо инкишоф дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти мустақилонаи маърифатии таълимгирандгон инкишофѐбии босалоҳиятнокии таълимӣ-маърифати асос меѐбад. Он

донишҳои барои худи таълимгиранда зарур, муайянсозии вақти барои дарсҳо ҷудошуд, идомаёбии онҳо интихоби усулро нисбат ба қонеъгардонии майлу рағбатҳо ва талаботи маърифатӣ дорад.

Сохтор ва мазмуни босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар расми 5 пешниҳод шудаанд.

Ҷузъи шиносоӣ аз низоми донишҳое иборат аст, ки ба дарку андарёфти сохтори курси мавриди омӯзиш ва қонуниятҳое, ки дар асоси он гузошта шудаанд: талабот ба худтаҳсилкунӣ, қобилияти мустақилона амсиласозии таҷрибаи нав; донишҳо доир ба воситаҳо ва шаклҳои касби донишҳои нав нигаронида шудааст.

Ҷузъи амалиётию фаъолиятӣ маҷмӯи усули фаъолияти таҳсилию маърифатӣ, инчунин малакаҳои таҳсилию идоракунӣ, таҳсмлию иттилоотӣ ва таҳсилию мантиқиро дар бар мегирад. Ба ин ҷо қобилиятҳои кор бо матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, қобилиятҳои кор кардан бо объектҳои воқеӣ ҳамчун манбаъҳои иттилоот дохиланд.




**Расми 5. – Сохтор ва мазмуни салоиятнокии таҳсилию маърифатиии хонандагони синфҳои болоӣ**

Ҷузъи арзишию маъноӣ низоми нишондиҳандаҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ, майлу рағбатҳо, арзишҳо, ваҷҳҳоеро дар бар мегирад, ки истифодаи донишҳоро таъмин менамоянд, ки дар он ҷо ба онҳо такя намуда, ба хонанда муяссар мешавад ва фаъолияти дигарро татбиқ намояд.

Арзишҳои мазкур ба тамоилоти шахсиятӣ ва арзишӣ барои хонандагон мубаддал шуда, нишонаи рушди камолоти иҷтимоии онҳо мебошанд.

***Талабот*** – ин ниёз ба ягон чиз, ҳолати инсоне, ки аз шароити мушаххаси ҳастӣ вобаста аст, мебошад. Дар гирифтани донишҳо талаботро дар рушдёфтагӣ ва рушд баррасӣ кардан зарур аст.

Ваҷҳ дар педагогика талаботи шайъикардашуда буда, он метавонад ҳам идеалӣ шавад, ҳам моддӣ [5-М].

***Мароқ*** –ангезае ҳисоб меёбад, пазируфтани бошууронаи моҳияту ҷолибияти ҳиссиётро дар назар дорад [1-М]. Ю.К,Бабанский рушди мароқи маърифатии талимгирандагонро дар воситаҳои аёнӣ, қиёсу монандкунӣ, навоварӣ, ошкорсозии донишҳо ва муҳимияти мундариҷаи донишҳои азхудшаванда мебинад.

***Эътиқодот*** – ақидаи шахсии таълимгирандагон буда, бо нигаронӣ ба арзишҳои шахсии худи онҳо рафтору кирдрро муайян месозад.

Низоми таълими равиявӣ мазмуни худии раванди таълимиро ташаккул медиҳад.

Тафовути таълими равиявӣ аз ғайриравиявӣ аз он иборат аст, ки дар таълими равиявӣ усул ва шаклҳои ҳам кори дарсӣ, ҳам кори ғайридарсӣ (супоришҳои озмоишӣ, фаъолияти таҳқиқотӣ ва лоиҳасозии хонандагон, лексияҳо, семинарҳо ва ғ.) мавриди истифода қарор мегиранд. Шаклу усулҳои фавқулзикр дар таҷрибаи анъанавии ҳаррӯза истифода мебаранд.

Таълими таҳсилоти равиявии биологиро бояд бештар талил намуд. Барои омӯзиши равиявии фанни биология омодасозии пешазравиявӣ доир ба фанни мазкур дар синфҳои 5-9 зарур аст, ки ба он омӯзиши пайдарпайи фанҳои алоҳидаи биологие дохил аст, ки ба андозаи мураккабшавӣ тархрезӣ шудаанд. Зимнан ашё ва объектҳои омӯзиш доимӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, аввал омӯзгор ба хонандагон мафҳумҳои содатарро медиҳад ва сипас дар асоси онҳо мафҳумҳои мураккабтареро месозад, ки бо ҳамдигар ба таври ҷудонашаванда марбутанд. Чунин сурат мегирад, ки фанҳои аввалин

ботаника, зоология дар тавсиф, сифатҳои ташкилию марказӣ ва эмпирикӣ сохта шудаанд.

Омодасозии пешазравиявии хонандагон дар синфи 9 оғоз ѐфта, дар он равиясозии мулоими таълим ва фаркгузории маҳоратҳои маърифатии хонандагон сурат мегирад. Хонандагони синфи нуҳӯм ақидаи шахсии худро дар бораи фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва эҷодӣ рушд дода, маҳорати ҳосилкунии мустақилонаи донишҳо, азхудкунии қоидаҳои кори илмӣ – таҳқиқотиро пайдо мекунанд.

Ба ақидаи мо,таълимгирандагон синфҳои 10-11, ки равиявиии табии-математики соҳваи  биология - географияро интихоб кардаанд, назарияҳои бунѐдиро дар алоқаи зич бо илмҳои фарҳангшиносӣ ва ҷамъииятшиносӣ бояд омӯзанд. Ҳоло консепсияҳои низоми экологӣ, биосферӣ ҳуҷайрагӣ, эволотсионӣ,хромасаии, донишҳое, ки низомро ташаккул медиҳанду ба биология дахл мекунанд, рушд гирифтаанд. Бинобар ин дилхоҳ назарияи бунѐдӣ дар асоси дасрас будан, системанокӣ, мунтазамӣ ва интихобӣ дар соҳаи биология – география бояд омухта шавад.

Омӯзиши назарияҳои асосӣ ва нуқтаҳои курси *«Биологияи умумӣ»* дар чаҳорчӯби таҳсилоти равиявӣ (маҳз курси мазкур, ба назари мо, ба вазифаҳои таҳсилоти равиявӣ доир ба илмҳои биологӣ мувофиқат мекунад), дар тафовут аз таълими анъанавии беравиявӣ чуқуртар бошад, бо такя ба тафаккури пешқадами илмӣ малакаҳои зеҳнии таълимгирандагонро ривоҷ диҳад, механизми тартиб додани масоили илмиро ба вуҷуд орад, фарзияҳои гуногун ѐ амсилаҳои гуногунро қиѐс намоед, роҳу тарзҳои ҳуллу фасли масъалаҳоро пешниҳод кунед.

Дар ин давра курси интихобӣ мавқеи хосса пайдо карда, майлу рағбати таълимгирандагонро ба дилхоҳ фанни таълимӣ ва касбинтихобкунии дуруст бояд ҷонибдори намояд. Курсҳои мазкури барои таълимгирандагон пешниҳодшуда талаботи онҳоро қаноатманд карда, малакаҳои фанниро дар хонандагон бояд ривоҷ диҳанд, мароҷи онҳоро бунѐд намоянд. Зеҳни таълигирандагонро дар азхудкунии донишҳо омӯзанд ва барои

таълимгирандагон дар интихобкунии ин ин ѐон равая шароити мусоид фароҳам оранд. Аз ҳамин лиҳоз, ин курҳо фаъолнокии хонандагонро ба вуҷуд оранд, донишу маҳорат ва малакаҳои онҳоро ташаккул диҳанд.

Таҳсилоти равияӣ ( синфҳои 10-11) мураккабтаршавии фаъолияти таълимгирандагон оварда мерасонад. Аз таҷриба аѐн аст, ки фаъолнокии таҳқиқотӣ ин нақшро бозида метавонад. Ба ақидаи В.П. Симонов ва Н.Ф. Круглова [135, с. 41] ин фаъолнокӣ бо маҳарату малакаи олии гузаронидани таҷрибаи зарурӣ аз як вазъияти ташаккулѐфта ба вазъияти тамоман нав бо рафтори хуби ҷамъиятӣ омехта мегардад.

Аз ин рӯ, маводҳои таълимӣ бо усулҳои пажуҳишӣ ва таълимӣ проблемавӣ бояд асос ѐбад. Ин муносибат зимни омӯзиши фанҳои биологӣ методи пажуҳишӣ илмӣ ( балоиҳагирии озмоишҳои илмӣ, баровардани фарзияҳо, масъалагузорӣ, ба вуҷуд овардани назарияи субъективии шахсият, пажуҳишӣ холофот, шаҳрдиҳии натиҷаҳои ҷамъбасти ) – ро ташаккул медиҳад.

Курсҳои интихобӣ бояд дарсҳое бошанд, ки дар онҳо таълимгиранда таҳқиқоти илмӣ мегузаронад, мавзуеро интихоб карда, кори курсиро иншо менамояд, яъне масъалаҳои таҳқиқотиро иҷро мекунад усулҳои ҳаллу фасли масъалаҳоро пешниҳод менамояд ва баъди иҷрои масъалаҳои таҳқиқотӣ хулосабарорӣ мекунад.

Аз ин рӯ, дар курсҳои интихобӣ ва дарсҳои муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ҳадафи асосии супоришҳо ва саволҳо таълими хонандагон ба истифодаи маҳоратҳои мантиқӣ – сохтани ҳалқаи муҳокимарониҳо, шинохти объект, ҷустуҷӯи далелҳо, таҳлили натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Дар машғулиятҳои интихобии синфҳои 10-11 усулҳои таълимии дар МТОК қабулшуда ( дарсҳои таҷрибавӣ мусоҳиба, мубоҳиса, маърузаҳои хулосакунанда, дарсҳои амалӣ, санҷишҳо ва ғайра) бояд мавриди истифода қарор ѐбанд. Самтдиҳӣ ба таълими муассисаи таҳсилоти олӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ фаъолияти маърифатиро фаъолнок сохта, хонандагонро ба

имтиҳоноти дохилшавӣ ба муасссисаҳои таҳсилоти олӣ ва гирифтани минбаъдаи таҳсилоти олӣ омода месозад.

Ҷузъи натиҷавии амсила нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ва ташаккулёфтагии он мебошанд.

Босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ меъёри асосии рушди фаъолноки маърифатӣ буда, аз ягонагии омодасозии амалӣ ва назариявии хонандагони синфҳои болоӣ ба татбиқи мустақилонаи фаъолияти маърифатӣ иборат аст. Ин намуди фаъолияти таълимӣ мустақилона бадастории донишу малакаҳои умумитаълимӣ ва дар фаъолияти ояндаи касбӣ ҷорисозии ин донишу маҳоратро таъмин менамояд.

Малакаҳои умумитаълимӣ – усулҳои (унверсалии) андӯхтани донишҳо ва курбурди онҳо дар МТМУ буда, аз малакаҳои фанни таълимӣ

(малакаҳои фании таълимӣ) – малакаҳои махсус барои фанни мушаххаси таълимӣ) тафовут доранд.

Малакаҳои умумитаҳсилӣ мутобиқи консепсияҳои онҳо: таҳсилию идоракунӣ, таҳсилию иттилоотӣ ва таҳсилию мантиқӣ тасниф шудаанд.

Малакаҳои таҳсилию идоракунӣ малакаҳои асосӣ дар фаъолияти хонандагон буда, ба ҳаллу фасли вазифаҳои таълимӣ нигаронида шуда, банақшагирӣ ва лоиҳасозӣ, назорати иҷро, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро дар бар мегиранд.

Малакаҳои таҳсилимӣ – иттилоотӣ, ки асоси фаъолияти умумитаълимиро ташкил медаҳанд, чун роҳи татбиқи масъалаҳои мушаххасгардонидашуда таҳлил карда мешавад. Малакаҳои таълимӣ-иттилоотӣ ба пажуҳиши, тафсир корбурди ахборот барои ҳаллу фасл кардани масъалаҳои таълим равона мегарданд.

Малакҳои таҳсилимӣ- иттилоотиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:маҳорати кор бо матни шифоҳии додашуда, маҳорати кор бо матни хатии додашуда: маҳорати кор бо объекҳои ҳақиқӣ ба сифати сарчашмаи ахбор.

Малакаҳои умумитаҳсилиро қобилияти таҳсилимӣ- мантиқӣ ташкил мекунад ва фаъолияти методологию ҳаллу фасли масъалаҳои таълимӣ, яъне фаъолияти умумитаълимиро таъмин мекунад. Ба ин ҷо дохиланд: ҷудо кардани лаҳзаҳои асосӣ дар вазифаи гузошташуда; гузаронидани таҳлил, низомбандӣ ва ҷамъбасткунӣ, инкор ѐ далелнок кардани муқаррароти асосии вазифа, ҳал ва ба даст овардани натиҷаҳо бо истифодаи тартиботи фаъолияти эҷодӣ.



**Расми 6. – Амсилаи матнҳои шифоӣ**

Бинобар ин, рушди ҳадафманди малакаҳои умумитаҳсилии хонандагони синфҳои болоӣ афзалиятнок мегарданд. Содатар мешуд, агар босалоҳиятнокии маърифатиро танҳо ба азхудкунии малакаҳои умумитаҳсилӣ нисбат дода шавад, бо вуҷуди, бидуни онҳо рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ва ба дараҷаи баробар бо он фаъолнокии маърифатӣ ғайриростнамо мебошад.

Нишондиҳандаҳои ташаккулёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандаи синфи болоӣ дар ҷадвали 1 пешниҳод шудаанд. Дар ин ҷо таҳлили меъёрҳое пешниҳод шудааст, ки сатҳҳои босалоҳиятнокии таҳсилӣ ва маърифатиро тавсиф медиҳанд.

**Ҷадвали 1.** – **Сатҳҳои ташаккулёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ**

| Меъёрҳо | Сатҳи эҷодию ташаккулдиҳанда (ЭТ) | Сатҳи омехтаю пурмаҳсул (ОП) | Сатҳи тақлидию бозтавлидкунанда (ТБ) |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳавасмандсозй ба маърифат | Хосиятҳои асосӣ: бартарият, мустақилият, таъсирбахшӣ, устуворӣ. Вачҳҳои зеҳнию таҳрикдиҳанда ба таври возеҳ ифода ёфта, дастёбӣ ба муваффақият асосӣ мебошад | Хосиятҳои асосӣ: таъсирбахшӣ, устуворӣ. Вачҳҳои зеҳнию таҳрикдиҳанда ба таври порчавӣ ифода ёфтаанд | Хосиятҳои асосӣ: ноустуворӣ; мустақилияти ангеза ифода намеёбад. Вачҳҳоии бевоситаи таҳрикдиҳанда ба қайд гирифта мешаванд |
| Бошуурии ичрои маҳоратҳои таҳсилию идоракунӣ, таҳсилию иттилоотӣ, таҳлилию мантиқӣ. | Хонандагони синфҳои болоӣ фаъолияти пурмаҳсулро ичро мекунанд, мустақилона донишҳоро касб карда, малакаҳоро аз худ мекунанд. | Хонандагони синфҳои болоӣ фаъолияти чузъию чустучӯиро бо омезиши бозтавлидӣ ва мустақилият ичро мекунанд. | Хонандагони синфҳои болоӣ фаъолияти бозтавлидиро ичро мекунанд; онҳо амалҳои таҳсилиро аз рӯйи намуна такмил медҳанд. |
| Зоҳирёбии эчодии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ. | Талабот ба фаъолияти таҳқиқотӣ; тафаккури асил, тамоил ба вазъияти проблевӣ, интиқоли донишҳо ба вазъияти нав ба қайд гирифта мешавад. | Талабот ба фаъолияти таҳқиқотӣ лаҳзавӣ мебошад: маҳорати самтгирӣ кардан дар вазъияти проблемавӣ, тамоил ба иттиллоти нав, бартараф намудани ноқобилиятӣ дар дидан ва ифода кардани масъала. | Талабот ба кори чустучӯӣ зоҳир намешавад ё кам зоҳир мешавад; интиқоли донишҳои гирифташуда ба вазъияти нав бо луқмаи омӯзгор, зоҳиршавии аҳён ба раванди эчодӣ, самтгирии заиф дар вазъияти масъалавӣ. |

Бинобар ин, босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ аз ягонагии омодагии амалӣ ва назариявии хонадагони синфҳои болоӣ ба истифодаи мустақилият дар фаъолияти маърифатӣ иборат мебошад. Ташаккули босалоҳиятнокии таҳсилию марифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми касби тачрбиаи фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ва саводнокии функсионалӣ сурат мегирад. Донишҳои нави хонанда бо донишҳо, қобилиятҳо ва тамоилоти арзишие дастгирӣ мешаванд, ки ӯ онҳоро дар сатҳҳои тақлидию бозтавлидӣ, омехтаю пурмаҳсулӣ ва эчодию ташаккулдиҳанда ба даст меорад.

Аз ин рӯ, босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз чониби мо ҳамчун рушди малакаҳои истифодаи таъсирбахши қобилиятҳои умумитаҳсилие муайян карда шудааст, ки дар гузориши мустақилона ва ҳалли вазифаҳои гуногуни фаъолияти таҳсилӣ заруранд.

Дар амсилаи аз ҷониби мо пешниҳодшуда се марҳиларо фарқгузорӣ кардан мумкин аст: омодасозӣ, ташаккулдиҳанда ва арзѐбикунанда.

Ин давраҳоро васеътар баррасӣ менамоем.

Дар давраи тайѐркунӣ ташхискунӣ ва пегусозӣ татбиқ меѐбад ва аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

ошкорсозии тағйироту вазъиятҳои рӯйдиҳанда дар раванди таълими ҳар як хонандаи синфҳои болоӣ ба андозаи рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар онҳо;

– пешбинии натиҷаҳо дар асоси ошкоркунии сифатҳои инфиродию психологии хонандагони синфҳои болоӣ.

Таҳқиқи системаноки хислатҳои хатмкунандагон ва шиносшавӣ бо вазъи оилавӣ (кору фаъолияти водидайн, муносибат дар оилавӣ), вазъи маданӣ ва рӯзгори оила оғоз кардан зарур аст.

Сипас ҳангоми омӯзиши сифатҳои хонандагон ошкоркунии марҳилаи намунавии ташаккули умумии зеҳнӣ: сифати таваҷҷуҳ ва идрок, қобилиятҳои мустақилият ва ғайра муҳим мебошад



**Расми 7. – Ташхиси педагогии хусусиятҳои инфиродии хонандагон**

Шиносоии ибтидоии таълимгирандагон одатан бо саволу ҷавоб дар бораи волидайн, мусоба бо таълимгирандагон, анкетаронӣ, таҳлили педагогӣ-психологӣ, вазъи саломатии таълимгирандагон гузаронида мешавад.

Минбаъд барои ҳар як хонанда кортҳои шахсии ташхисӣ пур карда шуда, омӯзиши дараҷаи фаъолияти маърифатии фаъол гузаронида мешавад.

Баъди гузаронидани ташхиси педагогии сифатҳои шахсӣ дар хонандагон, ошкоркунии худмуайянкунии равиявии онҳо баррасии натиҷанокии шаклҳо ва усули интихобшудаи таълим зарур аст расми 7.

Дар натиҷаи ташхис мо хусусиятҳои инфиродиро кушода дода, кортҳои шахсии психологию педагогии хонандагон ва синфро дар маҷмӯъ тартиб медиҳем. Бо кортҳои маскур бунѐди ҷараѐни таълим дар МТМУ-ҳо бо равияи махсус ва аносири муодилӣ, фардӣ, инвариантӣ бо мақсади мо мувофиқ мебошад.

Дар марҳилаи ташаккулдиҳанда тарҳрезӣ ва ислоҳсозии раванди таҳсилотӣ сурат мегирад, ки дар натиҷаи онҳо ташкили фаъолияти таҳсилӣ ошкор месозад ва дараҷаи рушди фаъолияти маърифатиро дар хонандагон ба назар мегирад.

Ба назар гирифтани дараҷаи рушд бо тариқи зайл зарур аст:

– таҳияи машғулиятҳои нақшавӣ мутобиқи барномаҳои таълим;

– таҳияи низоми курсҳои интихобӣ, ки талабот ва майлу рағбатҳои хонандагони синфҳои болоиро ба назар мегирад;

– таҳияи низоми машваратҳо, суҳбатҳо, тренингҳо, машғулиятҳои шахсӣ.

Таҳияи чорабиниҳои дар боло зикршуда ба рушди талабот ба худтатбиққунӣ ва фаъолнокии ҷустуҷӯӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудааст, ки дар раванди таълим заруранд.

Зимни таҳлили мафҳуми *«фаъолнокии маърифатӣ»* мо сохтореро истифода мебарем, ки расми 8 пешниҳод шудааст [9-М]. Тавре ки дар расми 8 дида мешавад, якчанд сатҳҳои шомилсозии хонандагон ба раванди маърифатии таълимӣ вуҷуд доранд.




**Расми 8. – Амсилаи сохтори фаъолнокии маърифатӣ**

Дар оғози раванд фаъолнокии сифрӣ ба қайд гирифта мешавад, вақте ки хонандагон ба талаботи омӯзгор беғайратӣ бефаъолияти нишон дода, ба кори

мустақилона ҷидду ҷаҳдро зоҳир накарда, низоми фишорро аз ҷониби омӯзгор интихоб мекунанд. Тавре ки амалия нишон медиҳад, хонандагони бефаъолият дар синфҳои 10-11 амалан нисфро ташкил медиҳанд. Ҳангоми кор бо чунин хонандагон инҳо манъ карда шудааст:

– аз онҳо мунтазир шудани воридшавии фаврӣ ба кор, зеро фаъолнокии онҳо бояд дар якчанд марҳилаҳо баланд шавад;

– ба хонандагон пешниҳод кардани супоришҳое, ки ивазкунии босуръати намуди фаъолиятро аз яке ба дигарӣ талаб мекунанд;

– талаб кардани ҷавобҳои фаврӣ, зеро ба онҳо ҳозирҷавобӣ бо душворӣ ба даст меояд;

– додани саволҳои пурмаъно ва ногаҳонӣ, буридани сухани хонандагон дар вақти ҷавоб ба саволҳо;

– воридсозии хонандгон ба кор бевосита баъди танаффус, зеро онҳо хеле ғайришитобона аз фаъолнокии фаъолиятӣ ба фаъолияти зеҳнӣ мегузаранд.

Зимни кор бо чунин хонандагон ба педагог инҳо зарур аст:

– дар вақти гузаронидани дарс нигоҳ доштани оҳанги ором;

– ҳавасмандсозӣ ва таҳсини хонандагон;

– номбар кардани хонандагон аз рӯйи номашон;

– бодиққат шудан ба тарҳрезии мусбати иборахо бидуни таҳдид ва фармонҳо.

Ин ҳама ҷузъҳои тактика мебошанд. Ва аз ҷониби стратегия ядрои ҳамкориҳои таълимӣ аз зарурати интиқоли хонандагон аз сатҳи фаъолнокии сифрӣ аз ҷониби омӯзгор ба сатҳи фаъолнокии вазъиятӣ иборат мебошад.

Фаъолнокии вазъиятии хонандагон дар вазъиятҳои гуногуни таълимӣ (методҳои таълим, мазмуни ҷолиби дарс ва ғ.) зоҳир ѐфта, асосан дар сатҳи дарки эҳсостӣ муайян мешавад.

Одоби (муомила) педагогӣ дар ин маврид дар асоси дастгирии фаъолнокии эҳсосотии онҳо бунѐд ѐфта, тадриҷан ба мавқеъҳои зеҳнӣ ва иродавӣ паҳн мешавад.

***Сатҳи иҷроии фаъолнокӣ*** – тайёрии ҳисиёти бо навъҳои таҳияшудаи таълим муқаррар карда  мешавад ва дарки суръатноки масъалаҳои таълим, мустақилнокӣ дар ҷараёни ҳалли ин масъалаҳоро кафолат медиҳад.

Сатҳи баланди  фаъолнокии маърифатӣ таълимгирандагонро ба худфаъолшавӣ ҳидоят мекунанд. Таълигирандагони сатҳи баланди иҷроиши фаъолнокии маърифатидошта масъалаҳои ғайриқолабӣ, пажуҳишӣ ва проблемавиро ба осонӣ ҳал карда метавонанд. Ин  таълимгирандагон ба қабули талаботи боз ҳам самамараноктари ҷараёни таълими муосир тайёранд, аммо дар ҷараёни таълим ин фаъолият  на ҳама вақт амалӣ мегардад. Дар ин ҳолат таълимгиранда зимни машғулиятҳои фориғаздарсӣ қувваҳои зеҳнии шахсро татбиқ месозанд. Дар баъзе ҳолатҳо аз малакаҳои ҳосилшудаи таълимӣ маҳрум мегардад.

***Сатҳи эҷодии фаъолнокӣ*** – дар ин сатҳ таълимгирдагон ба дохилшавии вазъи ғайримаъмули тайёранд ва барои ҳалли масъалаҳои гуногун метавонанд тарзу роҳҳои нодирро ҷустуҷӯ карда ёбанд.

Муносибати эҷодиро ба таври ғайримунтазир барои омӯзгор метавонанд хонандагони дорои ҳар гуна дараҷаи фаъолнокии таълимӣ ифода намоянд.

Аз рӯи ҷанбаи тактикӣ педагог барои шаҳр додани масъалаҳои гуногун ва зоҳирсозии ғайристандарти бояд вазъияти қулайро ба вуҷуд орад. Омӯзгор ба ин гуна тағйирот бояд худаш рақобат зоҳир карда ба ҳаллу фасли масоили ба вуҷудоянда тайёр гардад, чунки дар ҳолати тайёр набудани ӯ таълимгирандагон фаъолнокии эҷодии маърифатиро нишон дода наметавонанд.

Омӯгор муносибатӣ инфиродиро дар таҷриба татбиқ намуда, бодарназардошти вижагиҳои шахсияти тълимгирандагон ба онҳо бояд таъсир расонанд. Муҳим он аст, ки омӯзгор хусусиятҳои инфиродии шогирдонро бояд омӯзад.

Гуфтан мумкин аст, ки ин гуна машғулиятҳо субъектҳои таълимро ба ҳамкорӣ ҳидоят менамояд. Ҳамкориҳои омӯзгор бо ҳар гуна гурӯҳи таълимгирандагон мунтазам роҳандози мегардад. Дар ҷараёни таълим

вобаста ба масоили таълимӣ ҳамкориҳои гуногуни судманд ҷори карда мешавад. Машғулиятҳо ба шакли бозиҳои фаъоли  накши гузаронида мешаванд. Дар чунин машғулияҳо ҳамкориҳои омӯзгор бо таълимгирандагоне, ки сатҳи олии фаъолнокиро доранд, накши асосиро мебозад. Ҳамкориҳои таълимӣ зимни машғулиятҳо сифатҳои маҷмӯиро низ доранд. Тамоми муодилҳои пешниҳодгардида омезиш ѐфта, дохилшавӣ ба системаҳои сершумори ҳамкориҳои маҷмӯи дар давраи имконияти воқеи меъѐри асосии машғулиятҳо мегардад.

Бинобар мавҷуд будани фарқият дар сатҳи фаъолнокии маърифатии таълимгирандагон ҷараѐни таълим бояд тавре сурат гирад то ин, ки  сатҳ то дараҷаи фаъолнокии эҷоди боло равад.

Дар ҷараѐни таълим муносибатҳои инфиродӣ заруранд, чунки ин принсип қувваи маърифатии фардии таълимгиранда ва мундариҷаи таълим, методикаи колективонаи ҷараѐни таълим ва вижагиҳои инфиродии дарки маводҳои таълиму рушди наврасонро пайваст мекунад.Чунин навъи номувофиқатиҳои объективӣ байни ҳадафҳо, мазмун, методҳои тарбия ва малакаҳо, маҳоратҳо, мароқҳои инфиродии хонанда вуҷуд доранд.

Муваффақиятнокии омӯзиши маводи таълимӣ, суръатнокии азхудкунии онҳо, босуботӣ ва бошуурии донишҳо аз фаъолияти омӯзгор, нерӯҳо ва малакаҳои маърифатии таълимгирандагон, ки бо вижагиҳои дарку фикррони, хотиру хусусиятҳои ҷисмонӣ ва омилҳои дигари сершумор муқаррар карда шудаанд, вобастагӣ доранд.

Дар чунин ҳолатҳо омӯзгор бояд на фармонфармо, балки маслиҳатчӣ гардад. Яъне нисбати шахсияти таълимгиранда бо баҳисобгиранда вижагиҳои педагогӣ-психологӣ муносибати инфиродӣ талаб карда мешавад.

Дар марҳилаи арзѐбии амсилаи худ мо имкониятро барои таҳлили меъѐрҳо ва нишондиҳандаҳои рушдиҳандаи фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ фароҳам месозем. Дар бораи ин дар боло зикр шуда буд.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ноилшавӣ ба вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти мазкур дар мавриди

таҳияи амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ имконпазир аст, хусусияти хоси он конспесия барои амалисозӣ дар низоми таълими равиявӣ мебошад.

Рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагон дар пояи муносибати инфиродӣ дар сохтори таълими равиявӣ сохтори донишҳо ва азхудкунии тартиботи сатҳи эҷодии фаъолнокии маърифатӣ, истифодаи методҳои инфиродии корро бо хонандагон муайян месозад, ки ба эҷодкорӣ ва ҳамкории ҳамаи иштирокчиѐн дар раванди таълим нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар ин зербобӣ таҳқиқоти мазкур дар асоси муносибатҳои салоҳиятнок, инфиродӣ ва низомию фаъолиятӣ натиҷаҳои таҳияи амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ оварда шуданд.

## 1.3. Шароити ҳатмии педагогии татбиқи амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ

Яке аз омилҳои муваффақиятноки баланд бардоштани ин муҳайѐ сохтани шароити зарурӣ мебошад. Аз ин ҷо муайянсозӣ ва асосноккунии маҷмӯи шароити педагогӣ доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими соҳаҳои равиявӣ ба хонандагон мебошад.

Инак, бо баҳисобгирии вижагиҳои инфиродии педагогӣ ва психологии таълимгирандагон, дараҷаи фаъолнокии маърифатии хонандагон мо шароити педагогиро, ки ба ривоҷи фаъолияти маърифатии онҳо таъсир мерасонад, дида мебароем.

Шароит ин як қатор заминаҳо, дархосту вазъиятҳо буда, зимни амалигардонии ҷараѐни таълим он бояд аз мадди назар дур нагардад. Шароит муҳитест, ки падидаву омилҳо маркази онро ташкил медиҳанду бе он мавҷудияташ имкон надорад [3-М].

Аз ин рӯ, шароити педагогиро комплекси баҳодиҳии ҷараѐни таълим дар бар мегигирад, ки бо афзудани самаранокиаш равонааст.

Ин шароит муҳитест барои сурат гирифтани ҷараёни таълим, иҷрои зарурии чораҳои педагогӣ барои ташаккул додани ин муҳит.

Ҷамъи шароитҳо таносубияти маҷмӯи хосиятҳову падидаҳо ва амалҳое ҳисоб меёбан, ки як чизи яклухтро ба вуҷуд меоранд. Хосияту объекҳои мустақил нисбати раванду падидаҳои дигари мустақил шароит ҳисоб меёбанд, чунки рушду ташаккули чунин падидаҳо аз онҳо вобастаги дорад. Ҷамъи шароитҳо ба рушди тамоми ҷузҳои ҷараёни таълиммусоидат менамояд.

Маҷмӯи шароити педагогӣ сеҷанба мебошад. Он аз ҷанбаҳои мазмунӣ, ташкилию фаъолиятӣ ва субъектӣ иборат мебошад. Шарти аввал – ҷанбаи мазмунӣ омодасозии зеҳнӣ ба фаъолияти эҷодӣ, ташкили таректорияи (маҳруки)таҳсилотиро барои ҳар як хонанда ба таври инфиродӣ таъмин менамояд. Дар бораи ин дар зерфасли 1.2-и таҳқиқоти мазкур баён гардид.

Траекторияи инфиродии таҳсилотӣ – ин методи инфиродии амалисозии имконияти шахсиятии ҳар як хонанда барои ба даст овардани донишҳо мебошад [2-М]. Имкониятҳои шахсиятии хонандагон – ин маҷмӯи малакаҳои маърифатӣ, эҷодӣ, ташкилию фаъолиятӣ ва дигар мебошад. Таълимгиранда аз рӯи таҳарруки фардӣ дар таълим зимни зимни пешкаш гардидани қувваҳои муайянкунандаи муҳимияти фардии азхудкунии фанҳо ба ҳаракат оғоз менамояд [7-М].

Се ҷузъи низоми таълими равиявӣ (вариантивӣ, ивариантӣ ва инфиродӣ) – ро ҷудо мекунанд.

***Қисмати вариативӣ*** – ин низоми эҷоди курсҳои инихобие мебошад, ки доираи назар ва талаботҳои хонандагони синфҳои болоиро ба назар мегиранд.

***Қисмати инвариантӣ*** – ташкили дарсҳои нақшавиро ва баҳибгирии барномаву нақшаҳои таълим дар омӯзиши фанҳо тибқи ин ё он равия дар назар дорад.

***Қисмати инфиродӣ*** – дарсҳои инфиродӣ, тренингҳои инфиродӣ, мусоҳибаҳою маслиҳатҳои фардӣ иборат аст.

Эҳтимол аст, ки системаи умумитаҳсилот барои хатмкунандагон ташкили 3 навъи курси таълим ( умумитаҳсилотии ҳатмӣ, умумитаҳсилотӣ аз рӯи равия курсҳо аз рӯи интихоби хонандагон) зарур аст. Курсҳои умумитаҳсилотии заминавӣ (ҳатми) ба хонандагон донишҳоро доир ба фанҳои умумитаҳсилотӣ пешниҳод мекунад. Курсҳои умумитаҳсилотии равиявӣ ба хонандагон донишҳои дараҷаи баланд кардашудаи мураккабиро пешниҳод мекунанд, ки ба равияи муашаххаси таълим нигаронида шудаанд.

Курсҳои интихобӣ *(аз лотинӣ – интихобшуда)* курсҳо аз рӯйи интихоби хонандагон мебошад. Ба қисми инвариантии таҳсилоти умумӣ курсҳои равиявӣ ва заминавӣ дохиланд ва ба қисми вариативии таҳсилот бошад, курсҳои интихобӣ дохиланд [6-М].

Ҳадафҳои асосии курсҳои интихобӣ инҳоанд:

– курсҳои интихоби таълими равиявиро пурра ва амиқтар месозанд. Мақсади курсҳо аз рӯи интихобӣ хонандагон, амсоли *«Ташкили иолами органикӣ» «Ҳуҷайраву бофтаҳо»* маълумот иловагии аниқ додадан аст.додани иттилооти иловагӣ ба хонандагон мебошад.

– курсҳои биология аз рӯи интихоби хонандагон мундариҷаи курсҳои асосиро инкишоф медиҳад. Таълимӣ дигар фанҳо (физика, химия)-ро тақозо менамояд ба бадастории донишҳои иловагӣ мусоидат мекунад, ки зимни супоридани имтиҳоноти хатмӣ доир ба биология касб карда шаванд. Аз ҷониби педагогҳо: В.В. Фишов [157, с. 191], З.Г. Холостова [157, с. 213], А.В. Брилков [22, с. 219] барои амалисозии вазифаи мазкур чунин курсҳои интихобӣ, ба мисли: *«Биофизика: таърих, кашфиѐт, давраи муосир», «Химияи биологӣ»* ва ғайра таҳия шудаанд (онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ истифода кардан мумкин аст);

– имкон медиҳанд майлу рағбатҳои маърифатии хонандагон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон қонеъ гардонида шаванд. Дар ин ҷо курсҳои интихобӣ доир ба мавзӯҳои: *«Таърихи кашфиѐти биологӣ», «Бионика: чорроҳаҳои илм ва техника» – «Фауна ва флораи маҳал»*-ро ташкил кардан мувофиқи мақсад аст.

Ба таркиби курсҳои интихобӣ лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва корҳои амалиявии хонандагонро дохил кардан зарур аст.

Методикаи таълими дар курсҳои интихобӣ дар хонандагон маҳоратҳои меҳнатӣ, зеҳнӣ ва худтаҳсилкуниро ташаккул медиҳанд. Дар ҷараёни азхудкунии донишҳои курсҳои интихобӣ ба хонандагон истифодаи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, практикумҳо, фарҳангномаҳо ва адабиёти дигари гуногунро пешниҳод кардан хело муфид мебошад.

Ба таркиби курсҳои интихобӣ ворид кардани лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва корҳои амалии хонандагон зарур аст.

Муҳокимаи афзалиятҳо ва баъзе камбудиҳои дастурҳои таълимӣ оқилона буда, хонандагон гузаронидани таҳлили манбаъҳои адабиётиро ёд мегиранд.

Зимни рушд додани курсҳо аз рӯи интихобӣ хонандагон оиди биология принсипҳои зеринро ҷудо мекнанд:

– хоссогиҳои суроғавӣ (афзоиш додани самаранокии иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва шахсии таълимаз рӯи равия);

– хоссагиҳои ҳамгирои;

– илмӣ;

– Босалоҳиятнокӣ аз рӯи касб (касбинтихобкунии таълимгирандагону волидайни онҳо ва тайёр кардани онҳо ба касб дар назар дошта мешавад);

– консепсияи таҷрибавӣ (инкишоф додани қобилияту истеъдоди таълимгирандагон, ки онҳоро метавонанд зимни таълими минбаъда дар муассисаи таҳсилоти олӣ истифода бурда, дар касби оянда ба кор баранд);

– тавсеаи чаҳорчӯби курсҳои амалкунандаи умумитаҳсилотӣ ва равиявӣ;

– ба принсипҳои методологияи муосири биологӣ (детерминизм, таърихият, низомнокӣ ва ғ.), ки дар асоси онҳо дар хонандагон фаъолияти фикрӣ ва тасвири ягонаи олам сайқал меёбанд, мувофиқат мекунанд;

– омӯхтани чуқури курсҳои мавҷуда (барои таълимгирандагони болаёқат);

– ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии (баѐни маводҳои таълим дар ҳамбастагӣ бо инкишофи шахсияти хонанда, додани афзалиятҳо ба инкишофи шахсияти хонанда);

– ба назар гирифтани хосагиҳои минтақавӣ (мақсад – ҷолибгардонии машғулиятҳои ва ҳавасмандсозии  таълимгирандагон ба аз худкунии маводҳои таълимӣ);

– вижагие, ки ба ташаккулдиҳӣ равонааст (дар курсҳо аз рӯи  интихобӣ хонанда маҳорату малакаҳои барои таҳқиқот зарур, мутақилиятнокии маърифатӣ такмил дода мешавад,ба хатмкунандагони МТМУ – ҳо ба идомаи маълумот дар МТОК кӯмак расонида метавонд).

Кори таълимгирандагон дар синфҳо аз рӯи равияҳо муракабтар мешавад. Ин хусусан ба фаъолнокии пажуҳушӣ дахл дорад. Ба андешаи баъзе муҳақиқон фаъолнокии таҳқиқотиро бо (малакаю маҳоратҳои интиқолдиҳии таҷриба аз вазъияте ба вазъи қулайи дигар нав) ва бо рафтору кирдори барои ҷомеа зарур омехта мегардад. [5-М].

Ба назари мо, курсҳои интихобӣ дар баробари фанҳои умумитаҳсилотӣ ва равиявӣ метавонанд барномаи инфиродии таҳсилотиро барои ҳар як хонанда оиди амалисозии маҳоратҳо ва талаботҳои онҳоро дастгирӣ намуда, ба рушди фаъолияти маърифатии ӯ мусоидат менамоянд.

Кору фаъолияти маърифатиро қисми мундариҷавии мавод рушд медиҳад, таълимгирандаро ба эҷодкори тайѐр мекунанд.

Шарти дуюми рушди фаъолияти маърифатӣ ҷанбаи ташкилию фаъолиятӣ мебошад, ки раванди таълимиро чунон ташкил мекунад, ки шакли инфиродии таҳсилии хонандагон афзоиш меѐбад.

Хонандагон аз рӯйи таълими инфиродӣ дар ҳамаи соҳаҳои таҳсилотӣ ҳамон вақт ҳаракат хоҳанд кард ба хоссагиҳои фардии хонандагон ҷавобгуянд: рефлексивона дарки натиҷаҳои ҳосилшуда баҳодиҳи ба кори хеш пешкаш мегардад [8-М].

Шарти баррасишудаи педагогӣ танҳо ҳамон вақте амалӣ шуда метавонад, ки муносибати инфиродӣ дар таълим вуҷуд дошта бошад.

Талаботи ба назар гирифтани сифатҳои инфиродии хонандагон дар ҷараѐни таълим воқеияти объективӣ мебошанд, зеро синфи хонандагон аз одамони бо маҳоратҳои, мавқеъҳо ва мулоҳизаҳои на якхела, балки аз шахсиятҳои алоҳидае ташкил ѐфтааст, ки ҳар якеи онҳо дорои сифатҳои психологию маънавии худ, майлу рағбатҳо ва кӯшишҳои худ, биниши худии воқеият мебошад.

Шубҳае нест, ки дар раванди воқеии таълимӣ ҳар як хонанда донишҳоро ба андозаи имкониятҳои худ, ба таври инфиродӣ касб мекунад. Маҳз барои ҳамин муносибати инфиродӣ дар ҳамаи дастурҳои таълимию методӣ доир ба педагогика яке аз принсипҳои асосии таълимдиҳанда ба шумор меравад.




**Расми 9. – Амсилаи муносибатҳои корбасти инфиродӣ**

Аз ин бармеояд, ки *муносибати инфиродӣ* – ин принсипи таълим, ва фардисозӣ – ин татбиқи принсипи мазкур мебошад [3-М].

***Муносибати инфиродӣ*** – ин дониш ва баҳсиобгирии сифатҳои муайяни инфиродии инсон мебошад, ки аз ҷониби табиат дода шудаанд [1-М].

Принсипи муносибати инфиродӣ, дар тафовут аз принсипҳои дидактикӣ, ба зарурати баҳисобгирии инфиродию такрорнаѐбанда дар шахсияти ҳар як хонанда ишора мекунад. Барои ҳар як хонанда бидуни истисно муносибати инфиродиро ба кор бурдан зарур аст. Нишонаи мазкури принсипи

таҳлилшаванда аз муқаррароти муносибати инсондӯстона ба шахсияти хонанда бармеояд, ки дар он муносибати инфиродӣ ҳамчун принсипи фаъол ва рушддиҳанда баррасӣ гардида, ташаккули эҷодии фардияти хонандагонро пешбинӣ мекунад.

Аз ин рӯ, ин тарзи муносибат хусусиятҳои психологӣ-инфиродии таълимгиранда, афзалиятҳову корбурди методу усулҳои марбута, муодилаҳои масъалаҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Он принсипи дидактикӣ буда, ислоҳоти худро ба тарҳрезии раванди таълимӣ ворид месозад.

Ва муносибати инфиродӣ ҳамчун асоси рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагон – ин афзалият ва истифодаи шаклҳо инчунин усули лозимае мебошанд ва рушд додани вижагиҳои маърифати инфироди психологии таълимгирандагон равонаад.

***Мақсади инфиродикунонӣ*** – ҳам ҳифзу ривоҷ додани хусусиятҳои инфиродии таълимгиранда дар оянда, тарбия кардани шахсияти худро даснорас тасаввуркунанда ҳисоб меёбад. Ҳангоми инфиродикунонӣ хусусиятҳои мавҷудбудаи инфиродии таълимгирандаро бояд қабул кард, чунки таълимгиранда аз ҷумла хатмкунандагон шахсе ҳисоб меёбан, ки ба рушди ояндаи имконияти хеш қодир аст. Педагог зимни рушди фардият дар хонандагон бояд ҳуқуққи хонандагон *«бо худ будан»*-ро ба назар гирад. Аксари классикони педагогика ва асосан, Ж.Ж. Руссо, муътақид бар онанд, ки зимни таълими фанҳо шахсияти таълимгирандаро бояд эҳтиром кард. Дар раванди таълим инфиродикунонии он ба таълимгирандагон ҳуқуқ додан ба интихобкунии фанҳои таълимӣ, аз ҷумла масъалаҳои таълимӣ, дар қатор фанҳои таълимии тамоили муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод карда шавад, ин ҷустуҷӯи нерӯҳо аз ҷониби педагог барои эътирофи принсипи инфиродии омӯзиши хонанда мебошад.

Зарурати эътирофи сифатҳои инфиродии хонандагон саволро ба миён мегузорад: оиди ин масъала чӣ тавр кор ташкил карда мешавад? Дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир, вақте ки бо шумораи калони хонандагон ҳамзамон як омӯзгор кор мекунад, масъалаи фардисозии таълим

ба мадди аввал мебарояд. Зимни таълими хонагӣ дар низоми ашрофӣ (намунаи классикӣ – тарбиягирифтаи Ж.Ж. Руссо – Эмил), ки дар он таълим дар фардият бунёд меёфт, масъалаи мазкур метавонист танҳо дар он маъно пайдо шавад, ки оё педагог қобил аст, ки сифатҳои инфиродии тарбиягирандаи худро дарк кунад. Дар ҷараёни ҳозираи таълими МТМУ байни талаботҳои таълимгирангон ва омави будани МТМУ ихтилофот ба вуҷуд меояд. Чунин муҳокимаронӣ оммавӣ мебошад, ки кам кардани шумораи хонандагон дар синф имконияти ҳалли масъалаи мазкурро пешниҳод менамояд. Дар айни ҳол, шумораи қиёсан ками хонандагон дар синф худ ба худ эътирофи сифатҳои инфиродии хонандагонро таъмин наменамояд. Дар амалияи ҳаррӯзаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аксар вақт вазъиятҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар синф бо шумораи қиёсан ками хонандагон ҳатто нерӯҳои фарқгузорӣ ба кор бурда намешаванд.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, қайд мекунем, ки дар касби таҳсилот усули муҳим таъмини ҳар як хонанда бо донишҳо мебошад, ки таълими инфиродӣ шуморида мешавад. Аммо ҳамзамон мушкилоте ба вуҷуд меояд, ки аз дигаргунсозии мундариҷа ва усулҳои таълимӣ бо дарназардошти вижагиҳои инфиродии таълимгиранда, методи назораткунӣ ва баҳодиҳӣ бо муваффақиятҳои ӯ аз муайянсозии дарки самараноки маводи барномавӣ аз ҷониби таълимгирандагон иборат мебошад.

Инак, дар таҷрибаи мактаб на дар бораи инфиродикунонии пурра, балки муқоисавии он гуфта мешавад. Фардисозиро бо омилҳои зерин тавсиф додан мумкин аст:

–сифатҳои инфиродии на ҳар як хонандаи алоҳида, балки гурӯҳи хонандагон эътироф карда мешаванд, ки дар он ҳамаи хонандагон дорои сифатҳои тақрибан якхела мебошанд;

–он қобилияту маҳорат ва маҷмӯи онҳо, ки барои таълим заруран(масалан, маҳоратҳои зеҳнӣ) дар мадди назар меистад; ҳамзамон баъзе хусусиятҳо (масалан, мизоҷи) мавҷудан, ки дар ҷодаи инфиродикунонӣ ба назар гирифтани онҳо чондон муҳим нест;

–ба ҳисоб гирифтани баъзе хусусиятҳо дар ҳолате муҳим аст, агар он ба таълимгиранда дахлкунанда (масалан,ягон намуди беморӣ, қобилияти хосса дар ягон фанни таълимӣ);

–инфиродикунонӣ на ба тамоми ҷараѐни таълим, балки ба ин ѐ он кори таълим дахл дорад бо кори инфиродикунони якҷоя мебошад.

Ҷоиз мешуморем, ки дар поѐн сифатҳои инфиродию психологии хонандагонро муфассалтар дида бароем.

Дар синни навҷавонӣ ҷараѐнҳои психологии маърифатӣ ташаккул меѐбад. Бо баъзе сабабҳо вақте, ки ҷавон болиғ мегардад, зеҳни онҳо оҳиста-оҳиста ривоҷ мегирад, ки ба иҷрои тамоми навъҳои кори зеҳнии калонсолон, ҳатто ба иҷрои корҳои душвортарин тайѐр мешаванд.

Маълум аст, ки дар наврасон ҳавасмандӣ, назар ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври дигар ифода меѐбад: ба онҳо доираи васеътари майлу рағбатҳо дастрас буда, онҳо саъй мекунанд ҳама чизро фаҳманд ва ҳама чизро санҷида бароянд. Дар синфҳои поѐнӣ монандӣ дар таълиму тарбия, ташаббускорӣ, ваҷҳҳо дида мешавад, аммо дар сину соли наврасӣ хусусиятҳои инфиродӣ барҷастатар намоѐн мегардад.

Назарияи пешқадами ақлонӣ ташаккул меѐбад. Дар ин сину сол таълимгиранда ба тафаккури мантиқӣ рӯ оварда, ба худтаҳлилкунию хударзиѐби шуғл меварзад. Хатмкунандагон алакай мафҳумҳои илмиро хуб медонанд ва аз онҳо зимни ҳалли масъалаҳо истифода мебаранд, фаъолияти назариявию нутқӣ, мантиқӣ ва ғайраро инкишоф медиҳад ва талаботҳои заруриву хосагиҳои нави зеҳниро ба вуҷуд меорад. Аксар вақт хонандагон ба гузаронидани мусоҳибаҳо дар мавзӯъҳои алоҳида, ки ба онҳо шинос нестанд, масалан сохти олам, шурӯъ мекунанд.



**Расми 10. – Амсилаи қобилияти психологӣ**

Самарабахшии синну соли навҷавонӣ аз он иборат аст, ки васеъгии доираҳои назари зеҳнӣ аксар вақт имкон намедиҳад дар вазифаҳои мушаххас бодиққат шуд, арзёбии муносиби нерӯҳои худ, низомнокии муносибатҳо ва муҳокимарониҳо вуҷуд надорад. Аксари хонандагони синфҳои болоӣ ба муболиға намудани меъёрҳои донишҳои худ, нерӯҳои зеҳнӣ тамоил доранд.

Дар айни замон, дар синну соли мазкур шумораи зиёди навҷавонон ва духтарони беэътиноию бепарво ба вуҷуд меоянд, ки барои онҳо таҳсил мутлақо ғайри ҷолиб ба назар мерасад. Падидаи мазкур то як дараҷа бо қолибият ва якрангагии раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста мебошад, ки ба рушдёбии малакаҳои инфиродӣ ва ташаббуси хонандагон баҳои сазазовор намедиҳад. Илова бар ин, баъзе кӯдакон дар азхудкунии барномаю нақшаи таълим ба душворӣ дучор мегардад.

Дар ин синнусол тафриқагузорӣ байни таълимгирандагон ба тафаккури мантиқӣ рӯ оварда, ба худтаҳлилкунию хударзиёбӣ шуғл меварзанд. Хатмкунандагон алакай мафҳумҳои илмиро хуб медонанд ва аз онҳо зимни ҳалли масъалаҳо истифода мебаранд, фаъолияти назариявию нутқӣ, мантиқӣ ва ғайраро инкишоф медиҳанд. Фаъолияти ақлонӣ ин синусол ривоҷи худро

идома медиҳад ва талаботҳои заруриву хоссагиҳои нави зеҳниро ба вуҷуд меорад.

Ҳоло дар зеҳни эҷод фаъолияти ақлонӣ дивергентӣ чун қисми асоси он бартари дорад. Дар ин намуди фаъолияти  як савол ҷавобҳои сершумори дурустро талаб мекунад. [7-М].

Инчунин вожагии хоси ташаккули муҳити шинохтан дар синну соли навҷавонӣ аз он иборат аст, ки рушди зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо аз андӯхти қобилиятҳо, балки инчунин аз рушди услуби фаъолияти барои ҳар як хонанда фардӣ иборат мебошад.

Дар усулби фаъолияти инфиродӣ сохти  инфиродӣ ва васоити равонӣ дар назар дошта мешавад. Дар он фаъолияти шахс мақсаднок ё бемақсад барои ҳамкорӣ бо шароити беруна сурат мегирад. [8-М].

Ба андешаи А.Г. Гостев, услуби фаъолияти инфиродӣ дар ҷараёни маърифатомӯзӣ чун фаъолияти ақлонӣ зуҳур мегардад ва усулҳои азхудкунӣ таҳия ва корбурди ахборотро ба кро меорад [25, с. 32].

Агар сифатҳои синну солии хонандагони синфҳои болоӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад, ба мисли: рӯҳӣ, физиологию анатомӣ, он гоҳ  қайд мегардад, ки ташаккули ҷисмонии хатмкунандагони МТМУ ба анҷом мерасад: рушди устухонбанди ба охир мерасад, мушакҳо боқувват мегарданд, таълимгирандагон ба сарбории колони ҷисмони тоқат карда метавонанд, фишори хунашон ба танзим медароядд, узвҳои тарашуҳи дохилӣ субот меёбад. Дар хатмкунандагони МТМУ марҳилаи балоғати ҷинсӣ анҷом меёбад. Эҳсоснокии баланди хонандагони синфҳои болоӣ, ки бо фаъолияти босуръати ғадуди сипаршакл боис шудааст, ба таври назаррас коҳиш меёбад. Дар ин давра дар хонандагон рушди майнаи сар ва шуъбаҳои муҳимтарини онҳо – қабати нимкураҳои калон – идома меёбад. Дар хонандагон дар ин синну сол ташаккули пурраи организм ва хусусиятҳои физиологии он ба қайд гирифта мешаванд [1-М]. Аз ин рӯ, барои хонандагони синфҳои болоӣ аллакай флексияҳои тӯлонӣ ва фаъолияти якранги таҳсилӣ раво дониста шуда, хонандагон қафо намемонанд.

Синну соли навҷавонӣ давраи ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ, принсипҳо, худтасдиқкунии ҳаётӣ, баландшавии пуравҷи худшиносӣ, фаҳмиши фаъоли оянда ба шумор меравад.

Дар хонандагони синфҳои болоӣ ба таври намоѐн муносибати интихобӣ ба фанҳои таълимӣ ифода ѐфтааст. Онҳо донишҳоро дар дарсҳо ҳадафмандона қабул карда, дар онҳо таваҷҷуҳи беихтиѐрона ва босубот, хотираи мантиқӣ рушд меѐбанд. Фаъолияти фикрии хонандагони синфҳои болоӣ бо дараҷаи назаррастари ҷамъбасткунӣ ва хулосабарорӣ тайѐр мешавад.

Хусусиятҳои маънавию иҷтимоии хонандагони синфҳои болоӣ бо суръати баланд инкишоф меѐбанд. Ба ин давраи синтезшудаи камолоти маънавӣ ва вазъиятҳои нав: суръати суҳбат, ҷойгоҳи шахсият дар гӯруҳу ҷамъият, тағирѐбии ақидаҳо кумак мерасонанд.

Хатмкунандагони МТМУ ба масоили маънавӣ мароқ пайдо мекунанд. Ишқи аввал онҳоро на танҳо ба ҳал кардани масоили гуногуни мушкил водор месозад, балки инчунин боиси ҳаяҷонҳои шадид дар ҳаѐти хонандагони синфҳои болоӣ мешавад.

Ҳангоми дида баромадани фарқияти иҷтимоӣ, биологӣ ва ғайра айѐн гардид, ки хатмкунандагон муносибатҳои таҳқиқотиро мепазиранд, ба фикркунии мустақилона ба эҷоду ҳаллу фасли масоили мушкил машғул шуда метавонанд. Ба онҳо инчунин доираи васеи тахайюлот ва саъю талоши калон ба фикрронии фалсафарона хос аст. Муносибати синтетикӣ, қобилиятҳои муоширати оқилона, бошавқӣ, қобилиятҳо ба баҳсҳо, мубоҳисаҳо, муколима, диққат таваҷҷуҳ, хусусан дар вазъиятҳои мушкил хос мебошад [9-М].

Навҷавонон зимни омӯзиши маводи таълимӣ сифатро афзал медонанд, дар онҳо қобилиятҳо ба фаъолияти умумифанӣ ва амалиявӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар писарбачагон малакаҳои математикӣ бештар ташаккул ѐфтаанд, асосан онҳо беэътидолона таҳсил мекунанд, вале дар синну соли 16-17-

солагӣ онҳо ба такмили соҳаи интихобкардаи донишҳо, бо истифодаи донишҳо дар амалия шурӯъ мекунанд.

Барои духтарон дар омӯзиши барномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати дастаҷамъона ба қайд гирифта мешавад. Онҳо мавзуну возеҳ таҳлил мекунанд, ҳамчунин фаъолияти фикриашон хеле хуб аст. Дар алгоритму стандарт ва иҷрокунӣ қобилияти калон доранд; донишманду дурандешанд, фаъолияти фикриашон мушахас мебошад; ба онҳо қобилияти таҳлилкунӣ, эҳсоснокӣ ва боҳиссӣ хосанд.

Афзоиш ба монолог ва нақлкунӣ, тамоил ба зебоишиносӣ ва забонҳо ба қайд гирифта мешаванд. Таваҷҷуҳи духтарон нисбат ба писарон хело заиф мебошад ва духтарон дар аксар мавридҳо зимни ба мушкилӣ дучор гардидан даступо хурда мешаванд.

Сифатҳои инфиродиии хонандагон аз намудҳои фаъолияти асаби онҳо, ки ирсӣ мебошанд, вобаста мебошанд.

Олим – физиолог А.М. Павлов (1849-1936) дар таснифи намудҳои системаи асаб се хосияти асосии равадҳои асабиро кушода додааст [47, с 27]:

– нерӯи қуваваи ҳаяҷон ва боздори;

– серҳаракатии ҳаяҷон ва боздорӣ;

– равандҳои асабии баробарвазн.

Дар пояи ҷараёнгирии равандҳои асабӣ, ӯ чор навъи фаъолияти олии асабро муқаррар сохтааст, ки асоси физиологии мизоҷҳои онҳо мебошанд.

***1. Холерик*** – қавӣ, беэътидол, ки бо ҷазабаи босуръат ва боздоршавии камсуръаттар тавсиф ёфта, мизоҷи холерикӣ дорад. Барои кӯдаки бо мизоҷи холерикӣ ҷазабанокии баланд, нерӯмандӣ, ҷалбшавӣ хосанд. Ҳар гуна корро ӯ бо шавқу ҳавас шурӯъ мекунад, вале онҳоро то охир набурда, зуд майлу рағбатро ба кори саркарда аз даст медиҳад. Дар хонандагони бо чунин навъи мизоҷ бояд ҳатман равандҳои боздорӣ мустаҳкам карда шуда, фаъолнокиии баланд ба фаъолияти муфид ва мақдур интиқол дода шавад.

Санҷидани иҷрои супоришҳо, мусоидат намудан ба расонидани кори сар кардашуда то охир зарур аст. Дар дарсҳо ба чунин хонандагонн

пешниҳоди супоришҳои душвор, ба назар гирифтани майлу рағбатҳои онҳо зарур аст.

***2. Сангвиник*** – намуди зури серҳаракат. Ин намуд ба равандҳои зурӣ баробарвазни ҳаячон ва боздорӣ ва камҳаракатии худ фарқ мекунад. Равадҳои ҳаячон, махсусан, боздорӣ суст иваз мешавад. Хонандагон бо чунин миҷоз, фаъол, муоширатнок буд ба тағиротҳо тез тез мувофиқ мешавад.

***3. Флегматик*** – нафари қавӣ, боэътидол, (ором) фаъол буда, дорои мизоҷи флегматикӣ мебошад. Хонандагони бо чунин мизоҷ саъй мекунанд, ки кори сар кардашударо то охир расонанд, таҳаммулпазир, ором буда, ба атрофиён мусолиҳатомезона муносибат мекунанд. Хусусиятҳои манфии онҳо камҳаракатӣ, камфаъолиятӣ буда, онҳо дар вазифа зуд бодиққат шуда наметавонанд. Чунин хусусиятҳо, ба мисли: боэътидолӣ, мулоҳизакорӣ мусбат буда, вале онҳоро бо беэътиноӣ, сустӣ, бефаъолиятӣ ва танбалӣ омехтан мумкин аст.

***4. Меланхолик*** – заифии боздорӣ ва ҳаячон зимни серҳаракатии заиф хосанд. Дорои мизҷои меланхолӣ мебошад. Хонандагон бо мизоҷи меланхолӣ каммуошират, одамгурез, хеле ҳассос ва зудранҷ мебошанд. Дар баъзе вазъиятҳо эҳсосот ҳатто дар саломатии кӯдак инъикос меёбад: вайроншавии хоб ва иштиҳо, гумкунии вазн ба қайд гирифта мешаванд.

Вале барои ҳар як инсони алоҳида ягон навъи *«тозаи»* фаъолияти олии асабро ҷудо кардан номумкин аст. Ҳамин тариқ, дар рӯҳӣ (асабӣ) инфиродӣ омезиши якчанд намудҳо ба қайд гирифта мешавад ё хонандагон ба навъи фосилавӣ фаъолияти асабӣ ва мизоҷ (масалан, байни меланхолик ва холерик, байни меланхолик ва флегматик, байни флегматик ва сангвиник ва диг.) мансубанд. Ба омӯзгор дар дарсҳо бо хонандагони навъҳои гуногуни мизоҷ кор кардан ба таври кифоя мураккаб аст, барои навъи муайян ҳаҷмҳои муайяни маводи таълимӣ ва супоришҳои муайян интихоб намудан зарур аст.

Аз рӯйи навъҳои шахсият ва хосиятҳои мизоҷ хонандагонро инчунин ба экстравертҳо ва интроверҳо тақсим кардан мумкин аст. Экстравертҳо чун

қоида, метавонанд дар синф, дар паси парта нишаста ба гуфтугӯ ворид шаванд. Интровертҳо бошанд афзалиятро ба бардоштани даст ва мунтазири даъват ба назди сиёҳтахта медиҳанд.

Интровертҳо кор бо китоб ва кори хаттиро ба осони иҷро мекунанд. Ӯ пеш аз суханронӣ нақшаи онро мураттаб месозад, Экстравертҳо бештар ба коҳои шифоҳи бештар ба корҳои шифоҳӣ афзалият медиҳад.

Экстраверт ба корбурди ҳолати нави таълим ва нутқ, бозкунии вазъияти нав рағбат дорад, такрор кардани маводҳои гузашта барои у шавқовар нест.

Дар вазъияти ғайриоддӣ интровертҳохудро хеле бад ҳис мекунанд, ба такроркунии маводи таълим рӯ меоранд, малакаҳои андӯхташударо ба таври боваринок ба кор мебаранд, онҳо метавонанд, ки вазифаҳоро эҷодкорона ҳал кунанд, худро боваринок ҳис мекунанд [2-М].

Синф ба ҳисоби миёна одатан аз 30-35 хонанда иборат аст. Таҳқиқот нишон доданд, ки тақрибан дар 20-22 хонанда аз як синф се навъи малакаҳои сенсорӣ – кинестетики, аудиалӣ ва визуалӣ ба таври кифоя ташаккул ёфтаанд.

**Малакаҳои кинестетикӣ-иттилооти ҳиссӣ:** бӯй, таъм, ламс, зҳсоси ҳарорат, текстураҳо бартарӣ дорад. Дар хонандагон бо навъи мазкури идрок тамоили ҷисмонӣ ба қайд гирифта шуда, онҳо имову ишора кардан, ҳаракатҳои зиёд кардан, ба мусоҳиба расиданро дӯст медоранд. Ба онҳо балоғати барвақтии ҷисмонӣ хос аст. Таассуроти умумиро дар хотир нигоҳ медоранд. Онҳо камгап, боодоб буда, ҳаракатҳо ва суханҳои фаъолро истифода мебаранд.

Ҳангоми гуфтугӯ онҳо кӯшиш мекунанд паст гап зананд, манаҳро ба поён мефуроранд.

1. **Малакаҳои аудиалӣ – низоми шунавоии коркарди иттилоот бартарӣ дорад.** Хонандагон бо чунин навъи идрок ба осонӣ ҷалб мешаванд, метавонанд худ ба худ гап зананд. Ҳангоми қироати матн онҳо забонашонро ҷунбонида, калимаҳоро зимни қироат талаффуз мекунанд. Ба чунин хонандагон омӯхтани забонҳои хориҷӣ осон аст, онҳо чизи шунидашударо ба

осонӣ такрор мекунанд. Таълимро асосан бо шунавоӣ дарк мекунанд. Онҳо бисѐр гап задан, дар мубоҳиса баромад кардан, ба овози баланд нақл карданро дӯст медоранд.

**2. Малакаҳои визуалӣ – низоми биноии коркарди иттилоот бартарӣ дорад.** Хонандагон бо навъи визуалии идрок ором, мушоҳидакор, боинтизом ва муташаккил мебошанд. Онҳо дорои намуди зоҳирии бодиққат мебошанд. Онҳо нақлкунандагони хуб буда, дар онҳо хотираи биноӣ рушд ѐфта, ҳифзкунӣ дар онҳо на нутқӣ, балки бо тасвир мебошад. Дар ҳалли вазифаҳо бодиққат буда, ба ваҷҳҳои ҷонибӣ ҷалб намешаванд. Хиҷолатро ҳангоми вохӯрдани калимае, ки пешакӣ дучор наомада буд, эҳсос мекунанд. Босуръат мехонанд. Онҳо балнд гап зада, манаҳро ба боло мебардоранд [3-М].

**3. Барои хонандагон бо навъҳои идроки дар боло овардашуда усулҳои ба даст овардани иттилооти таълимӣ хосанд:** ба кинестетик бо низомҳо, конструксияҳо кор кардан ва тартиб додани низомҳои гуногун осон аст. Аудиал ба саволҳои гузошташуда шифоҳӣ ҷавоб додан, назар ба хаттӣ, осонтар аст. Хонандаи идроки визуалидошта ахбороти таълимии ҷадвалҳӣ, тарҳҳӣ, расмро осони мефаҳмад.

Дар поѐн боз баъзе сифатҳои хонандагонро, ки аксар вақт дар раванди таълимӣ ба назар гирифта намешаванд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

***Гемисфрология*** – яке аз соҳаҳои тиб буда, вазифаи нимкураҳои майнаи сарро меомӯзад, ки дар ин ѐ он нимкураи майна ҷойгир мебошанд, муқаррар месозад. [7-М].

Хонандгон бо нимкураҳои рушдѐфтаи чапи майна калимаҳо ва рамзҳоро беҳтар дарк мекунанд. Онҳо дар вақти таълим баҳоҳои хуб мегиранд. Барои он, ки онҳо вазифаҳои таълимиро иҷро кунанд, ба омӯзгор зарур аст, ки пеш аз кор ба онҳо дастурҳоии дақиқи хаттӣ диҳад. Онҳо одатан иттилооти воқеиро истифода бурда, кори иҷрошударо мавриди санҷиш қарор медиҳанд.

Хонандагоне, ки дар онҳо нимкураи рости майна рушд ѐфтааст, объектҳои муайянро баррасӣ карда метавонанд, дар мутолиа қафо монда, ба худтаҳсилкунӣ майл доранд. Онҳо ба муносибатҳои шахсиятӣ дохил шуда,

муносибатҳои автоматикунониро эътироф намекунанд. Ин хонандагон ҳангоми кори мустақилонаро истифода мебаранд. Онҳо гирифтани иттилооти таълимиро дар намуди тарҳҳо ва ҷадвалҳо афзал медонанд, вале санҷидани иҷрои кори худро зарур намешуморанд. Онҳо вазифаҳоро дар асоси ягона таҳлил намуда, сипас ба қисмҳои алоҳида мегузаранд [8-М].

Хонандагон бо бартарияти нимкураи рост ҳуҷуми майнагиро истифода бурда, монандии объектҳои гуногунаро пешбинӣ, кашф, далелҳоро муқоиса карда, моҳиятҳоро муайян карда, лаҳзаҳои муҳимтаринро дар равандҳо ошкор карда метавонанд. Ҳангоми бартарияти нимкураи чапи майна дар хонандагон таҳлил беҳтар рушд ѐфтааст – онҳо қобиланд тафсилоти равандҳо ва объектҳои алоҳидаро мавриди таҳлил қарор дода, вазифаҳои мантиқиро ҳал намоянд.

Гемисферология навъҳои идрок, малакаҳои сенсорӣ, инчунин мизоҷҳои гуногуни хонандагонро омӯхта, барои хонандагон таҳия намудани формулаҳои субъективӣ имконпазир аст. Дар асоси эҷоди формулаҳои субъективӣ таҳияи тамоми раванди таълимӣ ба тариқе имконпазир аст, ки бо истифодаи усул ва шаклҳои дахлдор ба ташаккулѐфтагии ҳадди аксари фаъолияти фаъоли маърифатӣ ва босалоҳиятнокии таълимию маърифатӣ ноил шудан мумкин аст.

Инак, тибқи хулосаҳои фавқулзикр аносири зерини педагогӣ шарти дуюми педагогиро ташкил медиҳад:

– Ташхис кардани ҳавасмандӣ ва сатҳҳои босалоҳиятҳои таълимӣ-маърифатии таълигирандагон;

– таҳия кардани муносибатҳои фардӣ дар интихоби намудани усулҳои таълим дар робита бо сатҳи аз худ кардани маводҳои таълимӣ аз тарафи таълимгирандагон;

– ташаккул додани қисмҳои кори таълим дар таркиботи таълим аз рӯи равияҳои гуногун (инфиродию вариативӣ ва инвариантӣ);

– ташхис кардани хоссагиҳои психологӣ ва педагогии таълимгирандагон;

– Шарти педагогии сеюми зимни ташкил кардани тарзи роҳбарии демократӣ мегардад.

**Ҷадвали 2. – Мувофиқати намудҳои фаъолияти педагогӣ ба хусусиятҳои инфиродию психологӣ**

| Шаклҳо, методҳои таълим | Назорат ва ислоҳсозии донишҳо | Намудҳои кумак | Намудҳои афзалиятноки фаъолияти педагогӣ | |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳуҷуми майнагӣ, пешбинӣ** | Пурсиши шифоҳӣ | Эҳсосотӣ | Холерик | Мизоҷ |
| **Фаъолияти дастаҷамъона, барномарезӣ** | Пурсиши шифоҳӣ | Самтдиханда | Сангвиник | |
| **Лексияҳо, барномарезии таълим** | Пурсиши хаттӣ | Самтдиханда | Флегматик | |
| **Лексияҳо, барномарезии таълим** | Пурсиши шифоҳӣ | Ташкилкунанда | Меланхолик | |
| **Эвристӣ, масъалавӣ** | Пурсиши шифоҳӣ | Эҳсосотӣ | Экстраверт | Хосиятҳои мизоҷ |
| **Ташкили кори мустақилона** | Пурсиши хаттӣ | Самтдиханда | Интроверт | |
| **Ошкорконии монандии объектҳо** | Гузаронидани тест | Ҳарду | Нимкураи рост | Ассиметрияи функсионалии нимкураҳои майнаи сар |
| **Ошкоркунии ҷузъиѐт, фаркиятҳо, кор аз рӯйи алгоритм** | Пурсиши хаттӣ | Ҳаррду | Нимкураи чап | |
| **Фаъолияти тавзеҳию тасвирӣ** | Пурсиши хаттӣ, гузаронидани тест | Самтдиханда | Визуалист | Модалият |
| **Фаъолияти дастаҷамъона** | Муколима, пурсиши шифоҳӣ | Эҳсосотӣ | Аудиалист | |
| **Ташкили кори мустақилона, амсиласозӣ** | Монологи иттилоотӣ | Самтдиханда | Кинестетик | |

Дар зери услуби демократӣ он чиз фаҳмида мешавад, ки қарорҳо бо ақидаи умумии гурӯҳи педагогӣ мувофиқат карда, баъди муҳокимаи умумии вазифаҳо ва масъалаҳо қабул карда мешаванд.

Ҳамкориҳо дар тарзи роҳбарии демократӣ дар асоси ҳурмату эҳтиром ва эътимодноки роҳандозӣ мегарданд. Дар чунин маврид омӯзгон худро аз таълимгирандагон дур намекунад, баръакс онҳоро водор месозад, ки нисбати ин ѐ он масъала фикру ақидаи хешро баѐн намояд, инчунин омӯзгор ташабускории таълимгирандагонро дасгирӣ мекунад.

Дар ҳолате агар омӯзгор маҳорату малакаи коммуникативӣ, ташкилотчигию зеҳни баландро надошта бошад, пас истифодаи тарзи демократии роҳбарӣ имкон надорад

Корбурди тарзи роҳбарии демократӣ омӯзгорро водор менамояд, ки

– дар хонандагон сатҳҳои ташаккули образи тафаккур, далелҳо, шавқу ҳавасҳо, нигаришҳо, муносибат ба меҳнат, тамоилоти арзишӣ ва дигарро ташхис карда тавонад;

– фаъолнокии шахсии шахсиятии худро ба ҳадди аксар истифода барад;

– сифатҳои инфиродии мизоҷ, хусусиятҳои хислат, принсипҳо, одатҳои тарбиягирандагони худро омӯхта ба таври кифоя донад;

– ҳамаи хонандагонро ба намудҳои ҳарчӣ мураккабшаванда, ки ташаккули пешравандаи шахсиятро таъмин менамоянд, ҷалб намояд;

– омилҳои, халалдорсозандаи таълиму тарбияро сари вақт ошкуру бартараф созанд;

– дар хонандагон ташабускорӣ ва мустақилиятро ташаккул диҳад, на танҳо роҳбарӣ кунад, балки инчунин дорои қобилияти ташкил кардани фаъолияти таълимие бошад, ки натиҷаҳои ҳадди аксарро меоранд.

Ҳамин тариқ, танҳо истифодаи маҷмӯии ҳамаи шароити педагогӣ ба таъмини амсилаи натиҷанок доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ мусоидат менамояд.

## Хулосаи боби якум

1. Фаъолияти маърифатро як қисми намоѐни ҷараѐни таълим дар дарки илман асоснокшудаи воқеият муаррифӣ менамоянд. Аз ҳамкориҳои мақсадноку сестеманок бо веқеияти муҳит таълимгиранда мотиватсия

мегирад, дар натиҷа системаи донишҳои илмиро аз худ мекунад ва аз усулҳои фаъолият истифода мебарад.

2. Таълимгиранда замоне фаъолнок мегардад, вақтеки ташаккулёбии шахсияти ӯ ба таври маҷмӯи ҷараён ёбад. Фаъолнокии таълимгиранда ба тағйироти намоё дучор гардидааст.

3. Фаъолнокии таълимгиранда ин як вазъияте мебошад, ки он дар шахсияту муносибатҳои таълимгиранда ба мундариҷаю хоссагиҳои кор ва маҳорати равона сохтани хислатҳои хуби инсонӣ ва иродаи қавӣ ба ҳадафҳои маърифатии таълимгирандагон зоҳир мегардад.

4. Фаъолияти маърифатро ҷараёни робитаи мутақобила меноманд: якум худтатбиққунию худташкилдиҳии таълимгиранда ҳисоб меёбад; баъдан, самараи кӯшишҳои хоссаи омӯзгор дар ташкил кардани фаъолияти маърифатии таълимгиранда шуморида мешавад, яъне ҳангоме, ки омӯзгор кӯшиш мекунад, ки фаъолнокии ба таври махсус ташкилшудаи хонандагонро ба фаъолнокии шахсии маърифатии худ интиқол диҳад.

5. Фаъолияти маърифатиро аз нуқтаи назари хосиятҳои шахсият баррасӣ кардан зарур аст, ки қобилиятҳои онро бидуни кумаки ягон кас ба ҳалли вазифаҳои маърифатӣ, азхудкунии усули фаъолият тавсиф медиҳанд.

Рушди фаъолияти маърифатӣ маънои таъсири берунаро ба хонандагон дошта, афзоиши сатҳи фаъолнокии онҳоро дар раванди таълим таъмин менамояд.

Ин намуди фаъолият дар системаи таҳсилот аз рӯи равия чун таъсири берунаи мақсаднок ба он дар системаи таълими равиявӣ, ки босалоҳиятҳои таълимӣ – маърифатиро рушд медиҳад, матраҳ мегардад.

6. Агар ба таърихи ташаккулёбии ин мафҳум назар афканем, пас мебинем, ки босалоҳиятҳои рушди фаъолияти маърифатӣ дар педагогика масъалаи нав нест. Масъалаи мазкур аз ҷониби педагогҳои хориҷӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.Таҳқиқоти аз ҷониби мо аз таҳқиқоти дигар тафовут дорад, зеро мо на танҳо масъалаҳои рушди фаъолияти

маърифатӣ, балки фаъолияти фаъоли хонандагони синфҳои болоиро бо корбасти муносибати инфиродӣ баррасӣ намудаем.

7. Раванд доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ натиҷаҳои мусбатро дар мавриде медиҳад, вақте ки нерӯҳо ва хусусиятҳои инфиродии психологию педагогии ҳар як хонанда ба назар гирифта мешаванд.

8. Дар асоси таҷзияю таҳлили самтнокии асосӣ дар адабиѐти психологию педагогӣ дар бобати мавзӯи диссератсия мо ба чунин натиҷа расидем: аввалан, рушди фаъолияти маърифатии хонандагон дар онҳо ташаккул додани тағйироти самарабахш, бебаргашт, пешраванда, мусбат (таъсирнокиии донишҳо, далелҳои омӯзиш, методҳои фаъолияти маърифатӣ, низомнокӣ, бошуурӣ)-ро пешбинӣ мекунад. Баъдан, инкишофи фаъолияти маърифатии таълимгирандагон синфҳои болоӣ, ки дар МТМУ-ҳои равиявӣ таълим мегиранд, татбиқкунандаи шароити педагогӣ буда, хусусиятҳои шахсӣ, синнусолӣ, физиологию гендериро ба ҳисоб мегиранд.

9. Дар боби назариявии таҳқиқоти худ амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ пешниҳод гардид, ки дар он як қатор бузургиҳои диалектикӣ – принсипи гузариш аз сода ба мураккаб, робитаҳои мутақобилаи тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ, робитаи мутақобилаи мазмун ва методҳои таълим мавриди истифода қарор гирифтанд. Амсилаи пешниҳодшаанда доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ истифодаи муносибатҳои системавӣ, фардӣ, босалоҳиятҳо, шаклу методҳои махсуси таълимиро дар назар дорад.

Дар мафҳуми низомташаккулдиҳандаи амсилаи мазкур мақсадҳои таълимӣ, кори таълим омӯзгору таълимгиранда ва ғайра дарҷ мегарданд ва бо мундариҷаи маводҳои таълим, усулҳо, ва воситаю мақсадҳои таълимӣ робитаи зич доранд.

10. Амсилаи аз ҷониби мо таҳияшуда ҷузъҳои ҳадафманд, мазмунию мурофиавӣ ва натиҷанокро дар бар мегирад.

Ҷузъи ҳадафманд ҳадафи таҳқиоти мо: рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ мебошад.

Босалоҳиятҳои таҳсилию маърифатӣ, аз нуқтаи назари дидактика ва педагогика, меъёрҳои беҳтарини сифатии рушди фаъолияти маърифатӣ, инчунин маҳсули фаъолияти таълимӣ низ мебошанд.

11. Балоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ – ин маҷмӯи салоҳиятҳои хонанда дар фаъолияти маърифатии мустақилона ҳисоб ёфта аз қисмҳои кори умумитаълимӣ, ки бо объектҳои реали маърифатӣ қиёс карда мешаванд, иборат аст. Онҳо донишу малака ва малакаҳои гузоштани мақсад, балоиҳагирӣ, рефлексияву таҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ ба кору фаъолияти таълимию маърифатиро дар бар мегиранд. Таълимгиранда маҳорати эҷодкунии самаранокро пайдо мекунад: донишу маҳорат ва малакаҳоро аз ҳаёт мегирад, ба таври эвристӣ ҳал ҳал кардани масъалаҳоро ёд мегирад.

12. Барои хонандагони синфҳои 10-11 аз ҷониби мо босалоҳиятнокии таълимию маърифатӣ муқаррар карда шуд, ки ташаккулёфтагии малакаҳои истифодаи босифати қобилиятҳои умумитаҳсилиро барои ҳаллии мустақилонаи вазифаҳои гуногун дар бар мегирад. Ҷузъи мазмунию муорифавии амсила раванди дидактикиро дар динамика баррасӣ мекунад – ин воситаҳо, мазмун, низомҳои амалӣ ва ташкилии таълим мебошад. Дар низоми таълими равиявӣ мазмуни таълим фанҳои равиявиро дар бар мегирад, маводи таълимӣ бошад, дар асоси методҳои ҷустуҷӯӣ ва масъалавии таълим таҳия карда мешавад. Ба ҷузъи натиҷаноки амсила нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ва ташаккулёфтагии он шомил карда шудаанд. Ба сифати яке аз меъёрҳои асосии фаъолияти маърифатии фаъол босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ-омодагии амалию назариявии хонандагон ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ хизмат мекунад. Таълимгирандагон маҳорати мустақилона азхудкунии донишҳо ва дар таҷрибаи ҳаёт истифода бурдани онҳоро пайдо мекунанд.

13. Дар боби мазкур ишора ва далелнокии шароитҳои омӯзгори оид ба инкишофи фаъолияти маърифатии таълимгирандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълим ҷой дошта, аз мавқеъҳои зерин иборатанд:

а) муносибатҳои фардӣ ба усулҳои таълимӣ дар робита бо самаранок аз худ кардани донишу тартиб додани масъалаҳои гуногунмураккаб аз ҷониби таълимгирандагон, ки ба инкишофи фаъолияти маърифатии таълимгирандагони синфҳои болоӣ равонаанд:

б) бароҳмонии ҷараѐни таълим бо тарзи демократии роҳбарӣ аз тарафи омӯзгор;

в) муносибати инфиродӣ ба раванди таълим, дар асоси марҳиланокӣ ташхискунӣ ҳавасманд сохтан ба корбурди босалоҳиятнҳои маърифатию таҳлили таълимгирандагон дар системаи таълиму тарбия;

**г)** мундариҷаи маводҳои таълим ба инкишофи малакаю маҳоратҳои шахси таълимгирандагон ки ба фаъолияти эҷодӣ мусоидат менамоянд, нигаронида шудааст.

# БОБИ II.
# ОМОИШИ ПЕДАГОГИИ ДОИР БА РУШДИ ФОЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

## 2.1. Мақсаду вазифаҳо ва усулҳои ташкил кардани корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ

Корҳои таҷрибавий-озмоишӣ қоидаҳои назариявии дар боби аввал овардашударо амал санҷида,бо корбурди васоите, ки фаъолияти маърифатии таълимгирандагони синфҳои болоиро ифода мекунад, амалӣ мегардад.

Озмоишҳои педагогии амалӣ амалияи илмӣ ҳисоб меёбад ва ба тасдиқ кардани дурустии назарияи пешниҳодгардида равонааст.

Усулҳои озмоишҳои педагогӣ усулҳои омӯхтани падидаҳое мебошад, ки дар илмҳои педагогӣ вомехурад [4-М].

Мақсади озмоишҳо - муқаррар сохтани қонунҳо мебошад Қонуниятҳо функсионалӣ, миқдорӣ, сифатӣ, ҳатмӣ, оморӣ, метавонанд.

Озмоишҳо дар алоҳидагӣ аз якчанд давра иборат мебошад.

–нақшаҳои муратабсохташудаи озмоишҳо;

–муқаррар намудани вазифаҳои таҳқиқотӣ;

–навишта гирифтани натиҷаҳои ниҳоӣ;

–баёни ҷамъбасти озмоиш.

Мақсади ин озмоиш бо далелҳо омӯхтани натиҷанокӣ ва сифатнокӣ шароити педагогии пешниҳодшуда ҳисоб меёбад, ки ба инкишофи фаъолияти маърифатии таълигирандагони синфҳои 10-11 зимни омӯхтани фанни биология дар таълим аз рӯи равия кумак мерасонад.

Ҳаллу фасли якчанд вазифа мақсади  асосии озмоиши мазкур мебошад.

1) Таҳлил кардани таҷрибаи ҳар як омӯзгор оиди инкишоф додани фаъолияти маърифатие, ки таҷрибаи МТМУ ҷори мегардад; ба рушди, ки онро амалияи васеи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ихтиёр дорад;

2) иҷрои озмоиши муқарраркунанда барои омӯзиши рушдёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ зимни таълими равиявӣ;

3) иҷрои озмоиши рушддиҳанда бо назардошти шароити педагогии таъминшуда бо мақсади рушд додани босалоҳиятнокии таҳсилӣ ва маърифатӣ дар хонандагони синфҳои 10-11;

4) таҳлили муқоисавӣ кардани озмоиш дар қиёс таҳсилоти анъанавӣ, ки меъёрҳои босалоҳиятҳои таҳсилӣ – маърифатиро ба назар мегирад;

5) пешниҳод кардани натиҷаҳои марбутаи озмоиш.

Дар дарсҳои биологияи (синфҳои 10-11)-и литсейи №1 ноҳияи Хуросон ва литсейи №1 ва ш. Бохтар гузаронида шуд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии (литсейҳо) мазкур дар ҳудуди шаҳрҳои Бохтар ва ноҳияи Хуросонӣ вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд.

Дар озмоиш то 125 нафар таълимгиранда ширкат варзид.

Озмоишӣ тибқи вазифаҳои мавҷудбуда дар 3 давра гузаронида шуд.

Давраи аввал чунин вазифаҳо дошт:

1. интихоб кардани гурӯҳи назоратӣ ва гӯруҳҳои озомоишии таълимгирандагон аз ҷиҳати педагогӣ мушоҳида кардани фаъолияти таълимгирандагон дар дарсу машғулиятҳои фориғ аз дарс;

2. ошкор сохтани дариҷаҳои фаъолнокии маърифатии таълигирандагон гурӯҳи назоратӣ ва гӯруҳи озмоишӣ;

3. муқаррарсозии меъёрҳои ташакулёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар таълими равиявӣ;

4. ташхиси шаклҳои таълим барои ошкоркунии хусусиятҳои инфиродии хонандагон.

Дар давраи якуми кори таҷрибавӣ-озмоишӣ усулҳои эмпирикии мушоҳидаю-суҳбат ва пурсишҳо истифода гардидаанд.

***Усулҳои мушоҳида*** – усули таҳлилӣ бо баҳисобгирии факту далелҳо буда, он ҳамзамон сабт карда мешавад [3-М].

Усули мушоҳида ҷамъ кардани ахбороту далелҳоро дар назар дорад, ки ба воситаи дарки табиӣ ва бақайдгирӣ ба объекти омӯхташаванда нигаронида шудааст.

Зимни таҳқиқоти хеш фаъолияти таълмгирандагони синфҳои 10-11-ро зери мушоҳида қарор додем, ҳакориҳои омӯзгору таълигирандаро дар ҷараёни таълим дар системаи МТМУ аз рӯи равия дида баромадем ва ин мушоҳида шомилнашуда мебошад. Инчунин аз ҷониби мо барномаҳои таълимӣ доир ба фанни биология мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Аз ҷониби мо таҳлили ташаккулёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар чаҳорчӯби низоми дарсию синфӣ гузаронида шуда, дар асоси натиҷаҳои таҳлил аз ҷониби мо корти мушоҳида таҳия карда шуд.

Дар кортҳои мазкур инҳо сабт гардиданд:

– ҷинс (мардона ё занона);

– синну соли хонандагон (тобалоғатӣ, балоғатӣ ё баъдибалоғатӣ);

– рафтор дар пурсиши хаттӣ;

– рафтор дар пурсиши шифоҳӣ;

– рафтор дар раванди машшғулият дарси ва вақти беруназдарсӣ бо ҳамсинфон;

– рафтори педагог дар раванди машғулиятҳои дарси ва беруназдарсӣ;

– эҳсосот дар вазъияти низоӣ, ҳангоми ранҷиш ва дар давраи ягон ҳодисаи хурсандиовар;

– хусусияти бурдани дафтар.

Ин маълумот ба мо имконият доданд, ки оид ба мизоҷ ва хосиятҳои мизоҷи хонандагон, навъҳои фаъолияти олии асаб хулоса барорем.

Суҳбатҳо бо хонандагон ва падару модарони онҳо гузаронида шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои марбут бо хоҳиши таҳсил кардан, пешрафт аз рӯйи фанҳои муайян ва дар маҷмӯъ фаъолнокии хонандагон дар раванди машғулиятҳо, муносибатҳо бо ҳамсинфон, педагогҳо, инчунин муносибатҳои хонандагон дар маҷмӯъ ба раванди таълими муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ карда шуданд. Суҳбатҳо бо хонандагон баъди дарсҳо, бо падару модарон – ба таври инфиродӣ ё дар вақти маҷлисҳои падару модарон гузаронида шуданд.

Гузаонидани пурсиш пурсиши ғоибона, ҷамъоварии оммавии маълумот мебошад [6-М].

***Пурсишнома*** – ин низоми саволҳое мебошад, ки бо мақсади ягонаи таҳқиқотӣ муттаҳид гардида, ба кушода додани хусусиятҳои микдорию сифатии предмети таҳқиқот нигаронида шудааст. Барои ба даст овардани иттилооти боэътимод бо кумаки гузаронидани пурсиш донистан ва риоя кардани як қатор қоидаҳо ва принсипҳои гузаронидани пурсиш ва асосан, таҳияи саволҳо барои кушода додани вазифаи гузошташуда зарур аст.

Дар таҳқиқоти мо пурсишномаҳо бо саволҳои бевосита ва бавосита, кушода ва баста ба кор бурда шуданд.

Саволҳо барои гузаронидани пурсиш дар замимаи 2 оварда шудаанд.

Дар марҳилаи дуюми таҳқиқоти худ вазифаҳои зерин гузошта, ҳал карда шуданд:

1. гузаронидани ташхиси озмоишии рушди фаъолнокии маърифатӣ дар хонандагон, ошкор кардани ташаккулёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар ибтидо, миёна ва охири таҳқиқот дар синфҳои озмоишӣ;

2. тасдиқи озмоишии шароити педагогие, ки ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ бо назардошти хусусиятҳои шахсиятии онҳо.

Дар даври дуюми озмоиш усулҳои тестиронӣ, амсиласозӣ ва анкетаронӣ чун усулҳои таҳқиқотӣ истифода гирдиданд.

***Тестиронӣ*** – санҷидани натиҷаи таълим тавассути тестҳо.

Корбурди ин усул якчанд афзалиятҳои объективиӣ ва самаранокии намоёнро дорад. Зимни гузаронидани озмоиши мо аз ду шакли тест истифода бурдем: 1) тестҳо ба меъёрҳои мушаххас нигаронидашуда; 2) тетҳои қаблан муқарраршуда ё дар меъёрҳо ҷамъшуда.

Зимни озмоиш худ тести бланкавӣ низ истифода намудем. Тибқи консепсияи хеш аз тестҳои зеҳнию шахсиятӣ, ки ба ошкорсозии ваҷҳҳо, дархосту, ҳиссиёт ва ғайраҳо равонаанд, истифода бурдем. Тестиронӣ дар як шароит зиёда аз 3 маротиба роҳандози гардид.

Тибқи тестиронӣ талаботҳои валеологиро ба ҳисоб гирифтем, амсоли:

– вақти беҳтарини тестиронӣ дар байни ҳафта соатҳои 9-12 мебошад;

– ҳангоме, ки овоз дар дараҷаи паст қарор дошт;

– дараҷаи равшанокии бино ба 500 люкс баробар буд;

– барои як таълмгиранда ҳаҷми бино 2 $м^2$ буд;

– бино хеле хуб шамол дода мешуд.

Барои мақсадҳои комплексии функсияҳои маърифатӣ методҳое, корбурд гардид, ки масъалаҳои аз рӯи мушкилот гуногунро дар бар мегирифт. Зимни интихоб кардани методика тамоми талаботҳое иҷро шуданд, ки маҷмӯияти вазифаҳои асаб, яъне риояи танносубҳо, арзишнокии ченкуниҳо, аломатҳоро ба ҳисоб мегирифтанд. Риояи таносубҳо дар воябандии муайяни сарбории озмоишӣ дар посухдиҳандагон ифода ѐфт. Арзишмандии ченкунӣ бо гирифтани маълумоте муайян карда шуд, ки мавриди коркарди миқдорӣ ва сифатӣ қарор гирифтанд. (замимаҳои 3 ва 4).

Ҳадафи гузаронидани тест ва пурсиш ошкоркунии майлу хоҳишҳои хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолият, таҳқиқи асосҳои назариявии раванди маърифатӣ буд. Шаклҳои коркардаи оморӣ имкониятро барои муайянсозии қонуниятҳои афзоиши фаъолнокии маърифатӣ ва босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ таъмин намуданд.

Муайянсозии дараҷаи фаъолнокии маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар се силсилаи таҷрибаҳо бо мақсади муқаррарсозии динамикаи ташаккули хусусятҳои шахсиятӣ ва мушаххассозии амалҳои омӯзгор доир ба гузаронидани раванди таълимӣ гуазронида шуд.

***Методи амсиласозӣ*** – ин омӯзиши объектҳои муайян тавассути бозтавлиди хусусиятҳои онҳо дар объект – амсилаи дигар мебошад, ки аз шабоҳати (фикрӣ ѐ зоҳирӣ) ҷузъиѐти воқеии амсилаи асил иборат аст [1-М].

Амсиласозӣ дар педагогика имконияти таҳлили амиқи падидаҳои мавриди аѐнӣан алоқаи дутарафаи нишондоди ибтидоию ниҳоиро дида баромада, механизми аз ҳама хуби ҳаллу фасли масъалаҳои

пешниҳодшаванда таҳия гардида, чӣ тавр ба вуҷуд омадани мушкилот пешгӯи сохта шавад, усулҳои бартарафсозии мушкилот ҷустуҷӯ ва самараҳои ниҳои он ҳосил гардид.

Натиҷаҳои дар давраи дуюми озмоиши мазкур ҳосилшуда муайян намуанд: байни шароити педагогии корбурдшаванда ва эътироф кардани хоссагиҳои инфиродии таълимгирандагон ва афзудани сатҳи босалоҳиятнокии маърифатию таълимӣ ва фаъолнокии маърифатии таълимгирандагон алоқаи зич мавчуд аст.

Қабл аз оғози давраи 3-юми озмоиш масоили зеринро гузоштем.

1) ба ҳисоб гирифтани назария асоснок намуди фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлил педагогӣ-психологӣ ва шаҳр додани самараҳои ба даст овардашуда;

2) тавассути усули омории математикӣ коркард намудани натиҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ;

3) ҷамъбаст кардани натиҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ.

Дар давраи 3-юми усулҳои таҳқиқотии методҳои тавсифӣ, усули оморию математики самараҳои ҳосишуда барасӣ гардиданд.

Дар таҳқиқоти худ мо тақсимкунии меъёрҳо ва нишондиҳандаҳоро гузаронидем.

Меъёр ё нишона – андозаи арзёбӣ, нишондиҳанда (индикатор) бошад – андозаи меъёр мебошад.

Дар таҳқиқоти мо меъёри фаъолияти маърифатии фаъол рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ мебошад, ки дар навбати худ, бо нишондиҳандаҳои умумитаҳсилӣ – тақлидию репродуктивӣ, омехтаю пурмаҳсул ва эҷодию ташаккулдиҳанда андозагирӣ карда мешавад.

Қарҳои пештар, дар давраи ҳаёти К.Д. Ушинский ғояву назарияҳо, системаҳои педагогии сершумор хеле кам иншо шуда, теъдоди ками таълимгирандагону далелҳои эмпирикидошта корбурд мегардад [150, с. 529]. Аммо оғоз аз солҳои 50-уми қарни 20 омӯзгорон барои омӯхтани ҷараёнҳои

педагогӣ ба ҷалби математика шуруъ карданд ва он қонуниятҳо далелҳои сершумори педагогиро ошкор сохт.

Дар педагогика бузургиҳои ченшаванда меъёру нишондодҳо ҳисоб меёбанд. Аммо дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастории натиҷаи муайян кофи нест, коркарди математикии онҳоро бояд ба роҳ монд. Барои эътимодияти натоиҷи ҳосилшуда дар озмоиши мазкур усули *хи*$^2$ – (квадрат) корбурд гардид, зероки ин усул ба муайянсозии мувофиқат байни падидаи фарзшавандаю падидаи мушоҳидашаванда равонааст.

Дар таҳқиқоти худ мо корти технологии озмоишро истифода бурдем, ки дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3. – Корти технологии озмоиш**

| Марҳилаи озмоиш | Ҳадаф | Методҳои таҳқиқот | Мазмуни кор |
|---|---|---|---|
| I – мукарраркунанда | Маълум сохтани сатҳҳои ташаккулёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ – нишондиҳандаи рушди фаъолияти маърифатӣ | Суҳбат, гузаронидани пурсиш, методикаи озмоишии пурсиш; таҳлил, синтез | **Гузаронидан ва таҳлили пурсишномаҳо, ошкоркунии ихтилофот, хулосаҳо; ҳар гуна супоришҳои аз ҷиҳати хусусият ва дараҷа мураккаб, таҳлили кори хонандагон, хулосаҳо** |
| II – ташаккулдиҳанда | Интихоб ва ислоҳ сохтани воситаҳои ташкили фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ мутобиқи вазифаҳои таҳқиқот | Суҳбат, мушоҳида, амсиласозӣ, тарҳрезии мазмун, интихоби методикаҳо, мусоҳиба, гузаронидани пурсиш, гузаронидани тест | **Марҳилаи омодасозӣ ташаккули ҳавасмандӣ ба рушди фаъолияти маърифатӣ мебошад.** **Марҳилаи асосӣ тарҳрезии муҳити шинохтии таълим мебошад.** **Марҳилаи ниҳоӣ рушди фаъолияти фаъоли маърифатӣ мебошад.** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **III – назораткунанда** | **Санчиши самарабахшии амсилаи рушди фаъолияти фаъоли маърифатӣ** | **Ҷамъбасткунӣ, омӯзиши таҷриба, таҳлил, синтез** | **Ченкуниҳо хулосаҳои ченкуниҳои сатҳҳо мебошанд.** |

Ба таври комплекси кори таҷрибави-озмоиширо давра ба давра баррасӣ мекунем.

Дар давраи якуми кор хусусиятҳои шахсии ҳар як таълимгирандаи синфҳои 10-11, шавқу ҳаваси онҳо ба таълим тавассути тестиронӣ ва анкетаронии педагогӣ ва психологӣ, ки аз рӯйи вақт барои муқаррарсозии омодагии хонандагон ба босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ сарфаҷӯёна мебошанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Инчунин пурсиши падару модарони хонандагон барои ошкор кардани муносибати онҳо ба таълим дар маҷмӯъ ва таълими равиявӣ аз ҷумла гузаронида шуд.

Тақсимкунии хонандагон ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар таҳқиқоти минбаъда дар ибтидои синфи 10, яъне дар ибтидои таълими равиявӣ гузаронида шуд.

Дар марҳилаи мазкур кушода додани сифатҳои хонандагон бо муайянсозии инҳо иҷро гардид:

1) сифатҳои психологии хонанда тавассути тестҳои психологӣ;

2) тестҳои психологие, ки ба ошкоркунии сифатҳои шахсиятии хонандагон нигаронида шудаанд;

3) сифатҳои иҷтимоӣ тавассути гузаронидани пурсиш;

4) сифатҳои физиологӣ тавассути сухбатҳо бо падару модарон. Гузаронидани пурсиш ва омӯзиши варақаҳои тиббӣ;

5) сифатҳои дидактикӣ – гузаронидани пурсиш, пурсишҳои фанӣ, тестҳо (замимаи 6).

Омӯзиши функсияҳои рӯҳии хонандагон, тафовутҳои субъективӣ ва синну солии онҳо имкон медиҳанд маҷмӯи вазифаҳои педагогие ҳаллу фасл карда шаванд, ки ба кушода додани тағйироти хусусиятҳои хонандагон дар

раванди таълим нигаронида шудаанд. Донишҳои назариявӣ оид ба таъсиррасонии таҳсилот ва тарбия ба ташаккул додани ҷанбаи маънавии таълимгирандагон барои омӯзгорон низ заруранд.

Инчунин, бо баҳодиҳӣ ба фаркияти синусолӣ таҳлилу ба ҳисоб гирифтани баъзе аз хусусиятҳои инфиродӣ, амсоли диккат, ҳофиза, фаъолияти ақлонӣ хеле муҳим аст. Маҳз баҳисобгирии тафовутҳои шахсиятӣ имконияти муносибати субъективиро ба таълим, ошкоркунии имкониятҳои мубрам ва эҳтимолии хонандагон, иҷрои кори психикиюислоҳсозӣ бо хонандагон муҳайѐ месозад.

Дар ҷараѐни озмоиш дар синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ маълумоти аввалия дар бораи хонандагон ба даст оварда шуданд, ки дар ҷадвали 4 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 4. – Ҷамъоварии иттилоот оид ба хонандагон дар марҳилаи якуми озмоиш**

| Ошкор кардани сатҳи омодагӣ | Абзор | Мазмун |
|---|---|---|
| **Ошкоркунии хусусиятҳои психологӣ** | Тестҳои психологӣ | **Сатҳи ҳофиза, тафаккур, диккат** |
| **Муайянсозии хусусиятҳои дидактикӣ** | Тестҳо, супоришҳои фаннӣ, таҳлили пешрафти ҷорӣ | **Маҳоратҳои умумитаҳсилӣ ва малакаҳои мутолиа ва нақли босуръат, сатҳи таълимгирифтагӣ, маҳоратҳои амалӣ, маҳоратҳои мушоҳида кардан** |
| **Ошкоркунии хусусиятҳои шахсиятӣ** | Тестҳои писхологӣ | **Хударзѐбӣ, қобилият ба худидоракунӣ, сатҳи изтиробнокӣ, сатҳи даъвоҳо** |
| **Ошкоркунии хусусиятҳои иҷтимоӣ** | Пурсишномаҳо, мусоҳиба | **Ҳавасмандии оила ба сифати таълими фарзандаш, вазъи моддии оила** |
| **Хусусиятҳои физиологӣ** | **Омӯзиши варақаҳои тандурустӣ дар маҷаллаи синфӣ, гузаронидани пурсиши хонандагон, суҳбатҳо бо падару модарон** | **Вазъи саломат, хусусиятҳои рушди физиологӣ** |

Дар кори таҷрибавию-озмоиши 125 таълимгирандаи хонандагон аз синфҳои гуногуни равиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр, ноҳия иштирок карда, ҳамагӣ ба озмоиш 125 хонанда ҷалб карда шуданд.

Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи – литсейи №1 субъекти омӯзиши таълимгирандагони синфҳои болоӣ буданд. Таҳқиқоти иловагӣ дар пояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 5,6 ва 9 ш. Бохтар гузаронида шуда, иштирокчиён он таълимгирандагони синфҳои 10-11 буданд.

Чӣ тавре, ки қаблан қайд гардид, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар асоси дарси биология чун таълими равиявӣ ба роҳ монда шуд. Аммо дар озмоиш таълимгирандагон аз рӯи равияҳои ҷамъияти-гуманистӣ шомил карда нашуданд. Ба озмоиш талимгирандагони равияҳои иттилоотию математикӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, физикию математикӣ таълим ҷалб карда шуданд.

Омӯзиши биология дар ҳар як муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ зарур аст. Дар раванди таълимӣ биология он равандҳои табииеро меомӯзад, ки дар ҳамаи организмҳои зинда ҷараён мегиранд. Бо мақсади омӯзиши фанҳои математика майдони калони фаъолияти илми рӯ овард: формулаҳои генетикӣ, геометрияи организмҳои зинда, ҳисоб кардани ҷараёнҳои дар бофтаҳои зинда суратгиранда ва ғайра. Гуногуншаклии объекту ҷараёнҳо, ки дар дарсҳои биология омӯхта мешаванд, қуввaҳои калони ақлонӣ, ахборотӣ ва умумитаълимӣ ҳисоб меёбад.

Ин озмоиш 3 давраро аз гузаронид. Дар давраи якум барномаи таълими фанни биология умумӣ дида баромада шуд ва муқаррар гардидид, ки тадриси фанни биологияи умумӣ мувофиқи як барнома роҳандози гардидааст. Бинобар ин, дар дарсҳои биология барои таълигирандагон шароити якхела фароҳам овардем.

Баъдан, дар идомаи 6 аз рӯи таълимгирандагони фалқулзикр мушоҳида гузаронидем. Озмоиши пурра дар давоми ду сол давом кард. Аз болои ҷамъ кардани маълумот дар бораи сатҳи тайёркунии хатмкунандагони МТМУ ба биологияи умумӣ ва дигар фанҳо мушоҳидаро пурзур сохтем.

Аён гардид, ки таълигирандагон синфҳои фавқулзикр дар амал тайёрии якхела доранд, бинобар ин, мо онҳоро беихтиёрона ба синфи назоратӣ ва синфи озмоиши ҷудо намудем. Минбаъд дар назди мо вазифаи муқаррар намудани ташаккулёфтагии босалоҳиятнокии таълимию маърифатии хонандагон дар синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ истода буд.

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти пешакии хонандагони синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ нишон доданд, баъзе нишондиҳандаҳои аз ҷониби онҳо омӯхташаванда баробармаъно мебошанд.

Аз ҷумла, қариб ҳамаи хонандагон (қариб 93%) ин ё он равияи таълимро мустақилона интихоб кардаанд, вале ба таълим ҳавасмандиро ҳис намекунанд. Таълимгирандагон аксар вақт ишора мекунанд, ки мавҷуд набудани ҳавасмандӣ дар хониш дар асосии якрангии гузаронидани машғулиятҳо, яъне бо айби педагог (81%) пайдо мешавад.

Таълимгирандагони синфи озмоишӣ ва синфи назоратӣ дар оилаҳое мезистанд, ки аз 2-4 фарзанд иборат буд ва қариб ҳамаи онҳо шароити якхелаи зистро доштанд. Ҳамаи падару модарон ба таълими фарзандони худ ҳавасмандӣ зоҳир карда, равияи интихобшудаи таълимро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумие, ки фарзанди онҳо таҳсил мекунад, дастгирӣ менамоянд. Дар дохили синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар хонандагон доираи васеи фарқиятҳо дар нишондиҳандаҳои физиологӣ, фаъолияти фикрӣ, нишондиҳандаҳои психологии ҳофиза ва таваҷҷуҳ ошкор карда шуд, ки дар поён онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҳамин тариқ, пурсиш ва мушоҳидаи муқарраркунанда дар гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ, дар марҳилаҳои таҳқиқотӣ бо воситаи методии интихоб карда шуда гузаронидани шуданд.

## 2.2. Технологияи рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

Яке аз проблемаҳои асосии педагогика дидактика ва методикаи фанҳо дар даҳсолаи охир ин кор кардан ва амалӣ намудани технологияи нави педагогӣ мебошад [1-М].

Вақҳои охир метод, шакл, воситаҳои таълимро дар алоҳидаги ном нагирифта, дар бораи технологияи нави таълим сухан меронанд. Ин нишонаи он аст, ки дар кори таълим ҳамон вақт ба муваффақият ноил гаштан мумкин аст, ки метод, шакл, воситаҳо ва ғайраро дар якҷоягӣ истифода намоем [9-М].

Технологияи раванди педагогӣ бо методологӣ, мазмун ва ҳадафи умумии он ба таври ҷудонашаванда алоқаманд аст. Технология механизми методологию ташкилӣ дар раванди педагогӣ мебошад [4-М].

Раванди технологии рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар маҷмӯъ зинаи доимии технологӣ мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад:

1. кашфиѐти кретерияи самараноки ҷараѐн;
2. муайянкунии аносири муҳити ҷараѐн;
3. муайянкунии аносири амалиѐти ҷараѐн;
4. ташкил кардани мақсади ин ҷараѐн;
5. муайянкунии натиҷаҳои ҷараѐн.

Мақсади ин ҷараѐн рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ мебошад. Меъѐрҳои самарабахшии раванд дар боло муқарар шудаанд.

Тавре ки дар зербоби 1.3 қайд шуда буд, тамоми гуногунии ченкуниҳои бевоситаи фаъолияти фаъоли маърифатиро дар таҳқиқоти педагогӣ дар чор гурӯҳ гурӯбандӣ кардан мумкин аст:

1. нерӯҳо, маҳоратҳои инфиродии маърифтие, ки аз ҷониби хонандагон дар фаъолият, салоҳияти таҳсилӣ истифода мешаванд;
2. хусусиятҳои шахсиятии хонанда (ҷаҳонбинӣ, самтнокӣ, муоширатнокӣ ва ғ.);
3. равандҳои психологӣ (таваҷҷуҳ, тахайюл, ҳофиза, тафаккур);
4. самараҳои фаъолияти таҳсилии хонандагон ѐ ваколатҳои таҳсилию маърифатӣ.

Ба гуфтаҳои боло такя карда, мо ба хонандагон пешниҳод кардем, ки ба саволҳои як қатор пурсишномаҳое, ки хусусиятҳои инфиродии хонандагон,

нерӯҳои субъективии маърифтиро ошкор мекунанд, ҷавоб диҳанд. Қобилияти ровонии таълимгирандагон низ ошкор гардиданд. Ба онҳо таваҷҷуҳ, ҳофиза, кори ақлонӣ мансубанд.

Методикаҳоеи барои мақсадҳои таҳқиқоти маҷмӯи вазифаҳои маърифатии интихобгардида як қатор супоришоти мураккабияти гуногундоштаро дар бар гирифт ва онҳоро озмоишшавандагон бояд иҷро намоянд. зимни интихоб кардани методикаи зарурӣ қавоиди маҷмӯии вазифаҳои руҳӣ, арзишҳои чинкунӣ нигоҳ доштани мутаносибият риоя карда шуданд. Зуҳуроти будан аз бисѐрмазмунии истисноии воситаҳои озмоиш, арзиши ченкунӣ – аз эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаҳое, ки мавриди коркарди сифатию миқдорӣ дар пояи эътиқодоти умумӣ, нигоҳдории таносубҳои – аз ғоябандии сарбории озомишӣ ба озмоишшаванда иборат мебошанд. Худи таҷрибаҳо хусусияти инфиродӣ доранд.

Методикаҳо дар асоси се консепсия: босуботӣ, ҳаҷм ва интиқоли таваҷҷуҳ интихоб шуданд. Босуботии таваҷҷуҳ тавассути *«санҷиши коррректурӣ»*, ҳаҷми таваҷҷуҳ – методи *«ҷустуҷӯи ададҳо»* (мавриди омӯзиш қарор гирифтанд (замимаҳои 3 ва 4).

Фаъолияти мантиқии фикрии хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифт: кашфи нишонаҳои асосӣ аз рӯйи қиѐсҳои гуногун. Натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи миқдори холҳо (аз 0 то 19) муайян карда шуда, дар пояи холҳои бадастомада баҳоҳо гузошта шуданд. Натиҷаҳои маълумоти таҳқиқот дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5. – Натиҷаҳои тестҳои психологии хонандагон (дар %)**

| Гурӯҳ | Шумо раихонандаг он | Баҳо | Каратии ҳофиза | Ҳаҷми таваҷҷуҳ | Интиқоли таваҷҷуҳ | Мантиқӣ будан | Таҳлили мураккаб | Ҷудо ни нишонаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Н** | 25 | Аъло | 5,7 | 4,4 | 5,4 4,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | | Хуб | 42,4 | 40,6 | 47,5 42,5 | 37,6 | 0,0 | 17,5 |
| | | Қаноатбахш | 36,7 | 37,1 | 36,9 34,7 | 43,8 | 71,2 70,3 | 59,4 |
| | | Аз меъѐр паст | 15,6 | 18,3 | 18,3 | 18,9 | 28,8 23,9 | 23,4 |
| **О-1** | 25 | Аъло | 4,0 | 4,0 | 16,5 | 0,0 | 0,0; 0,0 | 0,0 |
| | | Хуб | 35,5 | 33,0 | 32,0 | 35,4 | 0,0; 0,0 | 24,0 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Қаноатбахш | 41,5 | 46,5 | 33,5 | 49,5 | 60,0 57,1 | 54,2 |
| | | Аз меъѐр паст | 19,0 | 16,5 | 18,0 | 16,1 | 40,0 42,9 | 21,8 |
| **О-2** | 23 | Аъло | 4,1 | 2,4 | 20,5 18,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | | Хуб | 35,1 | 39,6 | 30,8 29,2 | 37,0 | 0,0 | 18,0 |
| | | Қаноатбахш | 42,8 | 47,6 | 43,6 41,8 | 45,1 | 74,4 73,2 | 54,0 |
| | | Аз меъѐр паст | 18,0 | 10,9 | 5,1 11,0 | 17,9 | 25,6 26,8 | 28,0 |
| **О-3** | 25 | Аъло | 4,5 | 2,2 | 13,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | | Хуб | 28,0 | 30,2 | 29,5 | 32,0 | 2,8; 2,4 | 18,2 |
| | | Қаноатбахш | 42,5 | 46,2 | 43,4 | 44,1 | 58,3 57,1 | 56,8 |
| | | Аз меъѐр паст | 24,0 | 21,4 | 13,6 | 23,9 | 38,9 40,5 | 25,0 |
| **О-4** | 23 | Аъло | 4,2 | 4,3 | 13,5 | 3,8 | 0,0 | 3,8 |
| | | Хуб | 32,3 | 36,2 | 36,5 | 17,2 | 0,0 | 26,4 |
| | | Қаноатбахш | 42,1 | 41,8 | 40,3 | 50,5 | 52,4 50,2 | 46,4 |
| | | Аз меъѐр паст | 21,4 | 17,7 | 9,7 | 28,5 | 47,6 42,8 | 23,4 |
| **: Н – гурӯҳи назоратӣ, О – гурӯҳи озмоишӣ.** | | | | | | | | |

Барои муайян кардани дараҷаи ташаккули таваҷҷуҳ тестгузаронии педагогии психологӣ иҷро карда шуд, ки натиҷаҳои эътимодноктарро таъмин намуд.

Таваҷҷуҳи хонандагон дар таҳқиқоти мо ҳамчун бодиққат ии шуур ва самтнокии он ба объекти муайян баррасӣ гардид.

Таваҷҷуҳ аз рӯйи манбаъҳои зоҳиршавии он ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

1. таваҷҷуҳи ихтиѐрӣ, ки бо саъйи ирода боис шудааст;

2. таваҷҷуҳи беихтиѐрона, ки бо ангезаи пешбининашаванда, пешгӯинашаванда, равшан ва баланд боис мешавад. Таваҷҷуҳи хеле қавӣ, устувор мебошад;

3. таваҷҷуҳи баъдиихтиѐрӣ, ки ҳамчун натиҷаи майлу рағбат ба вуҷуд меояд.

***Ҳаҷми таваҷҷуҳ*** – ин шумораи объектҳое мебошад, ки инсон метавонад онҳоро бо таваҷҷуҳ бо возеҳияти якхела фаро гирад.

***Интиқоли таваҷҷуҳ*** – ин интиқоли озод аз як намуди фаъолият ба дигарӣ, қобилияти тағйир додани мақсади фаъолият мебошад.

***Тақсимоти таваҷҷуҳ*** – ин таваҷҷуҳи ҳамзамон ба якчанд объектҳо ҳангоми иҷрои амалҳо бо онҳо мебошад.

***Бодиққат ии таваҷҷуҳ*** – ин бодиққат намудани таваҷҷуҳ ба фаъолият буда, бо қувваи ангезаи ҷонибӣ андозагирӣ карда мешавад.

***Босуботии тавачҷуҳ*** – ин вақтест, ки дар давоми он таъкиди тавачҷуҳ боқӣ мемонад.

Бештар доимӣ тавачҷуҳи баъдиихтиёрӣ мебошад, ки дар он сифатҳои инфиродии мизоч ба таври таъсирбахш зоҳир мешаванд:

– меланхоликҳо худро гум мекунанд;

– бомуваффақтар сангвиникҳо интиқол мешаванд;

– флегматикҳо оҳистатар интиқол меёбанд;

Холерикҳо қодиранд интиқол ёбанд, дар ин зимн онҳо метавонанд инчунин кори тамомнашударо боқӣ гузоранд.

Ташаккули тавачҷуҳ дар хонандагон ба се сатҳ тақсим мешавад:

– нокифоя;

– кифоя;

– буҳронӣ (бошадат).

Дар таҳқиқоти мо бо роҳи мушоҳидаи педагогӣ сатҳҳои ташаккули тавачҷуҳи хонандагон муайян карда шуданд, ки дар ҷадвали 6 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 6. – Тавсифи сатҳҳои ташаккули тавачҷуҳи хонандагон**

| **Тавачҷуҳ** | **Сатҳи нокифояи рушди тавачҷуҳ (СН)** | **Сатҳи буҳронии рушди тавачҷуҳ (СБ)** | **Сатҳи кифояи рушди тавачҷуҳ (СК)** |
|---|---|---|---|
| **Ҳачми тавачҷуҳ (ҲТ)** | Ҳамзамон дар минтақаи тавачҷуҳи фаъол 1 объектро нигоҳ медорад | Ҳамзамон дар минтақаи тавачҷуҳи фаъол 2-3 объектро нигоҳ медорад | **Ҳамзамон дар минтақаи тавачҷуҳи фаъол 4-5 объектро нигоҳ медорад** |
| **Тақсимоти тавачҷуҳ (ТТ)** | Метавонад як амалро иҷро кунад – ё гап мезанад ё қироат мекунад; ё гӯш мекунад ё менависад | Метавонад ду амалро ҳамзамон иҷро кунад – қироат мекунад ва таҳлил мекунад, гӯш мекунад ва нависад, нигоҳ мекунад ва менависад | **Зиёда аз ду амалро бомуваффақият иҷро мекунад – гӯш мекунад, менависад ва аз рӯйи китоб пайгирӣ мекунад** |
| **Тамаркузи тавачҷуҳ (ТТ)** | Ҳар гуна ангезаи ҷонибӣ аз иҷрои супориш ҷалб мекунад | Аз иҷрои супориш ба синф даромадани одами бегона, саволе, ки аз | **Ҳангоми иҷрои супориш амалан ба Ваҷҳҳои ҷонибӣ ҷалб намешавад, агар** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ҷониби хонандаи дигар дода шудааст, садои баланд аз паси тиреза ва ғайра ҷалб мекунад | **ин шахсан ба ӯ дахл надошта бошад** |
| **Устувори и таваҷҷуҳ (УТ)** | **Таваҷҷуҳи ихтиёрӣ амалан сайқал наёфтааст, босуботиро танҳо бо ангезаи қавӣ аз берун нигоҳ доштан мумкин аст** | **Ташаккули хуби таваҷҷуҳи баъдиихтиёриро нишон медиҳад; агар мавриди таваҷҷуҳ бошад, метавонад тӯлонӣ кор кунад** | **Таваҷҷуҳи ихтиёрӣ хуб ташаккул ёфтааст – метавонад худро барои бодиққат шудан ба иҷрои супориш маҷбур созад** |

Дар таҳқиқоти худ мо инчунин тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо доир ба дараҷаи ташаккули ҳофиза мавриди баррасӣ қарор додем.

Қувваи ҳофиза – ҷараёни серпаҳлуи физиологӣ буда, дар интиҳо таъилгиранда маълумотро аз худ мекунад, нигоҳ медорад ва боз бори дигар ҳосил менамояд.

Омӯзгорон сатҳҳои ташаккулёбии ҳофизаро дарк мекунанд, чунки он боиси интихоб намудани маводи нави таълимӣ барои таълимгирандагон мегардад. Ҳамзамон, омӯзгорон қувваи ҳофизаи шогирдонро бояд беҳтар кунад. Омӯзгор бояд техникаи мнемоникиро донад, ба шогирдон омӯзонад,дар онҳо типҳои мухталифи ҳофизаро ташаккул диҳад.

Ифодаю мафҳумҳо ва аломатҳои нутқиро Ҳофизаи нутқӣ корбари менамояд.

Бо тимсоли объекту падидаҳои расмӣ ҳофизаи тимсолӣ кор мебарад. Ҳофизаи образӣ – ин завқӣ, босиравӣ, ламсӣ, сомеавӣ, зоиқавӣ мебошад.

Ҳофизаи муҳаррикӣ, ҳаракатдиҳанда ба хонандагон барои ҳифз ва бозтавлид кардани ҳаракатҳои гуногун кумак мерасонад (ба ин ҷо инчунин чунин амалҳо, ба мисли: ракс, навиштан, роҳгардӣ, маҳоратҳои касбӣ дохил мешаванд).

***Ҳофизаи эҳсосотӣ*** – ин ҳофиза оид ба эҳсости аз ҷониби инсон таҷрибашуда мебошад. Ҳиссиѐт гум намешаванд, онҳо дар ҳофизаи инсон вақти зиѐд зиндагӣ мекунанд.

Дар боби якуми таҳқиқоти мо босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ва нишондиҳандаҳои асосии ташаккули он мавриди баррасӣ қарор гирифта буд.

Дараҷаи ташаккули маҳоратҳои умумитаҳсилӣ бо сатҳҳои зерин: сатҳи кифоя, бухронӣ ва нокифоя муайян карда мешавад. Дар ҷадвали 7 тавсифоти маҳоратҳо ва малакаҳои умумитаҳсилӣ нишон дода шудаанд, ки навъҳои ҳофизаи хонандагонро ба назар мегиранд.

**Ҷадвали 7. – Тавсифоти маҳоратҳо ва малакаҳои умумитаҳсилӣ, ки навъҳои ҳофизаи хонандагонро ба назар мегиранд**

| Ҳофиза | Сатҳи нокифоя (СН) | Сатҳи бухронӣ (СБ) | Сатҳи кифоя (СК) |
|---|---|---|---|
| **Ҳофизаи нутқию мантиқӣ (ҲНМ)** | Қоидаҳо, формуларо бо душворӣ ҳифз мекунад | Метавонад иттилоотеро, ки ба таври формалӣ ифода ѐфтааст, ҳифз кунад, вале ба хатогиҳо роҳ медиҳад | **Ба таври осон истилоҳот, мафҳумҳо, формулаҳо, графикаҳо ва дигари навро ҳифз мекунад** |
| **Ҳофизаи образӣ (ҲО)** | Иттилоотро бад ҳифз мекунад. агар он дар шакли расм, тарҳ, амсила, образи бадеӣ пешниҳод шуда бошад | Метавонад иттилооти мушобеҳро ҳифз кунад, вале ба хатогиҳо роҳ медиҳад | **Иттилоотеро, ки дар шакли образи бадеӣ ѐ воқеӣ пешниҳод шудааст, ба таври осон ҳифз мекунад** |
| **Ҳофизаи эҳсосотӣ (ҲЭ)** | **Амалан эҳсосотро ҳифз намекунад** | **Ҳиссиѐт баъзан метавонанд зимни ҳифзкунӣ ба “лангар” табдил ѐбанд** | **Чизеро, ки аз сар гузаштааст, чизеро, ки ба ҳиссиѐт таъсир расонидааст, хуб ҳифз мекунад** |

Дар чаҳорчӯби таҳқиқоти мо тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯйи дараҷаи ташаккули ҳофиза ва таваҷҷуҳ мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳои он дар ҷадвали 8 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 8. – Тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯйи дараҷаи ташаккули ҳофиза ва таваҷҷуҳ (дар %)**

| Гурӯҳ | Шумораи | Сатҳ | ҲТ | ТТ | ТТ | БТ | ҲНМ | ҲО | ҲЭ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | хонандагон | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Н** | 23 | СН | 4,3 | 0,0 | 4,3 | 0,0 | 8,7 | 0,0 | **0,0** |
| | | СБ | 82,6 | 100,0 | 82,6 | 95,7 | 82,6 | 4,3 | **100,0** |
| | | СК | 13,1 | 0,0 | 13,1 | 4,3 | 8,7 | 95,7 | **0,0** |
| **О-1** | 27 | СН | 7,4 | 0,0 | 7,4 | 0,0 | 7,4 | 0,0 | **0,0** |
| | | СБ | 74,0 | 100,0 | 70,4 | 92,6 | 70,4 | 7,4 | **100,0** |
| | | СК | 18,6 | 0,0 | 22,2 | 7,4 | 22,2 | 92,6 | **0,0** |
| **О-2** | 22 | СН | 4,7 | 0,0 | 4,7 | 0,0 | 9,5 | 0,0 | **0,0** |
| | | СБ | 85,7 | 100,0 | 85,7 | 95,3 | 85,7 | 9,5 | **95,3** |
| | | СК | 9,6 | 0,0 | 9,6 | 4,7 | 4,8 | 90,5 | **4,7** |
| **О-3** | 25 | СН | 4,0 | 0,0 | 4,0 | 4,0 | 8,0 | 0,0 | **0,0** |
| | | СБ | 76,0 | 92,0 | 45,5 | 92,0 | 62,0 | 62,0 | **92,8** |
| | | СК | 20,0 | 8,0 | 50,5 | 4,0 | 30,0 | 38,0 | **8,0** |
| **О-4** | 23 | СН | 0,0 | 0,0 | 4,3 | 0,0 | 8,7 | 0,0 | **4,3** |
| | | СБ | 84,5 | 82,6 | 82,6 | 100,0 | 82,6 | 82,6 | **82,6** |
| | | **СК** | **15,5** | **17,4** | **13,1** | **0,0** | **8,7** | **17,4** | **13,1** |




**Расми 11. – Диаграммаи тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯйи дараҷаи ташаккули ҳофиза ва таваҷҷуҳ (дар %)**

Дар ҷадвали 8 ва расми 11 дида мешавад, ки дараҷаи ташаккулёфтагии таваҷҷуҳ ва ҳофиза дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии хонандагон қариб баробар аст.

Ва, ниҳоятан, дар раванди таҳқиқот муайян кардани босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти маърияатии фаъол мебошад, зарур аст.

Дар зербоби 1.3. қайд шуда буд, ки нишониҳандаи асосии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ малакаҳои умумитаҳсилӣ мебошад. Моҳияти малакаҳои умумитаҳсилиро муайян мекунем.

Тавре гуфта шуд, малакаҳои умумитаҳсилӣ – ин методҳои универсалии касб ва истифодаи донишҳо барои аксари хонандагон мебошад. Онҳо аз малакаҳое, ки ба фанҳои гуногуни таҳсилӣ хос мебошанд, тафовут доранд. Аз ин рӯ тестҳои педагогиро чунин тартиб додан зарур буд, то ки таваҷҷуҳ ба дараҷаи донниши истилоҳот, далелҳо ва қонуниятҳо бодиққат нашавад. Тестҳои педагогӣ чунин тартиб дода шуданд, то ки малакаҳои байнифаннӣ маълум карда шаванд.

Тести педагогӣ, ки донишҳои малакаҳои уумитаҳсилиро кушода медод, дорои мазмуни зерини маъноӣ буд:

1) муайянсозии мақсади ин дарс оид ба мавзуъ аз тарафи таълимгирандагон пешнищод;

2) баъд аз гузоштани мақсади ин дарс якчанд шохаи супоришотро барои ҳаллу фасл таълимгирандагон бояд пешниҳод намояд;

3) қироати як порчаи матн пешниҳод гардид, вақти барои ин супориш сарфшуда қайд гардид;

4) барои ҳар як матни пешниҳодгардида навиштани консепкт, муратабсози, кашидани графикҳо ҳатми ҳисоб меёфт;

5) нақлкунии матне, ки хонда баромада шуд;

6) барои муколима мубоҳиса пешкаш ва маҳорати бурдани мубоҳиса омӯхта шуд;

7) шарти асосии функсия: пешкаш намудани объекти биологӣ, зарурат ба ба тавсиф додани миқдорӣ ва сифатӣ ба вуҷуд омад;

8) озмоиши одӣ ба нақши гирифта шуд, гузаронидани он тавсиф ёфт;

9) амсиласозии паёмадҳои экологии ҷаҳонӣ баъд аз иқлимишавии ин ё он намудҳои ҳайвоноту бояд роҳандозӣ гардад.

Супоришоти тестӣронӣ барои бадастории натиҷаҳои самаранок аз як қатор муодил мураттаб сохта шуд.

Мундариҷаи тестҳои педагогии муратабсохташударо дида баромада, ба натиҷае расидем, ки супоришҳои 1, 3 ва 4 ба дараҷаи омехтаи пурмаҳсули ташаккулёфтагии фаъолнокии маърифат, супоришҳои 3 ва 5 – ба дараҷаи

тақлидию тазаккурии ташаккулёфтагии фаъолнокии маърифатӣ ва супоришҳои аз 6 то 9 ба дараҷаи эҷодию ташаккулдиҳандаи рушди фаъолнокии маърифатӣ мувофиқат мекунанд.

Баъди гузаронидани тести педагогӣ мо натиҷаҳои бадастомадаро мавриди таҳлил қарор дода, далелҳои зеринро ошкор кардем:

– қариб 62% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба дараҷаи баробар метавонанд, ки ҳадафи супоришҳоро муайян куананд – (1);

– ба ҳисоби миёна 47% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ қобиланд, ки супоришҳоро ҳал намоянд – (2);

– ба ҳисоби миёна 96% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дорои суръати баланди қироат мебошанд – (3);

– қариб 55% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ метавонанд, ки конспектҳо, графикҳо ва тарҳҳои матнҳоро тартиб диҳанд – (4);

– тақрибан 79,6% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дорои техникаи нақлкунӣ мебошанд – (5);

– қариб 87% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ мубоҳисаҳои муколимавиро дастгирӣ карда наметавонанд – (6);

– тақрибан 89% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба объектҳои биологӣ танҳо бо луқмаи педагог тавсифоти сифатӣ ва миқдориро дода метавонанд, вале дар ифодаи натиҷаҳо душворӣ кашида, малакаҳои эҷодиро зоҳир намекунанд;

– қариб 99% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ озмоиши элементариро сохта, онро тавсиф дода наметавонад – (8);

– қариб 97% хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ амсиласозиро иҷро карда натавонистанд, супориши мазкурро танҳо як хонанда иҷро карда тавонист – (9).

Натиҷаҳои тести гузаронидашудаи педагогӣ муфассалтар дар ҷадвали 9 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 9. – Тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ баъди гузаронидани тести педагогӣ**

| | Супоришҳои тести педагогӣ | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| **Гурӯҳи назоратӣ (шумораи хонандагон)** | 13 | 10 | 22 | 12 | 18 | 3 | 3 | 1 | 0 |
| **Гурӯҳи назоратӣ (%)** | 58,2 | 43,5 | 97,8 | 52,1 | 78,2 | 13 | 13 | 4,3 | 0 |
| **Гурӯҳи озмоишӣ (шумораи хонандагон** | 78 | 58 | 120 | 67 | 95 | 11 | 14 | 2 | 1 |
| **Гурӯҳи озмоишӣ (%)** | 62,7 | 46,5 | 97,2 | 54 | 76.6 | 9 | 11,3 | 1,6 | 2 |
| **Ҳамагӣ (%)** | 60 | 45 | 97,5 | 53 | 77,4 | 11 | 12 | 2,9 | 2 |




**Расми 12. – Диаграммаи тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ баъди гузаронидани тести педагогӣ**

Натиҷаҳои бадастомадаро мавриди тасниф қарор дода, мо бузургиҳои миёнаи рушди сатҳҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо ба даст овардем, ки дар ҷадвали 10 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 10. – Рушди сатҳҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагон дар озмоиши мқарраркунанда (бо %)**

| **Гурӯҳҳои хонандагон** | Сатҳҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Эҷодию ташаккулдиҳанда (ЭТ) | Омехтаю пурмаҳсул (ОП) | Таҷлидию тазаккурӣ (ТТ) |
| **Назоратӣ** | 7,5 | 51,3 | 88 |
| **Озмоишӣ** | 7 | 40,8 | 87 |




**Расми 13. – Диаграммаи рушди сатҳҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагон дар озмоиши мқарраркунанда (бо %)**

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда нишон доданд, ки дар хонандагон рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ба тариқи зайл тақсим шудааст: хонандагон бо дараҷаи эҷодию ташаккулдиҳанда қариб вуҷуд надоранд, дараҷаи омехтаю пурмаҳсулро 62% хонандагон нишон доданд, дараҷаи тақлидию тазаккуриро қариб 42% хонандагон нишон доданд.

Инчунин омӯзиши сатҳҳои маҳоратҳои умумитаҳсилӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ гузаронида шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷадвали 11 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 11. – Тақсимот аз рӯйи маҳоратҳои умумитаҳсилии хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ (озмоиши муқарраркунанда)**

| Сатҳи маҳоратҳои умумитаҳсилӣ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ (О-4) | |
|---|---|---|---|---|
| | Шумора и хонандагон | % | Шумораи хонандагон | % |
| **ЭТ** | 1 | 4,3 | 5 | 4,3 |
| **ОП** | 12 | 52,2 | 75 | 60,7 |
| **ТТ** | 10 | 43,5 | 43 | 34,8 |




**Расми 14. – Диаграммаи тақсимот аз рӯйи маҳоратҳои умумитаҳсилии хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ (озмоиши муқарраркунанда)**

Дар раванди гузаронидани кори таҷрибавию озмооишӣ дар марҳилаи ташаккулдиҳанда натиҷаҳое ба даст омаданд, ки имкон доданд натиҷаҳои зерин ба даст оянд:

– дар хонандагон дар раванди таълим фаъолнокии нисбатан пасти маърифатӣ бақайд гирифта мешавад;

– барои рушди фаъолияти маърифатӣ дар раванди таълими равиявии муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ кори ҳадафманди таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои субъективии хонандагон зарур аст.

Ҳадафи марҳилаи дуюми озмоишӣ аз тасдиқи озмоишии шароити педагогӣ иборат буд, ки ба ташаккули фаъолияти фаъоли маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат намоянд, ки хусусиятҳои субъективии онҳоро ба назар мегиранд.

Буриши мазкури таҳқиқот зинаи сеюми технология (ҷузъҳои муҳити раванд), инчунин чорум (ҷузъи амалиѐтӣ) мебошад. Ҷузъҳои муҳит дар боби якум баррасӣ шуда буд ва низоми таълими равиявӣ, ҷузъҳои амалиѐтӣ шароити педагогии амалисозии амсиларо дар бар мегирифтанд.

Барои гузаронидани таҳқиқоти мазкур баррасии хусусиятҳои шахсиятии психофизиологии хонандагон ва бо назардошти онҳо корбасти принсипҳои педагогии озмоиш дар шароити таълими равиявӣ ҳатмӣ буд.

Фарқияти гендерӣ, (ҷинсӣ, биологӣ, иҷтимоӣ ) зимни мавриди омӯзиш қарор додани важагиҳои шахсияти муҳассилин актуалӣ ҳисоб меѐбад, чунки рафтору кирдори таълимгирандагонро муқаррар месозанд, ба фаъолияти маърифатиашон таъсиррасонӣ мекунанд. Навҷавонон аксар вақт дар таҳсил муносибати сифатиро ба кор бурда, ба фаъолияти фардӣ, фикрӣ, эҷодӣ ва мустақилона қобиланд. Дар онҳо муносибати синтетикӣ, қобилияти ҷамъбасткунӣ дар асоси ҳадафманд бартарӣ доранд. Қобилиятҳо ба баҳсҳо, мубоҳисаҳо, муколима, инчунин бодиққат ии таваҷҷуҳ дар вазъиятҳои бухронӣ ба қайд гирифта мешаванд (зербоби 1.2).

Ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ дар наврасон қобилиятҳо ба фаъолияти фаннию абзорӣ ва амалиявӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар духтарон муносибати миқдорӣ ба омӯзиши маводи таълимӣ бартарӣ дорад. Ба онҳо иҷрокунандагӣ ва эҳтиѐткорӣ, тафаккури мушаххас, муносибати таҳлилӣ, қобилияти таҳлил кардан дар асоси эҳсосоттию ҳиссӣ, инчунин фаъолияти мушаххаси фикрӣ хосанд.

Барои духтарон бурдани монолог осонтар аст, вале ба онҳо бодиққат ии заифи таваҷҷуҳ хос буда, дар вазъиятҳои бухронӣ худро гум мекунанд. Дар онҳо тамоилоти зебоишиносӣ ва қобилиятҳо ба забонҳои хориҷӣ ташаккул ѐфтаанд.



**Расми 15. – номаш Амсилаи ошкоркунии шахсияти психологию педагогӣ**

Баҳисобгирии ин фарқиятҳо, супоришот оид ба тафриқагузорӣ байни духтарону писарон хеле заруранд.

Бояд ба ҳисоб гирифт, ки фарқияти сатҳои аз худ кардани маводҳои таълимӣ дар писарону духтарон дар давраи пеш аз балоғатӣ, балоғат расидан, дар давраи балоғӣ ва дар давраи бадъ аз болиғӣ хело калон аст. Хатмкунандагони МТМУ- ҳо ба мазмуни аксари мафҳуҳо сарфаҳм мераванд, корбурди мафҳуҳоро дар раванди ҳаллу фасли масоили мухталиф меомӯзанд. Ин маънои ташаккулёфтагии фаъолияти эҷодии фикриро дар онҳо дорад.

Дар хонандагони синфҳои болоӣ интихоби фанҳо ба таври равшан ифода ѐфтааст. Ин ташаккул ва фаъолияти равандҳои рӯҳиро муайян месозад. Идрок бо ҳадафмандӣ, таваҷҷуҳ – бо ихтиѐрнокӣ ва босуботӣ, ҳофиза – бо хусусияти мантиқӣ тавсиф меѐбанд. Ба фаъолияти фикрии хонандагони синфҳои болоӣ сатҳи баланди ҷамъбасткунӣ ва хулосабарорӣ хос аст.

Инчунин баҳисобгирии вазъи саломатӣ муҳим аст, зеро баъзе хонандагон бемориҳои музмин доранд, ки онро дар раванди таълимӣ ба инобат гирифтан зарур аст. Ғайр аз ин, дар хонандагони синфҳои болоӣ давраи ба балоғатрасии ҷинсӣ сурат мегирад. Ба таври назаррас кори босуръати ғадудҳои сипаршакл  заиф мешавад, ки боиси ҷазабаи баланд дар

наврасон мешавад. Инкишофи майнаи сар ва қишри нимкураҳои калон идома меёбад.

Дар натиҷаи ин, барои тартиб додани хусусиятҳои психологию педагогии субъективии хонандагон мо корҳои тиббиро мавриди омӯзиш қарор додем.

Ҳамчунин, миҷозҳои муҳассилинро ҳисоб гирифтем, чунки барои таълимгирандагоне, ки мизоҷҳои устувор (сангвиникҳо, холерикҳо флегматикҳо) доранд аз технологияи фаъолкунандаи таълимӣ истифода бурдем, корбурди техногияҳои мазкур барои ашхоси меланхолик оқилона нест. Ғайр аз ин, барои хонандагон бо мизоҷи заиф (меланхликҳо) додани супоришҳое, ки дар онҳо монолог ё тарҳрезӣ истифода мешаванд, ғайриматлуб аст, онҳо ҳангоми ҳалли супоришҳои мазкур худро гум мекунанд.

Барои ошкоркунии навъҳои гуногуни мизоҷ мо хусусиятҳои зеринро ба инобат гирифтем.

Холерикҳо бетоқату саросемакор ва таҳамулнопазиранд. Хонандаи холерикмиҷоз зимни иҷрои супоришоти парояш муҳим пурдиққат мегардад, тамоми фикру ҳиссиёт ва ҳаракат ҳалли ба супоришоти додашуда равона мегардад. Аммо баъдан қувваи таълимгиранда коҳиш меёбад ва ҷалби ӯ ба иҷрои супоришот баъдан мегардад.

Сангвиник баландтар сухан меронад, дар нутқро хеш, аз қиёфабозӣ ишора имо истифода мебарад. Ӯ зиндадил, фаъол, кордон аст. Дар паси парта оромона мешинад. Таваҷҷуҳи сангвиникҳоро ҳама вақт нигоҳ доштан зарур аст. Агар дар дарс онҳо зиқ шаванд, онҳо бо корҳои ҷонибӣ машғул мешаванд.

Флегматик боақлу ботамиз, камгап, носаросема буда, нутқаш оҳангнок, ором буда, дорои қиёфабозӣ, имову ишора ва эҳсоснокӣ мебошад. Дар паси парта оромона мешинад ва вақте ки занг садо медиҳад, носаросема, оҳиста аз ҷой мехезад.

Дар меланхолик нутқи заифи нобаробар, ки баъзан то пичир-пичир паст мешавад, шармгин, камнерӯманд, беғайрат, канораҷӯи ба мушоҳида мерасанд. Сар одатан паст карда шуда, манаҳ ба зер кашида шудааст. Зоҳиран ӯ мусолиҳатомез аст, ӯро бо флегматик иштибоҳ кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, тавассути суҳбатҳо бо падару модарон иттилоотро оид ба он, ки ӯ аз нобарориҳо бисёр ғам мехӯрад гиря карда, аз бехобӣ ва ғайра ранҷ мекашад, ба даст овардан мумкин аст.

Аз таҷриба аён аст, ки зимни ҳаллу фасли масоили таълиму тарбия дар машғулиятҳои дарсӣ фориғаздарсӣ барои омӯзгор дар аксари мавридҳо мушоҳидае лозим аст. Он имкон медиҳад, то ки сифатҳои шахсии хонандагон муқаррар карда шаванд. Ба сифати нишондиҳои (меъёрҳои) наздик барои ин ҳадаф мо меъёрҳои рафтореро баррасӣ намудем, ки дар манбаъҳои адабӣ тавсиф ёфтаанд. Ба чунин меъёрҳои: тарзи роҳгардӣ, қиёфабозӣ, босуръатӣ ва сабукӣ дар муошират ва ғайраро нисбат додан мумкин аст. Ғайр аз ин мо меъёрҳои дар раванди озмоиш ҷудо кардашуда: зуд-зуд бардоштани даст, ҷавоби омода кардашуда ба пешниҳоди ҳалли вазифаи иртиботӣ ва ғайраро мавриди истифода қарор додем. Дар асоси меъёрҳои ишорашуда аз ҷониби мо тарҳи баҳисобгирии хусусиятҳои типологии шахсиятӣ ва хударзёбии онҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои зоҳирӣ (дар мисоли сангвиник) таҳия гардид, ки дар ҷадвали 12 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 12. – Тарҳи мушоҳида аз болои хонандагон (дар мисоли сангвиник)**

| Нишондиҳандаҳо | Зоҳиршавӣ | Хулосаҳо |
|---|---|---|
| 1 | **2** | 3 |
| **Нигоҳ** | Боваринок, аксар вақт аз боло ба поён; баъзан чашмон тамосро ҷустуҷӯ мекунанд | **Хударзёбии баландшуда, худпарастӣ, хоҳиши маъқул шудан** |
| **Қиёфабозӣ** | Ба таври кифоя зудҳаракат, гуногун | **Возеҳан, сангвиник аст** |
| **Нутқ** | Баланд, босуръат; қариб ҳамеша оҳангҳои амрдиҳанда садо медиҳанд | **Возеҳан, сангвиник аст; ба бартарият дар муошират саъй мекунад** |

| | | |
|---|---|---|
| **Муоширатнок й** | Хеле муоширатнок аст, ба таври осон ва зуд ба тамос ворид мешавад, дар фосилаи кӯтоҳи вақт қариб бо тамоми гурӯҳ (масалан, дар оғоз ё охири дарс) якчанд ибора сухан мегӯяд | **Эҳтимолан, сангвиник аст** |
| **Тарзи нишаст** | Бемалол, озод, аксар вақт пой дар болои пой, ба пуштаки курсӣ такя карда, дастон дар ҷайбҳо мебошанд | **Хеле худбовар буда, роҳи баромадро аз вазъият ҷустуҷӯ мекунад** |
| **Тамоси чашмон дар муносибати аълимӣ** | Тамосро амалан ҳамешава ҷустуҷӯ мекунад, аз «тамоси чашмон» бо омӯзгор наметарсад; кушиш мекунад, то ки аз вазъияти душвор барояд | **Хеле худбовар буда, роҳи баромадро аз вазъият ҷустуҷӯ мекунад** |
| **Бардоштани даст** | Амалан даст намебардорад, аз ҷой садои баланд бароварданро дӯст медорад; агар ягон ҳамсинф ҷавоб дода истода бошад, метавонад бо садои баланд таваҷҷуҳро ба худ ҷалб кунад | **Хеле худбовар буда, қувваро намоиш медиҳад** |
| **Мурочиат ба омӯзгор то/баъди машғулият** | Ба омӯзгор танҳо пеш аз дарс мурочиат мекунад, то ки огоҳ созад, ки вазифаро тайёр накардааст | **Худбовар аст** |
| **Татбиқи вазъияти нутқӣ** | Агар вазъияти таълимию нутқӣ хеле маъқул бошад, он гоҳ талаб мекунад, то ки омӯзгор ба ӯ ҳатман имконияти татбиқи онро дар назди синф диҳад, ҳатто агар шарик инро нахоҳад | **Сангвиник** |
| **Вазъиятҳои афзалиятдоштаи таҳсилию нутқӣ** | Вазъиятҳои динамикии таҳсилию нутқӣ, ки ӯ дар онҳо нақши сарварро мебозад | **Экстраверт** |
| **Муносибат ба намудҳои хаттӣ/шифоҳии корҳо** | Аз корҳои хаттӣ канорагирӣ мекунад; вале, агар кор баҳо дода шавад, онро бо саъю кӯшиш иҷро мекунад; рӯбардор карданро аз китоби дарсӣ, на аз ҳамсинфон афзал медонад (то ки онҳо пай набаранд, ки ӯ ҳеҷ чизро намедонад) | **Экстраверт** |
| **Истифодаи сиёҳнависҳо ҳангоми тайёршавӣ ба вазъияти нави таҳсилию нутқӣ** | **Бе сиёҳнавис тайёршавиро афзал медонад, ин ба ӯ аксар вақт муяссар мешавад** | **Экстраверт** |

Аз рӯи хислатҳояшон тамоми одамон ба типи психологӣ ҷудо мешаванд: экстравертҳо ва интровертҳоро. Экстраверсия – ба ашёву падидаю одамони нав ва ба олами берунӣ майл доранд. Интроверсҳо ба рамзу афкор мафҳуму ғояҳои ҷудогона яъне олами ботинӣ моиланд[5-М].

Зимни машғулиятҳо экстравертҳо, асосан дар қафо мешинанду гапзани мекунанд. Интровертҳо дар дастбардорӣ, барои он ки омӯзгор ӯро бинаду пурсад, бартариро мебинанд.

Экстраверти холерикмиҷоз аз иҷрои корҳои хаттии назоратӣ дурӣ меҷӯяд, дар аксар мавридҳо корҳои хатиро ба охир намерасонанд. Ин провертҳо, баръакс, иҷрои корҳои хаттии назоратӣ ва кор бо китоби дарсиро беҳтар мешуморад. Интровертҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нақаи баромади шифоҳиро на танҳо мураттаб созанд, балки навитаҳам гиранд. Баъд аз шунидани талабот оид ба алигардонии вазъияти нави таълимро шунида, экстравертҳо зимни такроркунии маводҳои таълим рӯҳафтода мешаванд. Дар вазъияти барояшон нав интровертҳо нороҳат мешаванд, зимни такроркунию амсиласозӣ худро бароҳат ҳис менамоянд ва да ҳаллу фасли масъалаҳо эҷодкорӣ нишон медиҳанд.

Экстравертҳо, аксар вақт навҷавонон, вазъиятҳои таҳсилии *«динамикиро»*-ро афзал медонанд. Интровертҳо, аксар вақт духтарон, ба супоришҳои *«статикии»* таълимӣ бартарӣ медонанд.

Ҳамин тариқ, барои хонандагон – экстравертҳо омӯзгор метавонад супориш шифоҳӣ, барои интровертҳо бошад – супоришҳои хаттиро пешниҳод намояд.

Ба омӯзгор инчунин зарур аст, ки дар кори худ ассиметрияи функсионалии нимкураҳои майнаи сар, бартарияти нимкураи чап ѐ ростро ба инобат гирад.

Тавре ки амалия нишон дод, нуқтаи оғоз барои педагог ба сифати конспекти бунѐдӣ дар раванди таълим хусусиятҳои зерини нимкураҳои майнаи сар шуда метавонанд:

– майнаи сари аз ду нимкура иборат аст ва ин никураҳо бо *«ҷисми обилагӣ»* пайваст гадидаанд;

– ин нимкураҳо на якҷоя, балки ҷудогона амал менамоянд, яке аз нимкурҳо фаъолияти нимкураи дигарро мавқуф мегузорад;

– ҳангоми ба кор даромадани нимкураи чап вазифаҳои нимкураи рост якбора хомӯш мешавад, қобилияти таҳлилкунии одам пеш мегузарад;

– ҳангоми ба кор даромадани нимкураи рост, баръакс вазифаҳои нимкураи чап хомӯш мешавад, ва одам ба эҳсосот дода мешавад;

– масъулияти нимкураи рост дар эҳсосоту тимсолҳо ифода меёбад, масъулияти нимкураи чап – дар рамзу калимаю, формулаҳо;

– сигналҳо аз нимкураи рост ба нимкураи чап ва баръакс *«ҷисми обилагӣ»* мегузаронад. дархостҳоро

Бакордарорӣ ва амалкунии қобилияти ин ё он нимкураи сар тариқи генезис муқарар мегардад, аммо он нишонаи ирсиро низ дошта метавонад ва имконот гуногун мешавад. Имконоти мазкурро бо курбурди тамринкунии кори бо нимкураҳо бояд рушд дод.

Бинобар ин, таълимгирандагонеро бояд ҷудо кард, ки ин ё он нимкура дар онҳо бартарӣ дорад, чунки вобаста ба ин ё он нимкура усулҳои таълимро бояд тавре ташаккул дод, ки нисбат таълимгирандаи алоҳида истифода шавад.

нафари дорои *«нимкураи рост»*-и фаъол дар иттилооти бадастоянда саъй мекунад маънои воқеӣ ва муайянро ёбад;

– нафари дорои *«нимкураи чап»* дар иттилооти бадастоянда дар навбати аввал расмиятро меёбад;

– нафари дорои *«нимкураи баробар»* қобил аст, ки *«бакордароии»* функсияҳои як нимкура ё нимкураи дигарро назорат кунад (масалан амбидекстрия, вақте ки инсон бо ду даст баробарарзиш кор мекунад).

Хосиятҳои фаъолияти фикрии «нафари дорои нимкураи рост» дарки яклаҳзаинаи миқдори калони падидаҳо ва ашё, дарки моводи нав мебошанд. Хосияти фаъолияти фикрии «нафари дорои нимкураи чап», ба ақидаи муҳаққиқони зиёд, тамоил ба маърифати дихотомӣ, зинагӣ, пайдарпай мебошад.

Методи аз ҷониби эҷодкори илм дар бораи фаъолияти олии асаб А.М. Павлов таҳияшда ҳузури ассиметрияи функсионалии нимкураҳои майнаи

сарро муқаррар месозад [78, с. 27]. Моҳияти метод дар зер ифода ёфтааст. Ба хонанда нӯҳ кори бо андозаи баробар бо калимаҳои: гӯсфанд, уқоб, окун, парҳо, пашм, пулакча, шино кардан, парвоз кардан, давидан (матн бояд бо шрифти якхеда чоп шавад) пешниҳод карда мешавад. Кортҳо бо тартиби ихтиёрӣ дар назди хонанда гузошта мешаванд, ки ба ӯ зарур аст бо се кортӣ *«аз рӯйи маъно»* ба се гурӯҳ гурӯҳбандӣ кунад.

Агар дар хонанда нимкураи чап беҳтар фаъолият кунад, он гоҳ ӯ кортҳоро аз рӯйи нишонаҳои расмӣ (гурӯҳи 1 – номҳои ҳайвонот: гӯсфанд + уқоб + окун; гурӯҳи 2 – феълҳо; гурӯҳи 3 – номҳои пӯшишҳои зоҳирии ҳайвонот) тақсим мекунад.

Агар дар хонанда функсияҳои нимкураи рост бартарӣ дошта бошанд, он гоҳ ӯ аз корт се гурӯҳи образҳоро (гурӯҳи 1: окун + шино кардан + пулакча; гурӯҳи 2: уқоб + парвоз кардан + парҳо; гурӯҳи 3: гӯсфанд + давидан + пашм) тартиб медиҳад.

Агар хонанда ҷамъкардани гурӯҳи кортҳоро бо як метод, инчунин бо корти дигар ҷамъоварӣ карда тавонад, он гоҳ ӯ *«нафари бо нимкураи баробар»* мебошад, дар ӯ бартарияти яке аз нимкураҳо вуҷуд надорад.

Барои он ки натиҷаҳои бадастомада тасдиқ шаванд, мо тестгузаронии хонандагонро бо тестҳои «Санҷишҳои муҳаррикӣ» (замимаи 7) истифода бурдем, ки дурустии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ карданд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, аз ҷониби мо таҳлили вобастагии шаклҳо ва намудҳои фаъолияти таҳсилӣ аз бартарияти нимкураҳои дахлдори нимкураҳои майнаи сар гузаронида шуд, ки дар шакли ҷадвал пешниҳод гардид.

Аз натиҷаҳои бадастомада мо тавонистем мувофиқатро байни бартарияи нимкураи майна ва шакл ё намуди кори таҳсилие мавриди таҳлил қарор диҳем, ки барои хонанда бароҳат аст. Таҳлили мазкур дар ҷадвали 13 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 13. – Таҳлили шаклҳо ва намудҳои фаъолияти таҳсилӣ аз бартарияти нимкураҳои дахлдори нимкураҳои майнаи сар**

| Параметр | «Нафарони дорои нимкураи рост» | «Нафарони дорои нимкураи чап» |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| **Ташкили фазоӣ** | Дар нимаи чапи сиёҳтахта менависад | Дар нимаи рости сиёҳтахта менависад |
| **Ташкили рангӣ** | Бӯри сиёҳ – сафедтахта | Бӯри сафед – сиёҳтахта |
| **Шароити интерференсияи таълимӣ** | Заминаи мусиқӣ, озмоишҳо, супоришҳои эҷодӣ, образҳо, робитаи иттилоот бо воқеият | Оромӣ дар дарс, такрори бисёркарарта, технологияҳо, ҷузъиёт. Услуби муҷарради баёни итилоот |
| **Векторҳои (самти) интерференсия** | Фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, барқарорсозии тамосҳои нав. Ба даст овардани эътибор дар гурӯҳ | Талабот ба таҳсилот. Саъю талош ба фаъолияти зеҳнӣ, мустақилият. Амиқии донишҳо |
| **Дарки иттилоот** | Кинестетикӣ, том эҳсосотро афзал дониста, ба лаҳну оҳанг ҳассос мебошанд | Дискретӣ, ки эҳсосотро афзал дониста, аксар вақт аудиалӣ буда, камтар визулӣ мебошанд |
| **Коркарди иттилоот** | Босуръат | Оҳиста, пайдарпай |
| **Зеҳн** | Бадоҳатӣ | Мантиқӣ |
| **Эҳсосот** | Экстравертҳо | Интровертҳо |
| **Ҳофиза** | Маъноӣ, образӣ, аёнӣ | Механикӣ, мантиқӣ, нутқӣ |
| **Тафаккур** | Озмоишҳои фикриро мегузаронанд, амсилаҳои сеандозаро ба осонӣ амалӣ месозанд, образҳоро амалӣ месозанд ва иттилоотро оид ба меъёрҳои воқеӣ низомбандӣ мекунанд | Амсилаҳои дуандозаро (дар сатҳ) амалӣ месозанд, аз рӯйи меъёрҳои формалӣ низомбандӣ мекунанд, донишҳо ва ададҳоро амалӣ месозанд |
| **Фаъолият** | Амалия, супоришҳоро бо муҳлати дақиқи иҷроро афзал дониста, худи раванд ҷолиб мебошад | Назария, супоришҳоро бо муҳлати маҳдуднашудаи иҷро афзал дониста, натиҷа ҷолиб мебошад |
| **Худназораткунӣ** | Ба хатогиҳои маъноӣ роҳ медиҳанд, на ҳамеша дурустии нутқро назорат мекунанд | Дурусти нутқ, худназораткунии баланд |
| **Хатогиҳои хос** | Хатогиҳо дар калимаҳо, исмҳои хос аксар вақт бо ҳарфи калон, садонокҳои зададор, зиёданависҳо, сар додани ҳарфҳо | Садоноки безада дар реша, сар додани аломати ҷудоӣ, навиштани ҳарфҳои зиёдатӣ, бандакҳои падежӣ, иваз кардани ҳамсадо бо ҳамсадоҳои дигар |

| Методҳои санҷиш | Саволҳои намуди «кушода», пурсиши шифоҳӣ | Интихоби варианти омодаи ҷавоб аз якчанд. Ҳалли вазифаҳо |
|---|---|---|

Таълимгирандагоне, ки дар онҳо нимкураи рости майнаи сар бартарӣ дорад ба чунин тарзу методу технологияҳои таълим афзалият афзалият медиҳанд:

- ошкорсозии асли ҳаводису ашѐҳо;
- ошкорсозии монанди байни объектҳои мухталиф;
- ошкорсозии ин ѐ он лаҳза дар ҷараѐнҳо;
- ҳуҷуми ақлонӣ;
- тамошо кардани филмҳои гуногуни таълимӣ;
- хулосабарорӣ;
- пешбиникунӣ;
- муқоисаи намудани факту рақамҳо;
- сайѐҳату экскурсияҳо.

Таълимгирандагоне, ки дар онҳо нимкураи рости майна бартарӣ дорад, ба чунин тарзу методу, технологияҳои таълим афзалият медиҳанд:

- пурра таҳлил кардани объекту ҷараѐнҳо;
- таҳлил намудани натиҷаҳои ҳосилшуда;
- ошкорсозии қисмҳо;
- ошкорсозии тафовутҳо;
- вазифаҳои хусусияти мантиқидошта;
- кор бо алгоритмҳо;
- бунѐди категорияҳои мухталиф.

Дар баробари ошкорсозии бартариҳои вазифавии нимкураи рост ва нимкураи чапи майна мақсади мо муайянсозии модилияти таълимгирандагони гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоиши буд.

***Модалият*** –роҳест, ки интихоб гардидааст, ва барои хонандагон қабули ахборот хеле қулай ҳисоб меѐбад (модалият, инчунин усули афзалиятноки тахия ва интиқоли иттилоот мебошад).

Нишондоди мазкур аз аҳамият холӣ нест, чунки он муайянсозандаи усули пекаши маводҳо ва намуди кори  мустақилонаи таълимгиранда ҳисоб меёбад.

Модалият бештар дар амалия зоҳир мегардад, сарфи назар аз ин, мушоҳида имконияти кашфи намояндаҳои саршортарро муҳайё месозад.

***Визуали ифодашуда*** – ин хонандае мебошад, ки ба намуди зоҳирии худ, ба мураттабии дафтар таваҷҷуҳ зоҳир карда, ӯро бетартибӣ дар сиёҳтахта, дар миз, дар либос ва ғайра безобита месозад.

Аудиали ифодаёфта нафарест, ки аксар вақт бо овози баланд он чизеро мехоҳад, ки ӯ мехоҳад ҳифз кунад, талаффуз мекунад. Ӯ ба садои ботинии худ гӯш медиҳад, гӯё ки ӯ худ бо худ маслиҳат мекунад. Аз тиреза нигаристану гапзании ашхоси гирду атрофро шунидан имкон дорад. Вай балки аз шахси нависанда беҳтар нақл мекунад.

Дар раванди озмоиши тавассути мушоҳида мо модалияти таълимгирандагонро муқаррар намудем.

Дар қатори баробари мушоҳида, чун усули илми педагогика, дар кори таҳқиқотии хеш мо методи тафриқагузории модалиятҳо системаи даромаду баромад истифодаи пурра бурдем. Дар зери модалияти *«даромад»* роҳи сенсории воридшавии иттилооти таълимӣ, дар зери модалияти *«баромад»* – роҳи сенсорие фаҳмида мешавад, ки аз рӯйи он фаҳмиш ва ҳифзи иттилооти воридшуда сурат мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар ҷадвали 14 инчунин дар замимаи 8 пешниҳод гардидаанд.

Мо чунин мешуморем, ки ошкоркунии хусусиятҳои психологию педагогии хонандагон ва дараҷаи изтиробкунии онҳо низ зарур аст. Дараҷаи изтиробнокии хонандагон аз ҷониби мо тибқи методикаи Ч. Спилбергер [202, с. 139] бо истифодаи миқёси дараҷаи хударзёбии изтиробнокии шахсиятӣ муайян гардид (замимаи 5). Вижагиҳои шахсии педагогӣ ва психологии хонандагонро муайян сохта, онҳоро дар  ҷадвали – « хоссагиҳои педагогӣ ва психологии синф » ҷойгир кунем (нигаред ба замимаи 9).

**Ҷадвали 14. – Тарҳи мушоҳидаҳо аз болои модалияти хонандагон**

| Модалияти пешбар | Натиҷаҳои мушоҳида аз болои хонанда |
|---|---|
| Визуалӣ | Вақте ки омӯзгор нақл мекунад, аксар вақт ба боло нигоҳ мекунад, гӯѐ ки ҳикояро тасаввур мекунад. Дафтар ҳамеша мураттаб буда, ислоҳот набуда, сабтҳо тозаанд (хатогиҳоро бодиққат тоза мекунад). Намуди зоҳирии худ ва тартибро дар парта ҳамеша нигоҳ медорад. Иттилооте, ки ба таври визуалӣ пешниҳод гардидааст: расмҳо, ҷадвалҳо, тарҳҳоро хуб дарк мекунад. Метавонад якчанд калимаҳоро ҳангоми навиштани диктант сар диҳад. Ба низоъҳо ворид намешавад. Дар дарсҳо ором аст. |
| Аудиалӣ | Ҳангоми қироати матн онро дар худ барои фаҳмиши беҳтар такрор мекунад. Назар ба ҳамсояҳои визуалии худ аксар вақт ҷалб мешавад. Тақлидкунандаи хуб метавонад тавзеҳи омӯзгорро калима ба калима такрор кунад. Беҳтар кор мекунад, агар дар паси партаи алоҳида нишаста бошад ѐ дар синф хомӯшӣ бошад. Ӯ беҳтар нақл мекунад, назар ба он ки менависад. Дар корҳои хаттӣ ба хатогиҳо дар китобат ва ҳиҷоҳо роҳ медиҳад. Дар зеҳн бад ҳисоб мекунад, барои он ки саволро дарк кунад, онро бояд бо овоз талаффуз кунад. |
| Кинестетикӣ | Имкониятро барои даст расонидан ба ҳамсоя, ба ашѐи гуногун дар рӯйи парта ҷустуҷӯ мекунад. Ҷумлаҳоро аз калимаҳо, низомҳоро аз кортҳо хуб тартиб дода, бо амсилаҳо кор мекунад. Бозиҳои серҳаракатро дӯст медорад. |

Дар ҷадвали ин замима тавсифи хоссагиҳои шахсии педагогӣ ва психологии маҳассилин зимни интихоб кардани таъсиррасониҳои мухталифи педагогӣ (ин ҷинси хонандагон, синну соли балоғатӣ, вазъи саломатӣ) истифода мешаванд, оварда шудаанд. Тавре ки натиҷаҳои ҷадвали замимаи 9 нишон медиҳанд, идрок, азхудкунӣ ва дар давраи қабл аз балоғат, давраи болиғӣ ва давраи баъд аз балоғат фарқи калон доранд ва дар корҳои таҳқиқотии баъдина бояд онҳоро ба ҳисоб гирифт [2-М].

Барои таҳқиқоти мо дар замимаи 9 инчунин мизоҷҳои хонандагон (сангвиникӣ, флегматикӣ, меланхоликӣ, холерикӣ) бартарияти нимкураи рост ѐ чапи майнаи сар, инчунин каналҳои асосии идрок – кинестетикӣ, аудиалӣ ва визуалӣ ба назар гирифта шуданд.

Барои муҳасилини дорои сангвиник, холерик,флегматик, ки дорандагон мизоҷҳои шаддатнок ҳисоб меѐбад, дар машғулиятҳо педагог технологияҳои интенсивиро бояд кор барад, аммо истифодаи чунин технологияҳо барои

хонандагони миҷози меланхоликдошта мувофик намебошанд. Илова бар ин, ба миҷози меланхолик сохтани амсилаҳо, нутқи монологӣ дар таълим мувофиқ нест, чунки меланхоликҳо аз ин гуна технологияҳои дар таълим истифодашаванда метарсанд.

Барои хонандагони дорои бартарияти функсияҳои нимкураи рости майнаи сар мо бояд методҳои фаҳмондадиҳию мусаввирӣ, лоиҳавию эҷодии таълим пешбинӣ намоем, зеро ин кӯдакон бо қобилиятҳо ва тавсиф тафовут доранд. Барои хонандагони дорои нимкураи чап ба кор бурдани методҳои масъалавӣ ва эвристии таълим зарур аст, зеро ба онҳо фаъолияти таҳқиқотӣ, мантиқ, ҳадафмандӣ хосанд.

Ба омӯзгор зарур аст идрокоти пешбари хонандагон – ламсӣ, шунавоӣ ѐ биноиро ба инобат гирад, ки муносибати нозуконаро ба интихоби технологияи таълим талаб мекунад. Аудиал нақлҳои эҳсосоти аз ҷиҳати мазмун ҳаҷмнокро хуб дарк карда, кинестетик ва визуал онҳоро бо натиҷанокии кам дарк мекунанд. Кинестетикҳо ва аудиал дарки фаҳмидани ахборат ба шакли ҷадвалу, конспекту, нақшаҳо душвори мекашанд, аммо барои визуалҳо осон аст. Кор бо макетаҳое, ки ҳаҷмашон калон аст, барои кинестетикҳо осону барои визуалҳо ва аудиавизуалҳо мушкил ҳисоб меѐбад.

Аз аҳамияти калон дар таҳқиқоти мо маълумот дар бораи хусусиятҳои инфиродию психологии хонандагон бархӯрдоранд. Изтиробнокӣ аз рӯйи миқѐси Ч. Спилбергер бо холҳо чен карда мешавад [202, с. 108]. Агар сатҳи изтиробнокӣ пасти бошад пас то – то **30** хол, миѐна бошад – аз **30-45** хол, баланд бошад – **45** хол ва зиѐда аз он дода мешавад. Дар вобастагӣ ба шакли машғулият (омӯзиши маводи нав, кори назоратӣ) ин нишондод ба тағйирѐбӣ дучор мегардад.

Дар озмоиш мо хонандагони 15-16 сола ба дараҷаи гуногуни саломатӣ ва изтиробнокии дар вобастагӣ бо шакли машғулият ивазшаванда ширкат варзида, мо ба хулосае омадем, аз критерияҳои доимӣ, яъне фарқият ҷинсӣ, типӣ мизоҷи, модалиятӣ бартарияти нимкураи рост ѐ чапи майнаи сарро истифода бурдан зарур аст.

Сипас формулаҳои инфиродии хонандагон таҳия шуданд, ки дар онҳо, бо такя бо методиҳои Г. Айзенк вижагиҳои инфиродии зерин: фарқияти ҷинсӣ-занона (З) ва мардона (М); миҷозӣ – сангвиник (САН), холерик (ХОЛ), флегматик (ФЛЕ), меланхолик (МЕЛ); хусиятҳои мизоҷӣ – интровертӣ (ИНТ) ва экстравертӣ (ЭКС); ассиметрия функсионалии нимкураҳои майнаи сар (АФНМС) – нафари дорои нимкураи фаъоли чап (ННФЧ), нафари дорои нимкураи фаъоли рост (ННФР); модалият – кинестетик (КИ), аудиал (АУ), визуал (ВИ) ба инобат гирифта шуданд. Дар ҷадвали 15 эҷоди формулаҳои инфиродии хонандагон оварда шудааст.

Таҳқиқот нишон доданд, ки интровертҳо аксар вақт дар миѐни духтарон, экстравертҳо бошанд, дар миѐни навҷавонон дуҷор меоянд. Нафарони дорои нимкураи рост аксар вақт кинестетикҳо, нафарони дорои нимкураи чап аксар вақт аудиалҳо ва аҳѐнан визуалистҳо мебошанд [5-М].

**Ҷадвали 15. – Формулаҳои инфиродии хонандагон**

| № | Ҷинс | Мизоҷ | Хосиятҳои мизоҷ | Ассиметрияи функсионалии нимкураҳои майнаи сар | Модалият | Формулаи инфиродӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| **1** | М (З) | САН | ЭКС | ННР | ВИ | **М (З) СЭПВ** |
| **2** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | ННР | ВИ | **М (З) ХЭПВ** |
| **3** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | ННР | ВИ | **М (З) МИПВ** |
| **4** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | ННР | ВИ | **М (З) ФИПВ** |
| **5** | М (З) | САН | ЭКС | ННЧ | ВИ | **М (З) СЭЛВ** |
| **6** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | ННЧ | ВИ | **М (З) ХЭЛВ** |
| **7** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | ННЧ | ВИ | **М (З) МИЛВ** |
| **8** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | ННЧ | ВИ | **М (З) ФИЛВ** |
| **9** | М (З) | САН | ЭКС | АМБ | ВИ | **М (З) СЭАВ** |
| **10** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | АМБ | ВИ | **М (З) ХЭАВ** |
| **11** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | АМБ | ВИ | **М (З) МИАВ** |
| **12** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | АМБ | ВИ | **М (З) ФИАВ** |
| **13** | М (З) | САН | ЭКС | ННР | АУ | **М (З) СЭПА** |
| **14** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | ННР | АУ | **М (З) ХЭПА** |
| **15** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | ННР | АУ | **М (З) МИПА** |
| **16** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | ННР | АУ | **М (З) ФИПА** |
| **17** | М (З) | САН | ЭКС | ННЧ | АУ | **М (З) СЭЛА** |
| **18** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | ННЧ | АУ | **М (З) ХЭЛА** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **19** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | ННЧ | АУ | **М (З) МИЛА** |
| **20** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | ННЧ | АУ | **М (З) ФИЛА** |
| **21** | М (З) | САН | ЭКС | АМБ | АУ | **М (З) СЭАА** |
| **22** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | АМБ | АУ | **М (З) ХЭАА** |
| **23** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | АМБ | АУ | **М (З) МИАА** |
| **24** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | АМБ | АУ | **М (З) ФИАА** |
| **25** | М (З) | САН | ЭКС | ННР | КИ | **М (З) СЭПК** |
| **26** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | ННР | КИ | **М (З) ХЭПК** |
| **27** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | ННР | КИ | **М (З) МИПК** |
| **28** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | ННР | КИ | **М (З) ФИПК** |
| **29** | М (З) | САН | ЭКС | ННЧ | КИ | **М (З) СЭЛК** |
| **30** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | ННЧ | КИ | **М (З) ХЭЛК** |
| **31** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | ННЧ | КИ | **М (З) МИЛК** |
| **32** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | ННЧ | КИ | **М (З) ФИЛК** |
| **33** | М (З) | САН | ЭКС | АМБ | КИ | **М (З) СЭАК** |
| **34** | М (З) | ХОЛ | ЭКС | АМБ | КИ | **М (З) ХЭАК** |
| **35** | М (З) | МЕЛ | ИНТ | АМБ | КИ | **М (З) МИАК** |
| **36** | М (З) | ФЛЕ | ИНТ | АМБ | КИ | **М (З) ФИАК** |

Дар таҳқиқоти мазкур 127 нафар хонандагон: 52 духтар ва 75 писар иштрок карданд. Формулаҳои шахсиятии онҳо муқаррар карда шуданд, ки дар ҷадвали 15 пешниҳод шудаанд.

Формулаҳои мазкури инфиродӣ барои хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ таҳия гардида, дар ҷадвали 16 ишора карда шуданд.

Тавсифоти хусусиятҳои инфиродии психологию педагогии хоннандагонро доир ба ҳар як гурӯҳ – назоратӣ ва озмоишӣ – бо ҳамин тариқ ба даст оварда, мо тавонистем равандро доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар пояи муносибати ба таври асил инфиродӣ, яъне баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар чараѐни таълим, ба иҷро расонем.

**Ҷадвали 16. – Формулаҳои инфиродии хонандагон**

| № | Формулаҳои инфиродӣ | Духтарон (шумораи нафар) | Писарон (шумораи нафар) |
|---|---|---|---|
| **1** | МИЛВ | 4 | **3** |
| **2** | СЭЛВ | 15 | **16** |
| **3** | ФИЛВ | 6 | **4** |
| **4** | СЭЛА | 5 | **4** |
| **5** | МИАВ | 2 | **5** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **6** | СЭАВ | 17 | **8** |
| **7** | ФИАВ | 1 | **–** |
| **8** | ХЭАВ | 2 | **5** |
| **9** | СЭАА | 2 | **3** |
| **10** | МИАА | 1 | **–** |
| **11** | СЭПВ | 2 | **–** |
| **12** | ХЭПВ | – | **1** |
| **13** | ФИПВ | – | **1** |
| **14** | СЭПК | – | **1** |
| **15** | ХЭЛА | – | **2** |
| **16** | ФИЛК | – | **2** |
| **17** | ФИАВ | – | **5** |
| **18** | **СЭЛК** | **–** | **3** |

**Ҷадвали 17. – Тақсимоти хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озомишӣ дар асоси формулаҳои инфиродӣ**

| № | Формулаҳои инфиродӣ | Н-1 (23 наф.) | | О-1 (27 наф.) | | О-2 (22 наф.) | | О-3 (25 наф.) | | О-4 (23 наф.) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | З | М | З | М | З | М | З | М | З | **М** |
| **1** | МИЛВ (7) | 1 | – | 1 | 1 | 1 | – | – | 1 | 1 | **1** |
| **2** | СЭЛВ (31) | 5 | – | – | 6 | 3 | 3 | 2 | 5 | 5 | **2** |
| **3** | ФИЛВ (10) | – | 4 | 1 | – | 1 | – | 3 | – | 1 | **–** |
| **4** | СЭЛА (9) | 1 | 1 | 1 | – | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | **1** |
| **5** | МИАВ (7) | – | – | 1 | 2 | – | 2 | – | – | 1 | **1** |
| **6** | СЭАВ (25) | 4 | 1 | 2 | 2 | 3 | – | 3 | 5 | 5 | **–** |
| **7** | ФИАВ (1) | 1 | – | – | – | – | – | – | – | – | **–** |
| **8** | ХЭАВ (7) | – | 1 | – | 1 | 1 | 1 | – | – | – | **2** |
| **9** | СЭАА (5) | 2 | 1 | – | – | – | – | – | 1 | – | **1** |
| **10** | МИАА (1) | – | – | 1 | – | – | – | – | – | – | **–** |
| **11** | СЭПВ (2) | – | – | – | – | 1 | – | – | – | 1 | **–** |
| **12** | ХЭПВ (1) | – | – | – | 1 | | – | – | – | – | **–** |
| **13** | ФИПВ (1) | – | – | – | 1 | – | – | – | – | – | **–** |
| **14** | СЭПК (1) | – | – | – | 1 | – | – | – | – | – | **–** |
| **15** | ХЭЛА (2) | – | – | – | 1 | – | 1 | – | – | – | **–** |
| **16** | СЭЛК (3) | – | – | – | 1 | – | 1 | – | 1 | – | **–** |
| **17** | ФИАВ (5) | – | 1 | – | 2 | – | 1 | – | 1 | – | **–** |
| **18** | **ФИЛК (2)** | **–** | **–** | **–** | **1** | **–** | **1** | **–** | **–** | **–** | **–** |

Асли муносибатҳои фардӣ аз ташкили типи мухталифи ахборот аз тарафи педагог аз ҳамкории омӯзгор бо таълимгирандагон барои бадаст ории натоиҷи хуб дар ҷараѐни таълим, ки хусусиятҳои инфиродии муҳасилинро бояд ба ҳисоб гирад, иборат аст [5-М].

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти худ дар амсилаи таҳияшуда шароити педагогии рушди фаъолияти маърифатии фаъол қайд гарда шуданд, ки се ҷанбаи асосӣ: мазмунӣ, ташкилӣ ва субъектиро дар бар мегиранд.

***Ҷанбаи мазмунӣ инро дар бар мегирад:***

– таҳияи низоми супоришҳо ва вазифаҳое, ки ба рушди босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ва фаъолнокии эҷодии маърифатӣ нигарондида шудаанд.

***Ҷанбаи ташкилӣ инро дар бар мегирад:***

– интихоб ва ҷорикунии шаклҳое, ки дар раванди таълим ба рушди фаъолияти эҷодии хонанда ва мубрамсозии таҷрибаи шахсиятии ӯ мусоидат менамоянд.

***Ҷанбаи субъектӣ инро дар бар мегирад:***

– зимни ташкил кардани таълим тарзи роҳбарии демократӣ, зоҳир ҳиссиѐти мусбӣ аз тарафи омӯзгору таълимгирандагон, консепсияи таълимгирандагон, ки ба муваффақиятнокӣ равонааст.

Ба андешаи мо, татбиқи комплекси шароити номбаршуда фаъолияти маърифатии таълимгирандагонро рушд дода метавонад.

***Зимни дида баромадани ҷанбаи мазмунӣ баҳисобгирии рушди босалоҳиятҳои таълимӣ ва босалоҳиятҳои маърифатии ҷараѐни таълим зарур аст:***

– омодасозӣ (шомилкунии супоришҳои масъалавӣ ба раванди таълимӣ);

– ташаккулдиҳанда (фаъолияти беруназдарсии таҳқиқотӣ ва лоиҳавии хонандагон);

– арзѐбикунанда ва ислоҳкунанда (арзѐбии мавқеи фаъоли шахсиятии хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз ҷониби онҳо).

Чунин низомнокӣ ва пайдарпайии корбасти методҳои таълим ва воситаҳои гуногун (супоришҳо, машқҳои маърифатӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ) ташаккули ҳадафманди малакаҳои хонандагонро дар корбасти донишҳо ва қобилиятҳо барои ҳалли масъалаҳои ҳаѐтӣ таъмин намуда, ба ҷустуҷӯи шаклҳои нави кор бо иттилоот мусоидат менамояд.

Дар боло қайд карда шуд, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ раванди таълимӣ аз се ҷузъ: инфиродӣ, вариативӣ ва инвариантӣ иборат аст.

Қисми фардӣ аз машварату мусоҳиба, тренингҳову, дарсҳои инфиродӣ иборат аст. Қисми вариативӣ аз курси интихобии фанҳои биологӣ таркиб ёфтааст ва бо баҳисогирии шавқу ҳаваси муҳассилин ба ин фан ифода мегардал. Қисми инвариантӣ – дарсҳо аз рӯи нақшаи таълимӣ ҳисоб меёбад.

Шароити педагогии дар таҳқиқоти мо пешниҳодшдуа дар се ҷузъи раванди таълимӣ мавриди тасдиқ қарор гирифтанд.

Нақшаҳои машғулиятҳои таълимӣ (ҷузъи инвариантӣ) бо назардошти сифатҳои инфиродии хонандагон таҳия гардиданд.

Ҳангоми ташкили машғулиятҳо доир ба биология мо дар назди худ ҳадафҳои зеринро гузоштем:

– тафриқагузории сохти маводҳои таълим барои мавзӯоти сатҳи гуногуни мураккабдошта: сатҳи ҳадди ақал, сатҳи асосӣ, ва сатҳои пешрафта аз рӯи истилоҳҳои В.В. Гузеев [28, с. 125];

– ташкили малакаҳои зарури сатҳи мухталифи маърифатидошта дар таълимгирандагон;

– интихоби шаклу методҳои кории фаъол бо таълимгирандагон дар ҳар дарс ;

– коркарди системаи масоили сатҳдошта : оид ба мавзӯи мушаххас арзиёбии: ***«қаноатбахш»***; дар сатҳи 1; арзиёбии ***«хуб»*** дар сатҳи 2, арзиёбии ***«аъло»*** дар сатҳи 3;

– коркарди супоришоти фардии иловагӣ аз тарафи хонандагон, инчунин усул ва методҳои ба онҳо мувофиқи педагогии фаъолияти таҳсилӣ, ки дар ҷадвали 18 пешниҳод шудаанд.

**Ҷадвали 18. – Методҳо ва усулҳои педагогие, ки дар асоси формулаҳои инфиродӣ ба кор бурда мешаванд**

| № | Формулаи нфиродӣ | Методҳои таълим | Техникаи иртиботию дидактикии омӯзгор | Шакли таълим |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ФИПВ | Масъалавӣ, эвристӣ | Тарҳрезӣ, намоиш, монолог | Тамошои сужаи виедоӣ, пешбинӣ, ҳуҷуми майнагӣ |
| 2 | СЭПВ | Лоиҳавию эҷодӣ, мусаввирӣ; тавзеҳӣ | Пурсиши хаттӣ, монолог | Таълими барномарезишуда, лексия, тамошои сужаи видеоӣ |
| 3 | ХЭПВ | Лоиҳавию эҷодӣ, мусаввирӣ; тавзеҳӣ | Гузаронидани тест, пурсиши хаттӣ, монолог | Таълими барномарезишуда, лексия, тамошои сужаи видеоӣ |
| 4 | СЭЛВ | Эҷодкорона, масъалавӣ, эвристӣ | Гузаронидани тест, пурсиши хаттӣ, пурсиши шифоҳӣ | Семинар, кор аз рӯйи тамошои сужаи видеоӣ |
| 5 | ФИЛВ | Масъалавӣ, эвристӣ | Тарҳрезӣ, намоишдиҳӣ, монолог | Кор аз рӯйи алгоритм, тамомшои сужаи видеоӣ |
| 6 | МИЛВ | Мусаввирию тавзеҳӣ | Гузаронидани тест, пурсиши хаттӣ | Тамошои сужаи видеоӣ, интихоби варианти омодаи ҷавоб аз якчанди онҳо, ҳалли вазифаҳо |
| 7 | МИАВ | Мусаввирию тавзеҳӣ | Пурсиши шифоҳӣ, муколима | Кор аз рӯйи алгоритм, тамошоои сужаи видеоӣ |
| 8 | СЭАВ | Эҷодкорна, масъалавӣ, эвристӣ | Пурсиши шифоҳӣ, муколима | Ҳуҷуми майнагӣ, тамошои сужаи видеоӣ |
| 9 | ХЭАВ | Эҷодкорона, масъалавӣ, эвристӣ | Пурсиши шифоҳӣ, муколима | Ҳуҷуми майнагӣ, тамошои сужаи видеоӣ |
| 10 | СЭАВ | Муссавирию тавзеҳӣ | Гузаронидани тест, пурсиши шифоҳӣ, пурсиши хаттӣ | Консепктҳо, сигналҳои такявӣ, лексияҳо, тамошои сужаи видеоӣ |
| 11 | ФИАВ | Мусаввирию тавзеҳӣ | Гузаронидани тест, пурсиши шифоҳӣ, пурсиши хаттӣ | Лексия, тамошои сужаи видеоӣ |
| 12 | СЭЛА | Эҷодкорона, масъалавӣ, эвристӣ | Пурсиши шифоҳӣ, мууколима | Таълими барномарезишуда, семинар, лексия |
| 13 | ХЭЛА | Мусаввирию тавзеҳӣ | Пурсиши хаттӣ | Конспектҳо, сигналҳои такявӣ, лексияҳо, кор аз рӯйи алгоритм |
| 14 | СЭАА | Масъалавию, эвристӣ | Пурсиши шифоҳӣ, муколима | Кор аз рӯйи алгоритм, семинар, лексия |
| 15 | МИАА | Мусаввирию тавзеҳӣ | Пурсиши шифоҳӣ, пурсиши хаттӣ, монолог | Кор аз рӯйи алгоритм, лексия |
| 16 | СЭПК | Масъалавӣ, эвристӣ | Пурсиши шифоҳӣ, пурсиши хаттӣ, амсиласозӣ, кори мустақилона | Лексия, кор аз рӯйи алгоритм, лоиҳасозӣ, фаъолияти эҷодии дастаҷамъона |
| 17 | СЭЛК | Эҷодкорона, | Пурсиши шифоҳӣ, | Таълими |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | масъалавӣ, эвристӣ | пурсиши хаттӣ, амсиласозӣ, кори мустақилона | барномарезишуда, методи лоиҳаҳо |
| **18** | ФИЛК | Масъалавӣ, эвристӣ | Пурсиши шифоҳӣ, пурсиши хаттӣ, амсиласозӣ, кори мустақилона | Таълими барномарезишуда, методи лоиҳаҳо |

Натиҷаҳоеро, ки дар ҷадвали 18 пешниҳод гардидаанд, мо дар амсилаи таҳқиқоти худ ҳангоми татбиқи шароити педагогӣ истифода бурдем.

Шароити педагогии амсилаи мо аз ҷанбаҳои мазмунӣ, ташкилӣ ва субъектӣ ташкил ѐфтаанд.

Ба ҷанбаи мазмунӣ мазмуни мавод ва низоми супоришҳое шомил карда шуданд, ки фаъолияти маърифатиро пешбинӣ мекунанд.

Ба ҷанбаи ташкилӣ усуле шомил карда шуданд, ки ба мубрамсозии таҷрибаи шахсии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои инфиродии он нигаронида шуда буданд.

Ба ҷанбаи субъектӣ ташкили раванди таълим аз ҷониби педагог шомил карда шуд, услуби демократии роҳбариро таъмин мекунад.

Ҳангоми таълими равиявӣ ҷанбаи мазмунӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ ба даст овардани донишҳо ва иттилооти саршори сатҳи гуногунро доир ба фанни биология тақозо менамояд. Омӯзгор, бо таълими биология ба хонандагон, бояд баъзе лаҳзаҳоро ба инобат гирад, ки танҳо ба фанни биология хосанд. Масаланд, ҳангоми омӯзиши биологияи умумӣ пешниҳод карда мешавад, ки таваҷҷуҳи хос ба он далел зоҳир карда шавад, ки моддаи зинда – ин шакли махсуси модда дар Коинот мебошад, фаъолияти онро на ҳамеша бо муодилаҳо дар асоси донишҳои танҳо ҷаҳонбиниҳои физикӣ ва химиявӣ тавсиф додан мумкин аст. Моддаи зинда аз моддаи ғайризинда бо он тафовут дорад, ки он метавонад эҳѐ гардида, иттилоотро нигоҳ дорад, онро интиқол дода, кушода диҳад.

Имконияти гузаронидани муқоисаи методҳои илмии маърифати табиати зинда масалан, санъат, ки инчунин методи инъикоси воқеият мебошад, зарур аст. Таълимгирандагон бояд фаҳманд, ки ду усули мухталифи маърифатии муҳит ҳамдигарро истисногу иваз карда наметавонанд. Муҳассилин бояд

дарк кунанд, ки санъатро бо ҳиссиёту табиатшиносиро ба ақли хеш мефаҳмем.дар аксар мавридҳо ин ё он падидаи биологиро, амсоли пайдоиши ҳаёт, ҳаводиси микротаҳавулотӣ, фотосинтез, синтези сафедаҳо ва ғайраҳо дар буриши муайяни вақт ё фазо мушоҳида кардан имконпазир аст (онҳо дар давоми ҳазорҳо сол ё дар микроолам сурат мегиранд), ин падидаҳоро бо усули бавосита амсиласозӣ ва санҷида шаванд. Ҳамаи ин гуногунӣ ва мураккабии маводро ба хонандагон бояд дар намуди донишҳои назариявӣ ва практикумҳо интиқол дод. Аз рӯйи навъҳои алоҳида (созгоршавии организмҳо ба шароити зист, палеонтология, экология ва ғай.), ки доир ба онҳо дастурҳои методӣ вуҷуд надоранд, ба сифати корҳои озмоишгоҳӣ ба хонандагон тартибдиҳии дастурҳои аёнӣ – плакатҳо, рӯзномаҳои деворӣ, тарҳҳо ё ҷадвалҳо пешниҳод карда шавад.

Як қатор ҷузъи ҷараёни таълимиро ба шакли экскурсия ба осорхонаи кишваршиносии маҳал, истгоҳи селексионӣ, намоишгоҳои гулҳо, намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии маҳалӣ ва ғайра гузаронидан мумкин аст.

Ҷанбаи ташкилии шароити педагогии мо дар пояи шаклҳои таълимие асос меёбад, ки ба формулаҳои инфиродӣ ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон такя мекунанд.

Раванди таълимиро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ мо чунин натиҷгирӣ кардем, ки имконияти таснифи раванди таълимӣ аз рӯйи салоҳитнокӣ: вариативӣ, инвариантӣ ва ҷузъҳои инфиродӣ вуҷуд дорад. Ҷузъи вартиативӣ низоми курсҳои интихобиеро дар бар мегирад, ки талабот ва майлу рағбатҳои хонандагони синфҳои болоиро ба инобат мегиранд. Ҷузъи инвариантӣ – ин тарҳрезии дарсҳо мебошад. Ҷузъи инфиродӣ низоми машғулиятҳо, машваратҳо, суҳбатҳо, тренингҳои инфиродиро дар бар мегирад.



**Расми 19. – Амсилаи машғулиятҳо ва методҳои он**

Дар марҳиилаи такрори муқаддимавӣ супориш ба хонандагон бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва формулаҳои инфиродии онҳо пешниҳод курда шуданд. Ҳамин тариқ, ба экстраверти дорои нимкураи рост пурсиши шифоҳӣ; ошкорсозии монандӣ байни якчанд объект, ҳуҷуми

ақлонӣ, пешбинисози, қиёс кардани факту рақамҳо, ҷудокунии моҳияту шароит дар ҷараёни хулосабарорӣпешкаш гардид. Ба интроверте, ки нимкураи фаъоли чап дород, кор бо алгоритмҳо, сохтани ин ё он категорияҳо, пайдо кардани тафовутҳо, таҳлил кардани натоиҷ, супоришоти хусусияти мантиқидошта ва кори ҳар гуна объекту ҷараён, интихоб кардани ҷавоби тайёр ва ғайра пешкаш гардид.

Азбар кардани маводҳои нави таълимӣ аз давраҳои мақсадташаккулдиҳанда, ташкилкунӣ , арзёбӣ ва таҳлилкунӣ иборат аст.

Дар давраи мақсадташаккулдиҳанда чунин шаклу усулҳо, ки фаъолияти маърифатиро фаъолнок мекарданд, мавриди истифода қарор ёфтаанд:

1) аз тарафи таълимгирандагон муайян сохтани далелҳое, ки ғояҳои муҳими дарсро мастаҳкам менамоянд;

2) муҳокима кардани проблемаҳое, ки робитаи маводи гузаштаро бо маводи пешакӣ гузашта барқарор месозанд;

3) гузоштани проблемаю супоришоти эҷодӣ, таърифи коллективона навъ ё методи ҳал аз тарафи омӯзгор:

4) омода сохтан, нишон додани макету аёниятҳо, таҷрибаҳо аз тарафи худи таълимгирандагон;

5) иттилоъ додани масъалаҳои асосии машғулият аз ҷониби педагог (гузориши масъалаҳои машғулият аз ҷониби худи хонандагон роҳ дода мешавад);

6) сабти мустақилонаи нуктаҳои марказии мавзӯи машғулият аз ҷониби хонандагон.

Дар марҳилаи ташкилӣ тарзҳо ва усули зерин ба кор бурда мешаванд, ки рушди фаъолнокии маърифатӣ ва босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ мувофиқат мекнанд:

1) бозтавлиди маводи таълимӣ аз ҷониби хонандгон доир ба масъалаҳои масъалавии базавӣ;

2) ҷудокунии ахбороти навтарин зимни омӯхтани маводҳои таълим ва ҷиҳати мантиқӣ ташкил кардани онҳо;

3) додани маслиҳатҳои инфиродӣ ба таълимгирандагон оид ба маводҳои нав;

4) гузаштани мунтазам аз ба нақшагирифтании ҳаҷму сифату методҳои аз худкардани маводҳои нави таълимӣ аз тарафи муаллим ба тарзи худбанақшагирии омӯзгор, ки аз интихоб кардани сарчашмаи маълумот, методҳои барои азхудкунии маводҳои, таълимӣ иборат аст;

5) таҳияи саволҳои таълимгирандагон оид ба маводҳои таълим ва ҳавасмандкунии фаъолияти маърифатии онҳо;

6) сохторкунии маводҳои таълим ба шакли нақшаву конспекту ҷадвали базавӣ, муайян кардани байни сабабу натиҷа.

Дар ин давра восоити татбиқи муносибатҳои инфиродӣ мавриди истифода қарор меёбанд:

1) тафриқагузорӣ байни маводҳои таълим ва навъи супоришот;

2) муайян намудани вақти лозимӣ аз тарафи омӯзгор барои вохурдан бо таълимгирандагони сустхон;

3) ба нақша гирифтании усулҳои ҳамкориҳо бо таълимгирандагоне, ки ба ин ё он формулаи инфиродӣ дохиланд.

Дар давраи арзёбӣ ва таҳлилкунии чунин шаклу методҳо, ки ба фаъоллияти маърифатии онҳо равонаанд, истифода бурда мешаванд:

1) таҳлили номувофиқатии ҳадафҳои умумӣ ва дастовардҳои шахсии хонандагон, хударзёбӣ;

2) таҳияи усули ислоҳсозии номувофиқатии ҳадафҳои умумӣ ва дастовардҳои шахсии хонандагон, ба мисли: кори гурӯҳӣ, корҳои мустақилонаи хонагӣ, ба маслиҳатчӣ, бо сачашмаҳои гуногун;

3) иҷро намудани корҳои сатҳии самти санҷишидошта (кори санҷиши назоратӣ, кори инфиродии мустақилона, тестиронӣ).

Дар ин давра чунин шаклҳои муносибатҳои инфиродӣ мавриди истифода қарор меёбанд:

1) ҳал кардани вазоифи сатҳӣ;

2) ошкор сохтани норасоиҳо дар донишҳои таълимгирандагон;

3) ҳал намудани масъалаҳое, ки норасоиҳои донишҳои муҳассилинро пурра месозанд.

Бинобар ин, дар таҳқиқоти мазкур рушди фаъолияти таҳсилию маърифатии эҷодӣ, рушди бодиққатӣ бо корбасти функсияҳои зерин дар фаъолияти омӯзгор ва хонанда алоқаманданд:

– ворид кардани унсурҳои шавқангезӣ ба маводи таълимию дидактикӣ;

– дарёфти робитаҳо байни вазифаҳои асосии мавзӯъ;

– муқаррарсозии масъала, вазифаи эҷодӣ дар оғози маводи таълимӣ;

– тарҳрезии таҷриба, озмоишҳо, ки қонуниятҳои табиӣ ё падидаҳои табииро меомӯзанд;

– тартибдиҳии конспектҳо бо сигналҳои появӣ.

Вале ташаккули тахайюли бозэҷодкунӣ дар фаъолияти фикрии эҷодӣ бо барқарорсозии тамосҳои конунманди зершуурӣ байни қисмҳои гуногуни маводи таълимӣ алоқаманд аст.

Мустаҳкамкунии эҷодии маводи таълимӣ такрори маводи гузаштаи таълимӣ дар намуди ибтидоӣ, васеъсозӣ, амиқсозии минбаъдаи он мебошад.

Усул ва шаклҳоеро, ки ҳангоми мустаҳкамкунии мавод истифода гардида, ба ташаккули фаъолияти маърифатии фаъол ва босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагон мусоидат менамоянд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Давраи мақсадташаккулдиҳӣ:

1) супоришоти эҷодӣ барои таълимгирандагон;

2) тайёр кардани таълимгирандагон ба интихоб кардани сатҳи маводҳои таълим, усулҳои ҳамкориҳо дар низоми «хонанда-омӯзгор», навҳои фаъолият дар таълимӣ.

Дар ин давра муносибатҳои инфиродӣ ба тариқи зайл татбиқи худро меёбанд:

1) ҷудосозии масъалаҳо аз рӯйи мушкилӣ, аҳамияти назариявию амалии худ;

2) муайян намудани усулҳои ҳамкориҳо бо таълимгирандагоне, ки ба ин ѐ он формулаи инфиродӣ дохил мешаванд.

Дар давраи ташкилӣ чунин шаклу усулҳо истифода мегардад, ки босалоҳиятҳои таълимӣ- маърифатиро рушд медиҳанд:

1) таҳлили супоришҳои иҷрошудаи эҷодӣ аз ҷониби омӯзгор, худтаҳлилкунии ҳалҳои супоришҳои мазкур аз ҷониби худи хонандагон;

2) машаваратдиҳии инфиродии хонандагон, ки ба рушди салоҳиятҳои таҳсилию маърифатӣ (донишҳо ва малакаҳо) – и онҳо дахл дорад;

3) гузариши равон аз банақшагирии ҳаҷм, самарабахшӣ, методҳои азхудкунии маводи таълимӣ ба худбанақшагирӣ, ҳалли супоришҳои сатҳҳои муайяни мураккабӣ аз ҷониби омӯзгор;

4) ҳалли супоришҳои пешниҳодшуда аз ҷониби хонандагон;

5) ҳалли мустақилонаи супоришҳои эҷодӣ.

Марҳилаи мазкур воситаҳои зеринро барои амалисозии муносибати инфиродӣ дар бар мегирад:

1) ҷудо кардани супоришҳо аз рӯйи мураккабӣ, муҳиммияти назариявӣ ва амалиявӣ;

2) кори инфиродии омӯзор бо хонандагони сустхон;

3) майянсозии равшани вақт барои гузаронидани машғулияти иловагӣ бо хонандагони сустхон аз ҷониби педагог, ҳамкориҳо дар низоми хонанда;

4) ҳамкориҳо байни таълимгирандагоне, ки ба ин ѐ он формулаи инфиродӣ дохил мешаванд.

Дар давраи арзѐбӣ-натиҷавӣ чунин шаклу усулҳо, ки босалоҳиятҳои талимӣ- маърифатиро рушд медиҳанд, истифода мебаранд:

1) сабт кардани арзѐбии хеш, таҳлилу ва худтаҳлилкунии номувофиқатиҳо дар муваффақиятҳои инфиродии таълимгирандагон ба мақсадҳои таълимӣ дар маҷмуъ;

2) усулҳои ислоҳкунии номуваффақиятҳо дар сатҳе, ки ба даст оварда шудааст, ба мақсадҳои таълимӣ дар маҷмуъ;

3) норасоиҳои халалрасонанда ба иҷрои корҳои эҷодкорӣ дар босалоҳиятҳои таълимӣ-маърифатии муҳассилин;

4) натиҷагирӣ аз корҳои назоратии ҷамъбастшуда;

Дар ин давра муносибатҳои инфиродӣ бо чунин воситаҳо амалӣ мегарданд:

1) ҳаллу фасли вазоифи сатҳӣ;

2) муайян кардани норасоиҳо дар донишҳои муҳассилини алоҳида;

3) ҳаллуфасли супоришот дар заминаи норасоиҳои ҷойдошта.

Ҳангоми тарҳрезии супоришҳо барои хонандагон, талаботи зеринро истифода бурдем:

– афзоиши мураккабӣ: супоришҳо ва вазифаҳо бояд маводеро дар бар гиранд, мувофиқаткунанда ба сатҳи паст, сатҳи миёна ва баланд бошад, ба таълимгирандагон аз рӯи тартиби афзудани мураккабшавӣ пешкаш гарданд;

– тамоми супоришот гуногуншакли кори таълимгирандагонро бояд ба назар гирад;

– маҷмӯи супоришҳо бояд сифатҳои инфиродии хонандагон: сифатҳои идрок ва азхудкунӣ, намудҳои гуногуни фаъолияти фикрӣ, намудҳои ҳофизаро пешбинӣ кунад;

– ғайр аз супоришҳои асосӣ, истифодаи вазифаҳои ёридиҳандаи ҷамъбасткунанда зарур аст;

– супоришҳо аз рӯйи мафҳумҳо, далелҳои омӯхташаванда, супоришҳои ҳавасмандсозанда бо хулосаҳои натиҷаҳо, корбасти шабоҳат;

– супоришҳои калидӣ, яъне супоришҳое, ки далелҳо ё шаклҳои фаъолиятеро, ки барои ҳалли супоришҳои дигар ва азхудкунии ғояҳои омӯхташаванда заруранд, баррасӣ мекунанд;

– ҳалли ҳар гуна вазифаҳо бояд барои ҳамаи хонандагон фаҳмо бошад.

Хуллас, рушди фаъолнокии маърифатӣ дар доираи ҷузъи инвариантӣ таввасути супоришоти нақшави дар таълим, кори мустақилонаву супоришоти ба эҷодкорӣ талқинкунандаи таълимгирандагон дар асоси ин ё он формулаи

шахсиятӣ амалӣ гардид. фаъолияти мустақилона ва хонандагон, бо такя ба онҳо мавриди татбиқ қарор гирифт.

Дар синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии равиявӣ ташкили курсҳои интихобӣ афзалият дорад, ки талабот ва ҳавасмандии хонандагонро ба инобат мегирад. Курсҳои интихобӣ – ин курсҳо аз рӯйи интихоби хонандагон мебошанд, аз ин рӯ чунин шуморидан мумкин аст, ки фардисозии таълим ноил шудааст. Ҳангоми шомилсозии курсҳои интихобӣ ба раванди таълим консепсияҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст:

– муттаҳидсозии маводи таълимӣ доир ба фанҳои табиатшиносӣ;

– ташкил кардани ҳамкориҳо байни таълимгирандагоне, ки вижагиҳои гуногуни инфиродиро доранд;

– коркарди нақшаву, мақсадҳои якгхела дар корҳои таълимгирандагон, масалан, бадастории донишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба таърихи биологияи умумӣ, муайян сохтан ва таҳлил кардани самту равияҳои табиатшиносӣ чун пояи ташаккулдиҳии эҷодкории хонандагон;

– ташаккул додани фаъоллияти маърифативу эҷодкории хонандагон дар доираи ин ё он супориш.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷузъи инфиродӣ низоми машваратҳо, суҳбатҳо, тренингҳо ва машғулиятҳои инфиродиро дар бар мегирад.

Ҳадафи машваратҳои инфиродӣ инҳоанд:

– кумак ба хонандагон дар интихоби роҳҳои инфиродии омӯзиши маводи таълимию маърифатӣ;

– ёрӣ ба таълимгирандагон зимни иҷро кардани супоришоти эҷодидошта ( реферат, хабар, тайёркунии намоишгоҳ);

– ёри ба таълимгирандагон зимни ҳал кардани масъалаҳо таввасути саволҳое, ки наздик мекунанд, алгоритми ҳалли онҳо.

Зимни гузаштан ба донишу маҳоратҳои мукаммалу муайянсозандаи асли ки моҳият объектҳо, такондиҳии инкишофи фаъолнокии кори ақлии

хонандагон тақозо мегардад. Мо чунин меҳисобем, ки қисмҳои фавқулзикр ба таълим ҷавобгӯ мебошад.

Дар манбаҳои психологӣ ба муҳассилини фаъолу эҷодкор чун анъана хоссагиҳои зерини кори ақлониро медиҳанд:

– пазируфтани ҳал кардани ин ё он супориш бо усулҳои мухталиф;

– ҳатмӣ будани кори мустақилонаи хонандагон бе ҳеҷ гуна луқмапартоӣ;

– набудани маҳорату малакаҳо дар ҳал кардани масъалаҳои ба ҳам монандидошта;

– бадастории натиҷаҳои навтарин дар кори таълимӣ- маърифатии хонандагон;

– қаблан номаълум будани усулҳои ноилгардӣ ба чунин натиҷаҳо.

Муҳассилини фаъол сатҳи баланди эҷодӣ ва босалоҳиятҳои лозимии таълимӣ- маърифатиро дорад. Мақсади таълимгиранда набояд танҳо омӯзиши биология ва физикаю математика бошад, чунки дар раванди аз худ кардани фанҳои таълимии фавқулзикр сатҳи маърифатии ӯ бояд баланд бардошта шавад. Натиҷаи заруриро на шахси танҳо донишдор ба даст меорад, балки шахсе муввафақ мегардад, ки қобилияти бадасорӣ, ташкилу корбурди донишҳои ҳосилшуда дар ин шахс инкишоф ёфтаанд.

Гузаронидани озмоиши рушддиҳандаро ба анҷом расонида, натиҷаҳоро ба даст оварда, мо таҳлил, коркарди математикӣ ва шарҳу тавзеҳи онҳоро иҷро кардем, ки дар зерфасли оянда пешниҳод гардидаанд. Ба андешаи мо, натиҷаи ҳосилшуда зинаи 5-уми технологияе мебошад, ки мо онҳо таҳия кардаем.

### 2.3. Таҳлили натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ

Аз натоиҷи даври 2-юми корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидашуда хулосае бояд баровард, ки байни вазъияти педагогӣ бо баҳисобгирии вижагиҳои шахсии таълимгирандагон, сатҳи фаъолияти маърифатӣ ва ташаккулёбандагии фаъолияти таълимӣ-маърифатии онҳо алоқаи дутарафа мавҷуд аст.

Дар давраи 3-юми корҳои таҷрибавию-озмоишӣ чунин вазифаҳо ҳалли худро ёфтанд:

1) таҳияи натоиҷи корҳои озмоишию таҷрибавӣ ба методи омори математикӣ;

2) ба роҳ мондани таҳлилкунии назариявии, психологӣ ва педагогии таҷрибавӣ-озмоишӣ таҳқиқот ва шарҳи натоиҷи он;

3) хулосабарорӣ аз натоиҷи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ.

Дар давраи 3-юми таҳқиқот усулҳои тавсифу таҳияи оморӣ математикӣ корбурд гаштанд.

Дар озмоиши мазкур меъёри асосии фаъолияти фаъоли маърифатӣ рушдёфтагии босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ ҳисобида мешавад. Ва босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ бо дараҷаҳои малакаҳои умумитаҳсилӣ – эҷодию ташаккулдиҳанда, омехтаю пурмаҳсул ва тақлидию тазаккурӣ андозагирӣ карда мешавад. Маҳз онҳо нишондиҳандаҳои босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ шуморида мешаванд.

Ҳисобкунии нишондоду меъёрҳои педагогӣ мушкил нест. Аммо дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастории бузургиҳо кофӣ нест. Таҳияи математикии онҳо зарур мебошад. Бо мақсади муайян сохтани дараҷаи эътимодияти натоиҷи дар таҳқиқот ҳосилшуда коэффисиентҳои таъсиррасонро аз рӯи алгоритмҳо бо мақсади тасдиқ кардани натоиҷи ҳосилшуда, ҳамчунин аз усулҳои хи–квадрат барои муайянсозиии фарқиятҳо байни бузургиҳои воқеан бадастомада ва назариявӣ истифода бурдем.

Дар озмоиши педагогии худ арзёбии сифатнокии машғулиятҳо бо корбасти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) дар курси таҳияшудаи интихобии *«Биология дар таърихи фарҳанг ва тамаддунҳо»* гузаронида шуд.

Зимни таҳқиқоти мазкур объекти мушоҳидаи мо ҷараёни омӯзиши фанни биология дар курсҳо аз рӯи интихоб бо корбурди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ҳисоб меёфт. Дар зимни таҳқиқот мо варақаҳои мушоҳидакунии дарсҳоро, ки аз тарафи В.П. Беспалко. [24, с. 215] пешниҳод гардидааст, истифода бурдем.

Сифатнокии татбиқи машғулиятҳои курсҳо бо корбасти конструксияҳои компютерии равандҳо ва падидаҳои биологӣ (амсилҳои компютерӣ-динамикӣ ва ҷамъбасткунанда) аз ҷониби мо аз рӯйи меъёрҳое муайян карда шуд, ки аз ҷониби В.П. Беспалко [25, с. 84] таҳия гардидааст:

1. Коэффисиенти самарабахшӣ аз рӯйи алгоритми идоракунӣ ($К_с$) (аз рӯйи низоми ҳадафманд)

$$К_с = \sum \frac{(\boldsymbol{m_i} \cdot Т_{эт})}{М \cdot Т_З},$$

ки дар он: $m_i$ – шумораи таълигирандагоне, ки дар дарсҳои якканизоми мақсаднок ширкат варзиданд:

$Т_{ЭТ}$ – вақтест, ки барои кор ҷудо карда шудааст;

$Т_З$ – вақтест, ки барои дарсҳо ҷудо карда шудааст;

М – теъдоди таълигирандагони гурӯҳи таълимӣ.

Аз ин рӯ, коэффисиентҳои самаранокӣ дар доираи алгоритмҳои идоракунанда миқдоран идоракунии кори муҳассилинро нисбатҳои мақсадҳои кори таълимӣ-маърифатӣ нишондиҳандаи муҳим мебошад.

2. Таввасути чунин формула *($К_Ф$)*ҳисоббарорӣ мекунем. Кори таълимии таълимгирандагон нисбати мақсади дарсҳо мувофиқи чунин формула ҳисобарори мегардад:

$$К_Ф = \sum \frac{\boldsymbol{m_j} \cdot Т_{ЭТ}}{\boldsymbol{m_i} \cdot Т_{ЭТ}},$$

ки дар ин ҷо: $m_j$ – теъдоди шогирдоне, ки кори таълимиро бо мақсади дарс мутобиқ кардаанд ва дар якканизомии мақсаднок фаъолият менамоянд;

$m_i$ – теъдоди муҳассилине, ки супоришотро дар доираи якканизомии мақсаднок иҷро мекунанд.

$Т_{ЭТ}$ вақтест, ки барои кор ҷудо карда шудааст.

3. Коэффисиенти умумии самарабахшии машғулияти таълимӣ ($К_{см}$) Аз ҷамъи коэффисиенти пешакӣ ҳисоб карда шудаи самарабахшӣ аз рӯйи алгоритми идоракунӣ ва коэффисиенти самарабахшӣ аз рӯйи алгоритми фаъолият аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: $К_{см}=К_и \bullet К_ф$

Дар озмоиши аз ҷониби мо санҷиши натиҷанокии машғулиятҳо гузаронида шуда, ки дар онҳо амсилаҳои компютерии равандҳо ва падидаҳои биологӣ ба кор бурда шуданд, бо тартибдиҳии кортҳои мушоҳидаҳо тасдиқкарда шуд, ки аз рӯйи онҳо коэффисиентҳои умумии самарабахшии машғулият доир ба биология *«Назарияи худтавлидшавӣ»* ва инкори онҳо ҳисоб карда шуданд. Корти мушоҳидаи машғулияти мазкур дар намуди ҷадвали 20 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 20. – Корти мушоҳидаи машғулияти «Назарияи худтавлидшавӣ» ва инкори онҳо**

| № марҳила | Номгӯйи марҳилаи машғулият | Ҳадафи марҳила, БЭТ | Вақти марҳила, ТЭТ | mi – шумораи хонандагон дар мононизомҳо | | | | | | | | | mj |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | |
| **1** | Дарси муқаддимавии омӯзгор | – | 1 | 10 | – | – | – | – | – | – | – | – | 0 |
| **2** | Кори хонандагон бо амсилаи компютерӣ | III | 20 | – | – | – | – | – | – | 7 | 3 | – | 10 |
| **3** | Иҷрои супориш | II | 9 | – | 6 | – | 4 | – | – | – | – | – | 0 |
| **4** | Гузариши тести компютерӣ аз ҷониби хонандагон | III | 12 | – | – | – | – | – | – | – | 10 | – | 10 |
| **5** | Рефлексия | III | 3 | – | – | – | – | – | – | – | 10 | – | 10 |
| | Ҳамагӣ: | | 45 | | | | | | | | | | |

Бо истифодаи корти мушоҳида коэффисиентҳои самарабахшӣ ҳисоб карда шуданд.

1. Коэффисиенти самарабахшӣ аз рӯйи алгоритми идоракунӣ **(**$К_с$) ташкил дод: $К_с$= 0,71.

2. Коэффисиенти самарабахшӣ аз рӯйи алгоритми фаъолият ($К_Ф$), ки аз рӯйи формула ҳисоб карда шуд, ташкил дод: $К_Ф$=1.

3. Коэффисиенти умумии самарабахшии машғулияти таълимӣ ($К_{см}$) ташкил дод:

Бузургии бадастомадаи коэффисиенти самарабахшии умумӣ натиҷанокии баланди машғулиятҳои гузаронидашавандаро нишон медиҳад.

Тибқи маълумоти методикаи пешниҳод шуда, ҳадафҳои машғулиятҳо иҷрошуда шуморида мешаванд, агар коэффисиенти самарабахшии умумӣ $К_{см}$>0,8 мебошад. Вале бузургии коэффисиенте, ки лар методика истифода гардид, маънои тақвият ѐфтани ҳофиза ва таваҷҷуҳи хонандагонро дошт, ва азбаски дар назди мо чунин ҳадаф гузошта нашуда буд, бинобар ин бузургии аз ҷониби ҳисобшудаи коэффисиенти мазкурро қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст.

Ғайр аз ин, ба хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ тести ҷамъбастӣ пешниҳод гардид, ки аз 9 супоришҳо ташкил ѐфтааст (замимаи 10). Дар ҷадвали 21 натиҷаҳои хонандагон то гузаронидани озмоиш, ва дар ҷадвали 22 – баъди гузаронидани озмоиш пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 21. – Гузаронидани тестихонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ то озмоиш**

| | Супоришҳои тест | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| **Н, шумораи хонандагон** | 3 | 0 | 2 | 2 | 8 | | | | |
| **Н, %** | 6,8 | 5,2 | 8 | 3,2 | 8,8 | 4,3 | 4,1 | ,1 | |
| **О, шумораи хонандагон** | 8 | 8 | 20 | 7 | 5 | 1 | 4 | | |
| **О, %** | 0,2 | 7,8 | 7 | 3,8 | 7 | 0,7 | 3,1 | ,8 | ,2 |
| **Ҳамагӣ, %** | 8,5 | 6,5 | 7,5 | 3,5 | 8,1 | 2,5 | 3,1 | ,45 | ,2 |

**Ҷадвали 22. – Гузаронидани тести хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ баъди озмоиш**

| | Супоришҳои тест | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| **Н, шумораи хонандагон** | 13 | 10 | 22 | 12 | 18 | 3 | 3 | 1 | 0 |
| **Н, %** | 56,8 | 45,2 | 98,3 | 53,2 | 78,8 | 14,3 | 15,2 | 5,3 | 0 |
| **О, шумораи хонандагон** | 85 | 59 | 120 | 67 | 97 | 21 | 20 | 5 | 6 |
| **О, %** | 68,7 | 47,8 | 96,7 | 53,8 | 78,4 | 12,7 | 14,4 | 5,1 | 4,6 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ, %** | 62,75 | 46,5 | 97,5 | 53,5 | 78,1 | 13,5 | 14,8 | 5,2 | 4,6 |

Дар ҷадвали 22 дида мешавад, ки гурӯҳи озмоишӣ шумораи хонандагоне, ки супоришҳои тестро дуруст ҳал кардаанд, афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, хонандагон тавонистанд ба ҳамаи саволҳои тест, ғайр аз саволи дуюм, беҳтар ҷавоб диҳанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои озмоиш дар маҷмӯъ мо натиҷаҳои зеринро ба даст овардем.

Дар натиҷаи татбиқи кори озмоишӣ таҳлили натиҷаҳое, ки то оғози озмоиш ба даст омаданд, ва натиҷаҳое, ки баъди гузаронидани озмоиш ба даст омаданд, гузаронида шуд. Нишондиҳандаҳои тафаккури мантиқӣ, интиқоли таваҷҷуҳ, ҳаҷми таваҷҷуҳ, нишондиҳандаҳои таваҷҷуҳи кӯтоҳмуддат мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар ҷадвали 23 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 23. – Нишондиҳандаҳои ҳофиза ва таваҷҷуҳи хонандагон дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ то ва баъди озмоиш**

| Гурӯҳ | Шумораи хонандагон | Арзёбӣ | Ҳофизаи кӯтоҳмуддат, % | Ҳаҷми таваҷҷуҳ, % | Интиқоли таваҷҷуҳ, % | Тафаккури мантиқӣ, % | Таҳлили мураккаб, % | Ҷудокунии шонаҳо, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **То озмоиш** | | | | | | | | |
| **Н** | 23 | Аъло | 8,6 | 4,3 | 4,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | | Хуб | 43,5 | 43,5 | 43,5 | 39,5 | 0,0 | 18,4 |
| | | Қаноатбахш | 36,8 | 39,5 | 36,8 | 44,7 | 71,1 | 60,5 |
| | | Аз меъёр паст | 13,2 | 10,5 | 10,5 | 15,8 | 28,9 | 21,1 |
| **О** | 23 | Аъло | 4,3 | 4,3 | 12,9 | 4,3 | 0,0 | 4,3 |
| | | Хуб | 33,3 | 38,1 | 38,1 | 19,0 | 0,0 | 28,6 |
| | | Қаноатбахш | 42,9 | 42,9 | 42,9 | 52,4 | 52,4 | 47,6 |
| | | Аз меъёр паст | 19,0 | 14,3 | 4,8 | 23,8 | 47,6 | 19,0 |
| **Баъди озмоиш** | | | | | | | | |
| **Н** | 23 | Аъло | 6,6 | 5,3 | 5,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | | Хуб | 44,3 | 44,7 | 47,4 | 39,5 | 0,0 | 18,4 |
| | | Қаноатбахш | 36,8 | 39,5 | 36,8 | 44,7 | 71,1 | 60,5 |
| | | Аз меъёр паст | 13,2 | 10,5 | 10,5 | 15,8 | 28,9 | 21,1 |
| **О** | 23 | Аъло | 4,8 | 4,8 | 14,3 | 4,8 | 0,0 | 4,8 |
| | | Хуб | 33,3 | 38,1 | 38,1 | 19,0 | 0,0 | 28,6 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Қаноатбахш | 42,9 | 42,9 | 42,9 | 52,4 | 52,4 | 47,6 |
| | | Аз меъѐр паст | 19,0 | 14,3 | 4,8 | 23,8 | 47,6 | 19,0 |




**Расми 16. – Диаграммаи то озмоиш**




**Расми 17. – Диаграммаи баъди озмоиш**

Барои тасдиқ кардани натиҷаҳои таҳқиқот мо методи $x^2$ – квадратро истифода бурдем, ки мутобиқатро байни падидаҳои назариявӣ (тахминшаванда) ва мушоҳидашавандаро муайян месозад.

Баъди муқоисаи натиҷаҳое, ки дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ба даст омаданд, дида мешавад, ки фарқиятҳо дар онҳо ночизанд.

Супориши якум, дуюм ва чорум ба сатҳи омехтаю пурмаҳсули рушди фаъолнокии маърифатӣ, супоришҳои сеюм ва панҷум – ба сатҳи тақлидию тазаккурии ташаккулёбии фаъолнокии маърифатӣ ва саволҳои супоришҳои шашум – нуҳӯм – ба сатҳи эҷодию ташаккулдиҳандаи рушди маърифатӣ мувофиқат намуданд.

Ҳамзамон, баъд аз натиҷагирӣ аз тестиронӣ аѐн гардид:

– муайянсозии мақсадҳои  супориш аз ҷониби 68,7% таълимгирандагон дар қиѐс бо 62,9% то кори таҷибавӣ-озмоиш мустақилона иҷро карда шуд;

– 49,6%-и таълимгирандагон ба муратабсозии вазифаҳо (то кори таҷибавӣ-озмоиш – 46,7%) қобиланд;

– нақл кардани матн – 78,4% (то озмоиш – 78,6%) хонандагон;

– гузаронидани муколимаҳо ва мубоҳисаҳо – 18,9% (то озмоиш – 7,5%) хонандагон;

– ба ашѐ ва падидаҳо тавсифи микдорӣ ва сифатӣ дода метавонанд – 18,3% (то озмоиш – 13,5%) хонандагон;

– гузаронидани таҷрибаи элементарӣ ва тавсифи он – 6% (то одитарин – 3,8%) хонандагон;

– эҷоди амсилаи падида ѐ раванд – 6,8% (то озмоиш – 3,8%) хонандагон. Натиҷаҳои мазкур ҷадвали 24 ва расми 18 ба сифати гистограмма пешниҳод гардидаанд, ки дар онҳо тақсимоти хонандагони гурӯҳи оозмоишӣ аз рӯйи маҳоратҳои умумитаҳсилӣ то ва баъди гузароидани озмоиш нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 24. – Тағйир сатҳҳои маҳоратҳои умумитаҳсилии хонандагони гурӯҳи омоишӣ дар раванди озмоиши педагогӣ**

| | Сатҳҳои маҳоратҳои умумитаҳсилӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Эҷодию ташаккулдиҳанда | Омехтаю пурмаҳсул | Тақлидию репродуктивӣ |
| **То озмоиш** | | | |
| **Шумораи хонандагон** | 5 | 75 | 43 |
| **% хонандагон** | 4,1 | 61,0 | 35,0 |

| Баъди озмоиш | | | |
|---|---|---|---|
| Шумораи хонандагон | 8 | 80 | 35 |
| % хонандагон | 6,5 | 65,0 | 28,5 |




**Расми 19 – Ичрои супоришҳои тест аз ҷониби хонандагони гурӯҳи озмоишӣ (то ва баъди озмоиш)**

Дар чадвали 25 дида мешавад, ки баъди гузаронидани озмоиш дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи хонандагоне, ки ба сатҳҳои эҷодию ташаккулдиҳанда, омехтаю пурмаҳсули рушди фаъолнокии маърифатӣ мувофоқат мекунанд, афзоиш ѐфтааст. Вале шумораи хонандагоне, ки сатҳи тақлидию репродуктивии рушдро нишон медиҳанд, ба таври ночиз кам шудааст расми 20.




**Расми 20. – Ташаккулѐфтагии маҳоратҳои умумитаҳсилӣ дар гурӯҳи озмоишӣ то ва баъди озмоиш (ЭТ – эҷодию ташаккулдиҳанда, ОП – омехтаю пурмаҳсул, ТТ – тақлидию тазаккурӣ ( репродкутивӣ)**

Фарқиятҳо байни гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ аз рӯйи нишондиҳандаи ЭТ 96% фоизро ташкил медиҳанд, зеро бузургии $x^2$ ки дар раванди озмоиш ҳисоб карда шуд, ба 7,6 баробар мебошад, он аз бузургии $x^2$ назариявӣ зиёдтар аст, ки ба 5, 9991 баробар мебошад.

Фарзияро пешниҳод мекунем – гурӯҳҳои назоратӣ (ГН) ва озмоишӣ (ГО) фарқияти асоси надоранд, ки меъёри истифодашудаии $x^2$ барои муқоисаи натиҷаҳо дар ГН ва ГО то озмоиш бадастомада дар ҳарду гурӯҳ ва баъди гузаронидани озмоиш мувофиқат мекунанд. Бузургии $x^2$ барои ГН ва ГО то озмоиш ба 9,4 баробар аст, яъне мо фарзияро қабул мекунем. Дар ҳолати дуюм, яъне баъди гузаронидани озмоиш, $x^2$ барои сатҳи эҷодию ташаккулдиҳанда 9,4; барои сатҳи омехтаю пурмаҳсул – 8,244 ва барои сатҳи тақлидию тазаккурӣ (репродуктивӣ) – 14,865 ташкил дод. Ҳамин тариқ, тафовутҳо байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ баъди гузаронидани озмоиш эҳтимолияти 94% барои сатҳи эҷодию ташаккулдиҳанда ва 98% барои сатҳҳои омехтаю пурмаҳсул ва тақлидию тазаккурӣ ташкил медиҳанд.

